РАЪНО МИРЗОЕВА

# ГУЛИ РАЪНО

Душанбе
«Адиб»
2013

ББК Тоҷик 7-5
Р-54

Муҳаррир *Гурез Сафар*

Р-54 **Раъно Мирзоева. Гули раъно.** (Ғазалҳо, дубайтӣ, чаҳорпораҳо ва рубоиҳо). – Душанбе, «Адиб», 2013, 240 саҳ.

«Гули раъно» фарогири рубоӣ, дубайтӣ, чорпора ва ғазалҳои шоираи хушкалом Раъно Мирзоева буда, ифодагари ишқи поку самимӣ, муҳаббати бепоён ба халқу диёр ва мардуми хушрӯзгор мебошад.

ISBN 978-99947-2-235-5

© Нашриёти «Адиб», 2013.

# ҒАЗАЛҲО

* * *

Ман тан бидодам ин дам, бишкан ғуруру мастӣ,
Чун хоки раҳ фитодам, шукри Худо, ки ҳастӣ.

Бо ёди рӯи моҳат умри дигар бихоҳам,
Чун қибла саҷда созам бар тарки худпарастӣ.

Меҳри туро ба сина чун булбуле бихоҳам,
То бинамат чу ошиқ дар барги гул нишастӣ.

Эй тӯҳфаи заминӣ, як дам назар ба маъшуқ,
Рӯзе шавад, ки донӣ қалби киро шикастӣ.

Саҳл аст сар кашидан чун найшакар ба афлок,
Чун бурё шавӣ паст, нолӣ, ки карда мастӣ.

Раъно, чӣ ғам буд имрӯз бар сар чу кӯҳ фитода,
Кӯтаҳ шавад туро умр, гарчи дароздастӣ.

* * *

Ҳайфи он лабҳои Махфӣ бар лаби ёре нашуд,
Бар лаби лаъли нигори шаҳдгуфторе нашуд.

Сабру тоқатро чӣ созад, бин, ки умраш рафт, рафт,
Бар мукофоти сабурӣ ҳеҷ ғамхоре нашуд.

Бесабурон ҳар замон дастобагардан, хандапеч,
Дасти ӯ кӯтоҳ шуд, бар гардани ёре нашуд.

Булбуловозе агарчи буд ҷо шуд дар қафас,
Ҷуғз дар вайронашинӣ ҳамчу ӯ хоре нашуд.

Ҳайф, гашта қомати ҳамчун санавбар бебаҳо,
Хам бигардид аз алам, зеро ки пурборе нашуд.

Рӯи зебо, мӯи мушкин, олами ақли расо,
Бурд бо садҳо алам, чун ки сазоворе нашуд.

* * *

Чӣ бахт аст ин, чӣ толеъе, гулам, чун хор мегардам,
Зи хиҷлат мешавам обеву дар ҷӯбор мегардам.

Муҳаббат дар дили мискин ба ранги лола гулгун аст,
Зи бахти бемурувват бин, зи ғунча хор мегардам.

Талоши ман талоши бахт, саъйи тахту шӯҳрат нест,
Вале аз бахти пушти дар шуда безор мегардам.

Даруни мавҷи сатри шеърам ою қисматам бингар,
Аҷаб қисмат, ки ман дорам, қаландарвор мегардам.

Лаби лаъли шакарро бин ба ҷуз маънӣ дигар н-ояд,
Лабам аз оҳ пурхун гашта, ранги нор мегардам.

Ҳаётам меравад поён, сари ҳар як қадам армон,
Зи ишқат, эй бути бераҳм, чун паргор мегардам.

* * *

Ман туро дӯст чунон медорам,
Баҳрат аз чарх қамар меорам.

Дар замин хоки раҳат мегардам,
Ҳамчу борони вафо меборам.

Сабзасон малҳами пои ту шуд,
Гул зи ишқу ҳавасам мекорам.

Хонда бар гӯши ту ҳамчун булбул,
То ки зинҳор нагӯӣ хорам.

Сояи қомати дилҷӯи туам,
Бинишин, гоҳ бипурс асрорам.

Гар бипурсӣ, кӣ бувад ин Раъно,
Як зани гулруху гулашъорам.

* * *

Садоям нолаи бечора дорад,
Чу абрам сояи овора дорад.

Гиребони ғаму дарди дили ман
Бубин, чок асту садҳо пора дорад.

Нигар, чашмам ба роҳи ту ҳама рӯз
Зи гиря об чун фаввора дорад.

Ба дарёи дилам бингар, бубинӣ,
Чӣ асроре чу санги хора дорад.

Биё, эй андалеби боғи қисмат,
Бубин, Раъно чӣ сонат зора дорад.

* * *

Шаби маҳтобу гулбазми баҳорӣ,
Ба шеъри ишқоҳангам хуморӣ.

Даруни боғи қисмат мехиромад,
Қасам хӯрда зи ёрӣ устуворе.

Шаби маҳтобию гул мекунад ноз,
Қабояшро кушояд ғунча чун роз.

Ба гӯши муғҷа булбул нола мекард,
Тавалло карда мегуфт аз вафо боз.

Шаби моҳтобу ишқу қиссахонӣ,
Фалак пур гашт аз рози ҷавонӣ.

Фазои ошиқӣ сад ранг мезад,
Худоё кун ҷавонӣ ҷовидонӣ!

* * *

Ғамхор гашта бар дигарон, нотавон шудам,
Ағёр лофи худ заду ман безабон шудам.

Дар ин замон, ки кас ба касе ёру дӯст нест,
Қоил ба кори душмани охирзамон шудам.

Чун булбуле, ки аз ғами гул мекунад фиғон,
Оҳе кашида, тӯъмаи дарди ҷаҳон шудам.

Оташзанон зи дарди замона тани чу гул,
Сад пора лахт аз ситами дӯстон шудам.

Ман нотавони қисмату дарди ҷаҳон наям,
Аз он чи кард дӯст, зи дарди ҳамон шудам.

Додат ба гӯши халқ расад он гаҳе чу панд,
Раъно ҳамон даме, ки чу тири камон шудам.

* * *

Аз нахли хеш ор макун, сар кашидаӣ,
Аз худ марав ту, эй ки ҷафоро надидаӣ.

Домони чок – чоки худатро кашон зи даҳр,
Имрӯз гарчи қолаби ҳастӣ даридаӣ.

Аз оҷизӣ пеши рақибон сухан магӯ,
Чун бо ду пои хеш ба ин ҷо расидаӣ.

Афсус, ин замон ҳама ёрон забонианд,
Ҳушёр бош, қолаби ҳастӣ надидаӣ.

Раъно ба гӯши хеш шунав панди рӯзгор,
Чандон, ки ранҷ аз пайи ёре кашидаӣ.

Тамкину сабр мояи одамгарӣ бувад,
Тавфиқ ҷӯ, чӣ хирқаи тоқат даридаӣ.

* * *

Бо ҳавас ин қомати раъноиям мавзун бишуд,
Аз хароши нохуни ғам пайкарам гулгун бишуд.

Олами афсонаамро то намудам пур зи ҳарф,
Аз танӯри хонаи дил дуди ғам берун бишуд.

Мӯъминиро пеша карда, пеши по дидам савоб,
Хам бигашта то гирифтам, ашки ман Ҷайҳун бишуд.

Табъи саршори муҳаббат дидаму кардам суол,
Сирри онро то бифаҳмам, сабри дил вожун бишуд.

Зиндагиро дида гуфтам, ту чӣ мехоҳӣ зи ман?
Ҳар сухан баҳри шикорам лашкари Қорун бишуд.

Қисмати Лайливу Маҷнун чун бипурсидам зи шамъ,
Ашки ӯ бар тан хамиду лахт- лахти хун бишуд.

Нолаи бечорагият бар кӣ Раъно мекунӣ?
Қимати кас аҳли дилро ҳар замон қонун бишуд.

* * *

Ҳавои ишқи ту дорам, чӣ созам ман дигарҳоро,
Ҳавас бозикунон рақсид, рақси мавҷи дарёро.

Чӣ шӯр асту қиёмат бин, барои дидани рӯят,
Фидоят дар ду олам менамоям ман сару поро.

Баҳору гул агар хандад, сафо резад ба чашми кас,
Сафо бошад, ба лабханде намоӣ шод агар моро.

Зи хатти ҷӯи лаб, бингар, фақат дурдона мерезад,
Табассум лангаре дорад лаби шаҳду шакархоро.

Ба сад ранге занад рӯям, агар наздики ман оӣ,
Зи сар то пои ман, бингар, бубинӣ нақши Раъноро.

Саломам дар гулӯ печад чу марҷони хати гардан,
Ишора карда узри худ, биҷӯям роҳи дилҳоро.

Зи хотир бурдаӣ Раъно, ки тақдират чӣ мехоҳад,
Заминӣ бош, агар ҷӯӣ, биҳишту нахли тӯборо.

* * *

Чӣ мехоҳем аз ин дунё, Худоё, мо намедонем,
Ҳуруфи лавҳи қисматро қироат карда натвонем.

Ду дасти мо гуноҳиву ду чашми мо чаро носер,
Зи дил кину хусуматро чаро умре намеронем?

Ҳариси молу мулкем аз чӣ, оё мо намемирем?
Чаро лутфу муҳаббатро ба қалби худ намехонем?

Даруни сина пурсанг аст, кӯҳи сахтро монем,
Зи чӣ пайванди аслиро ба ҷои худ набиншонем.

Фурӯ рафтан ба чоҳи маргро аз ёди худ бурдем,
Чаро кирдори бад бар кас, чу дар олам намемонем?!

* * *

Маънии ҳар суханаш чун вараќи Ќуръон аст,
Зодгоҳе ки варо ҳаст, беҳ аз Канъон аст.

Мерасад аз нафасаш накҳати фирдавси барин,
Васфи рӯяш бикунам, то ба тани ман ҷон аст.

Хонаи чашми варо маскани ошиқ дидам,
Натавон пой кашид аз ватане, ки ҷон аст.

Гарчи мастии фалак зад сари мо, паст бишуд,
Тоқату сабри маро дидаву ӯ ҳайрон аст.

Доду нодода ба мо аз хати пешона бувад,
Махзани ганҷ бигуфтанд, ки дар вайронаст.

Бирав, афсонаи дил шоми сияҳ мебарадат,
Он чи ки бахт бувад, ӯ ба сари пайкон аст.

Аламу дарди дилам аз шараре оташ шуд,
Сатрҳои аламам чанд асару девон аст.

Ҷуз зи ишқеву вафо қисмати Раъно чӣ бувад,
Пас чаро ҳар нафасаш оташи тансӯзон аст?

* * *

Соғару паймонаро аз сабр пурсон мешавам,
Як қадаҳ бар лаб гирифта сахт сӯзон мешавам.

Рӯ ба рӯи хеш дида қомати хамгаштаам,
Ашки ғамро аз ду чашмам тез резон мешавам.

Даст бар мӯям намуда тори дил нохун занам,
Китфро дарҳам кашида ғуссаларзон мешавам.

Тарҳи пешонӣ бидида, бар хаташ созам назар,
Хотиротам хонда аз ӯ мори печон мешавам.

Шарҳи ҳоламро бипурсам аз ду зулфи кач̣макач̣,
Дар шиканҳои хами ӯ боз сарсон мешавам.

Ин чӣ сабр асту тааммул, аз куч̣о пурсам дигар,
Худ ба худ аз рашки дунё маҳви мич̣гон мешавам.

Хондаам андешаҳоят, эй гули Раъно, чӣ суд!
Дод гуфта аз насибам, ҳолгардон мешавам.

* * *

Сабр кун, гӯянд агар, бар сабр ҳам бовар макун,
Корро бо ақли худ кун, бо гапи дигар макун.

Моҷарои хонаатро ҳамчу сирри тан бидон,
Меҳри худро бо қаринат ҳеҷ гаҳ камтар макун.

Гӯш кун ҳарчи бигӯянд, аз пасаш андеша кун,
Дар миёни ҳар набарде хешро довар макун.

Гар Худо додат чу Ҳотам, дасти мардумро бигир,
Бо зару бо моли дунё тоҷро бар сар макун.

Аз миёни камбизоат то ба ҷое мерасӣ,
Ҳамнишинӣ айб набвад, ҷои худ дигар макун.

Бар худододон чӣ рашке, чун Худо дода ба ӯ,
Бар забонат раҳм бинмо, аз забон наштар макун.

Ишқи поки одамиро бо хирад омехтанд,
Ғофили дунё мабошу хокро ба сар макун.

Дидаӣ дайри дударро, аз қазо андеша кун,
Эй гули Раънои доно, тавбаро камтар макун.

* * *

Бар мардуми хирадкам айшу тараб ғанимат,
Бар он ки ёфт мансаб, ному насаб ғанимат.

Чашми бахил танг аст, некӣ набинад асло,
Он ки дилаш чу шом аст, ҳар як сабаб ғанимат.

Кай кори хайр ҷӯяд, он ки Худо надонад,
Гавзӯри беҳаёро садҳо лақаб ғанимат.

Ошиқ кучҷо хӯрад қанд бе маъшуқу ҷамолаш,
Шаҳду шакар нахоҳад, нӯше зи лаб ғанимат.

Ақлу фаросати худ мон паҳлуи тарозу,
Раъно хулоса бинмуд, илму адаб ғанимат.

* * *

Ҳамеша ман ҳама корам ба гиря оғозам,
Зи дасти тири ҳасад паст гашта парвозам.

Ба ёди рафтани умр ончунон, ки бигристам,
Нафас намонду биафсурд ҷумла овозам.

Куҷо ҳавову ҳавас аз ҷафои кулфати даҳр,
Бигашт аз раҳи ишқ он кӣ буд ҳамрозам.

Ба қадри хеш расидан зи поси имон аст,
Ку раҳмате, ки биёбон шавад чу Шерозам.

Азизи ман ки чу Юсуф нашуд сабур, чаро
Манам ба ранги Зулайхо, ба чоҳ н-андозам.

Макун шикояти қисмат ба ҷаҳл, эй Раъно,
Маро ҳар он чи Худо додааст, менозам.

* * *

Гар суроғам бинамоӣ ту, ба сар меоям,
Аз садои паи пои ту ба дар меоям.

Ту маро бону махон, гоҳ бихон бандаи хеш,
Ҳамчу як лаҳзаи зебо ба назар меоям.

Сад фиғон, аз аламаш нолаи ман хест чу най,
Гӯш кун нағмаи ман, ки чу шакар меоям.

Ҳамчу шабнам бинамо, то ки расам як нафасе,
Ҳадяи субҳи саҳар, мисли гуҳар меоям.

Оҷизам дур зи ӯ, ҳадяи Офоқ куҷост?
Аз паи Шамс ба монанди Қамар меоям.

* * *

Ахтари тобандае дар субҳгаҳ гӯям туро,
Нотавон худрову лекин подшаҳ гӯям туро.

Он қадар болобаландӣ, дасткӯтоҳем мо,
Хоки по худрову сарви сабзагаҳ гӯям туро.

Аз паят девонагиву норавоӣ кардаам,
Дар чунин ҳангомаҳо ҳам бегунаҳ гӯям туро.

Ҳамчу шамси осмонӣ сӯхтан кардӣ насиб,
Аз паят овора гашта ҳамчу маҳ, гӯям туро.

Мо ғизолони рамида аз нигаҳ тарсидаем,
Лафзи ширинат шунида, сарпанаҳ гӯям туро.

Мо талоши ишқ дорему таманнои висол,
Не сару савдо бихоҳам, не кулаҳ гӯям туро.

Эй гули Раънои танҳо, қисматат ин аст, дон,
Аз аҷал ҳаргиз натарсам, бегунаҳ гӯям туро.

* * *

Ба дил нуре зи ишқат партавафшон шуд, кароматшуд,
Чӣ қудрат буд ӯро, қалби беморам саломат шуд.

Ба сар омад надидам пеши поямро чӣ сеҳре буд,
Ба вақти рафтани ӯ дар дили ман як қиёмат шуд.

Чӣ шӯре буду савдое зи кору бору савдояш,
Дили озурдабори ман пур аз бори маломат шуд.

Зи сели чашми гирёнам равад ҳосил зи армонам,
Чӣ кардӣ бо дили мискин, надонистам, ки ғорат шуд.

Кунун бечора гаштам ман, илоҷи кор рафт аз даст,
Ба қалби бегуноҳи ман зи дасти ту ғаромат шуд.

* * *

Ҳавоят дар хаёли ишқбозам рақс месозад,
Ки ҳар як гардиши ӯ чун нафас аз умр мебозад.

Чӣ рӯшан кардаӣ чун шамъ ин дам синаи торик,
Даруни шишаи қалбам ҳаё аз лутф менозад.

Забон гӯёву ҷон гӯё, шакархониву шӯру базм,
Сухан каф мезанад аз ишқ, аҳсан гуфта пардозад.

Ҳама бар якдигар моил, ба кори ишқи ту қоил,
Чу май аз қудрати ҷоме, ҳама бар шӯр андозад.

Чӣ мол аст ин, чӣ ҳол аст ин, ки зар бо зар намегиранд,
Куҷост он як тарозуе муайян қудраташ созад.

* * *

Ёри ман, ғам додаву бин кӯҳи ғам кардӣ маро,
Хоки пои нокасон дар ҳар қадам кардӣ маро.

Хонаи инсоф сӯзад, инчунин хорам намуд,
Чун гули мушки сиёҳи берақам кардӣ маро.

Хуни дилро рехтиву соғараш бишкаста тез,
Дар набарди ишқу армон чӣ ҳакам кардӣ маро.

Чун сабуксорони дунё ин амал кардӣ раво,
Бевафоям, ғарқаи дарёи ғам кардӣ маро.

Ҷабри дунёро чӣ созам, ҷабри ту хунам кунад,
Дар сари кӯи ҷудоӣ чун алам кардӣ маро.

Бар заифон даст додан пешаи пайғамбарист,
Аз раҳи хубӣ гузашта, бас ситам кардӣ маро.

* * *

Маро май аз лаби чун лоларангини ту мефорад,
Ҳавои ишқи атромез бар ман бод кай орад.

Шабе аз осмони бахт чун ахтар туро ҷустам,
Бидидам ахтари ҳуснат, зи лутфат нур меборад.

Забонам дар даҳон лолу хаёлам аз сарам бигрехт,
Надонистам чӣ созам то қабояш шаб набардорад.

Фурӯғи ҳусни ту ҷӯям зи гулзори муҳаббат боз,
Худоё, бе гули рӯят баҳори ман чӣ мекорад?!

Сухан беҳуда мегӯӣ, умедат бар кӣ мебандӣ?
Қаламро бӯса кун, Раъно, ғаматро боз бардорад.

* * *

Фиристам муждае аз ишқ бо боде, бихон охир,
Бигир аз боду тавре хон ба рафти ин замон охир.

Бидеҳ пайки муҳаббатро ба гарди роҳи ҳиҷронам,
Гунаҳкори ҷудоиро зи роҳи мо бирон охир.

Бубин тӯфони ишқатро даруни хуну пайвандам,
Ки меҷӯшад саропо аз дилам то бар забон охир.

Асири хеш месозӣ низоми сабру тоқатро,
Ба ҳолам мезанад қаҳ- қаҳ қаламкаш ҳар замон охир.

Ниҳон дар парда меояд зи кунҷи қисматам уммед,
Надонам пардапӯширо, чу Мусое бихон охир.

Вале шукри ту мегӯям, агарчи бо чунин ҳолам
Қаламкуш мешавад Раъно, зи ҷабрат бе камон охир.

* * *

Туро дар дил чӣ гуфторест, ман нашнида медонам,
Қаламкаш он чи бинвиштаст бар пешона, мехонам.

Агар дурӣ зи ман, аммо ба дил наздиктар кас нест,
Суханро чун намози ишқ бо номи ту мехонам.

Кушо чун субҳ абрӯят, гиреҳ аз ғунчаи рӯят,
Худоро шукр мегӯям, ба ёдат умр меронам.

Дареғи субҳи уммедам, ки бе ту тираву тор аст,
Малаксон дӯзахиям, лек бин, ки зинда бе ҷонам.

Наӣ Ҳофиз, ки то фаҳмӣ азоби корвон дар чист,
Кашам бори ғами ишқат ба ҳар як тори миҷгонам.

Ҳавои бодаи ишқаш фиребат мекунад Раъно,
Вале бо сабру тамкинат чӣ гӯям, моту ҳайронам.

* * *

Ғами дунё ҷаве арзиш надорад,
Ҳазорон ҷон канӣ, ҳосил наорад.

Кӣ гуфто ҳосил аз фарзанд бошад,
Ғами фарзанд бар хокат супорад.

Бубин, фарзанд зебу зиннати даҳр,
Азобаш сад кашӣ, парво надорад.

Тамошои ҷаҳон кун, ки равӣ боз,
Ки пирӣ гар расад, он ҳам нафорад.

Чунон кун зиндагии оқилона,
Ки рӯзи мурданат нафрат наборад.

Ҷавониву тиҳидастӣ бигӯянд,
Сахидастӣ накӯномӣ бар орад.

Ғуломи ҳар нафас будан гуноҳ аст,
Чу мурда зинда шуд, қурбе надорад.

* * *

Чаро он ёри ҷонӣ кинавар шуд,
Насиҳатгӯи ман, бин, ҳиллагар шуд.

Чунон ӯ нуктасанҷу нуктадон буд,
Намедонам, ки аз чӣ беҳунар шуд.

Ба гӯшам лаҳни ширинаш чӣ хуш буд,
Зи баъди чанд гоҳе дарди сар шуд.

Куҷо шуд рӯи некӯи фаришта,
Қавоқу чини абрӯ бештар шуд.

Натарсида зи қавли додаи худ,
Забони булбулаш чун нештар шуд.

Надида ёри ҷонии дилашро,
Ба он ки кӯрдил буд, хештар шуд.

Ба фарёди дили Раъно, ки н -омад,
Дарахти умри ӯ, бин ,бесамар шуд.

Ба ин сон бевафо ёрӣ чӣ лозим,
Чу дар мулки дилам тороҷгар шуд?!

* * *

Як дам биё, фасонаи дилро ту гӯш кун,
Пур шуд зи панд дохили паймона, нӯш кун.

Умре зи пушти зиндагӣ ноҳақ давидаем,
Чун най ба худ биё, ту даме сад хурӯш кун.

Дарду алам барор паси нағмаҳои най,
Як дам ба ёди умр нишин, тарки ҳуш кун.

Эй ҷону дил, ба нохуни худ пардадар машав,
Кайфияте зи ҷоми майи майфурӯш кун.

Мастона чашми ёр барад ҷони норасид,
Раҳме ба ҷону ҳоли мани дарднӯш кун.

Оташ мазан ба тори дилам, сарви хушқабо,
Як лаҳза фикри қомати ғамгинапӯш кун.

Раъно, ту мард бошу макун хам сари баланд,
Ту такя бар китоби насиҳатниюш кун.

* * *

Чу дарёям зи қаъри кӯҳи ҳасрат,
Пур аз хунам зи ҷабру зулму кулфат.

Равон аст ин замон умри худодод,
Ба ҳар як тобише бишнида ғурбат.

Ғубори дил равад печон ба афлок,
Надидам то кунун аз даҳр шафқат.

Шабона ғамгусорам моҳу парвин,
Зи сардии танам Шамс аст ҳайрат.

Ситора акси худро дида гӯяд,
Ду чашми чор дорам, вои қисмат.

Канорам беканору ғамбарор аст,
Вале чӣ дидаам аз дасти ҳиммат.

Худоё, бор ту борони меҳрат,
Шавад пур доманам аз оби роҳат.

Аё Раъно, чу дарё панд дорӣ,
Сари ҳар мавҷ дорӣ як насиҳат.

* * *

Бубин, бори гарон аз дил ба дил афтоду мушкил шуд,
Шикасту рехт уммедам, харобу тор манзил шуд.

Ба уммеди висоли ӯ кашидам ранҷи танҳоӣ,
Зи оҳу нола сад бори гарон бар гардани дил шуд.

Тариқи ошноиро нафаҳмида, шудам бадном,
Даруни синаи тангам, зи ғайбат ҷои маҳфил шуд.

Қарор аз ман фирорӣ шуд, ғурурам сар ба боло шуд,
Ба дарёи дилам бингар, ҳавас берун зи соҳил шуд.

Баҳорам бар хазон омад, чу ғунча лаб набикшодам,
Дами оҳу фиғонам сӯхт, бин, аз вай чӣ ҳосил шуд?

Ба зери барги хумморам даме, ки ман панаҳ ҷустам,
Фано шуд ин панаҳҷоям, ҳаётам боз мушкил шуд.

Туро умре намебахшам ба ин сон бевафоиҳо,
Дили пурмеҳри Раъно аз бароят сахт ғофил шуд.

* * *

Вафо аз бевафоён, бин, чаро ки дур мегардад,
Ҷафоро пеша карда, лек худ масрур мегардад.

Зи лутфу меҳрубонӣ ҳаҷру дуриро ҳамеҷӯяд.
Ба каф паймонаву думболаи ангур мегардад.

Каламкаш мекунад худро барои даргаҳи қисмат,
Асояш дасти ошиқҳо, вале худ кӯр мегардад.

Тани ошиқхураш бингар, чу қапқонест ошиқдор,
Дурӯя чун фалак доим пайи ранҷур мегардад.

Саропо сархушиҳояш зи танҳоии дилдорон,
Садояш бо садои най саропо ҷӯр мегардад.

Тамоми ҳасрати дунё зи дасти аз намак дураш,
Касе дил медиҳад бар ӯ, пасон дар гӯр мегардад.

* * *

Оби чашмам гавҳари ишқи ту буд,
Гавҳари чашми маро ишқи ту суд.

Оташи ҷонсӯзи ишқат нест кард,
Оқибат хоки раҳи поят намуд.

Чун хазонам кардию ҳосил талаф,
Ғунчаамро бод бурда ё ҳасуд.

Ҳолати раъноиям кардӣ хазон,
Ранги сурхи лолагунам шуд кабуд.

Essayон олуда гаштам бо алам,
Оҳгӯён ҷоннисорам дар суҷуд.

Нест бодо ҳосили бе ишқи ту,
Гар надорад сидқу дарде дар вуҷуд.

Ғунчаи Раъно нагардад ҳамчу гул,
Чун ки аз ишқат бисӯзад беҳудуд.

* * *

Замон бар ҷумла оқил бевафо будаст, донистам,
Дили мӯъмин чу арши кибриё будаст, донистам.

Аз он, ки бо ҳазорон макр молу сарвате дорӣ,
Ҳалолу поктар рисқи гадо будаст, донистам.

Забон сар то қадам лаҳму надорад қудрати зӯрӣ,
Ситезу иллату заҳраш бало будаст, донистам.

Дар ин айёми талху шӯр меҳри одамӣ барканд,
Ягона пуштибони кас Худо будаст, донистам.

Кабӯтар дар ҳаво, олудаи хун аст минқораш,
Кучое зиндагӣ бошад, қазо будаст, донистам.

Бубин «Шаҳнома» -и дунё, ки ғайри нуқта чизе нест,
Дар охир як калима – «Алвидо»! будаст, донистам.

Мазан бар санги шайтонӣ даҳони пур зи Қуръонро,
Ки он майхора Хайём авлиё будаст, донистам.

* * *

Офтоби зиндагиро зан парастиш мекунад,
Тифли фардои заминро ӯ навозиш мекунад.

Меҳри беҳамтои худро Шамсу Парвин мекунад,
Бо камиҳои ҳаёташ зуд созиш мекунад.

Бегуноҳи пургуноҳе карда худро баҳри мард,
Аз барои бахту нангаш боз кӯшиш мекунад.

Суфраву паймона карда қалби саршори ҳавас,
Баҳра бардоред гуфта, боз хоҳиш мекунад.

Мӯшикофӣ карда ҷӯяд ризқи фарзандони хеш,
Аз Худовандаш ба тифлаш рисқ пурсиш мекунад.

Модару ҳусни замину одамӣ чун ҳаст ӯ,
Зери ин маънои ҳастӣ санг болиш мекунад.

Зан баҳору зан нигору зан нумӯи асрҳост,
Хома ҳам сар хам намуда, зан навозиш мекунад.

* * *

Дидаву дил аз фироқат сӯхт, лекин хом монд,
Заҳри ғамҳои чашида то абад дар ком монд.

Бо хаёлат тораҳои ишқи худ кардам гиреҳ,
Оқибат дар нимароҳаш бе сару анҷом монд.

Офтоби дидаи ман, ончунин тӯле кашид.
Бехабар аз кори дунё, андаруни шом монд.

То бидидам толеи бечораи худро ба чашм,
Зору хору ашкрезон, бо ҳамон андом монд.

Гар чу шамъе дар шабистон рӯшанӣ андохтам,
Лек ишқи поки Раъно аз вафо ноком монд.

* * *

Ҳамчу мӯе меҳмони оташам,
Дар дами оташ азобе мекашам.

Завқи дидан бар гули рӯяш рабуд,
Заҳри бори ишқро, бин, мечашам.

Дудаи ҳиҷрони ман шуд парзанон,
Абр шуд аз дасти ёри саркашам.

Нолаи бечорагиам хурд най,
Гарм набвад базму рӯи дилкашам.

Накҳати гул бар кӣ лозим бе ҳавас,
Шабнамам гар, сӯхтан кард оташам.

* * *

Ошиқам, оғуштаи дардам,
Нест ҷуз ишқат раҳовардам.

Ҷон гирифта дар паноҳи ишқ,
Қад кашида, лек хунсардам.

Чун баҳори бо хазон пайванд,
Лолаи хунини танзардам.

Баски қалби ошиқӣ дорам,
Душмани ҳар марди номардам.

Зиндагиро дӯст хоҳам дошт,
Ман аз ин роҳам намегардам.

* * *

Агар зи ёди ту рафтам, маро суроғ биё,
Барои ғунчаи худ, булбулам, ба боғ биё.

Ту эй парандаи ошиқ, ки хор мехоҳӣ,
Ситез карда ба ман кардаӣ димоғ, биё.

Барои малҳами он дил, ки сахт озурдӣ,
Чу оби Кавсари мино шуда фароғ, биё.

Замини қалби мани зор аз ғамат хушкид,
Чу абри раҳмате бар синаҳои доғ биё.

Баҳор омада, қалбам ҳанӯз торик аст,
Ба чашми ман ту кунун чун гуле суроғ биё.

* * *

Ошиқи нохалафон кори хатост,
Ҷабр бар синаи бомеҳру вафост.

Дили бечораи дар банди ҳавас
Баҳри тадбир чу як марди гадост.

Пои қисмат зи ҷафо обилазор,
Оқибат оташи ғам ёр варост.

Натапад ин гуна дилҳо ба умед,
Чунки пояш ба замин сар ба ҳавост.

Мурдан аз дасти аҷал боке нест,
Мурдан аз пушти ҳавас кори хатост.

* * *

Офтоб аст оразат дар мулки ман,
Инқилобе ишқи ту андар бадан.

Субҳ дар ҳусни расо мисли ту нест,
Васф созам рост н-ояд дар сухан.

Шом гӯям, мӯи ту мушкинтар аст,
Гул бипурсам, нест мислат дар чаман.

Қомататро рашк созад сарв ҳам,
Чунки набвад мисли ту сарву суман.

Ин қадар зеболиқо кардат Худо,
Шаҳд гардад номи некат дар даҳан.

Марг ҳам бечора аст аз дасти ту,
Чун хаёлат зинда созад дар кафан.

* * *

Дурӯза умри маро сарфи ҷовидонӣ кун,
Бихезу боҳавас ин дам ту зиндагонӣ кун.

Чаро, ки умр чунин бошаду ту бехабарӣ,
Биёву бахти маро ҷон ту осмонӣ кун.

Агарчи қисмату бахти сикандариям нест,
Худ ову қисмату ишқи маро ҷаҳонӣ кун.

Калому лафзи маро ошиқон намедонанд,
Зи ҳар ҳиҷо суханам, сад сухан маонӣ кун.

Ҳумои зулфи маро ин қадар пареш мабин,
Ба зери боли худ овар, нигоҳбонӣ кун.

Бубин ту қудрати ишқи ҳалоли Раънoро,
Ба худ биёву маро як рафиқи ҷонӣ кун.

* * *

Эй хазон тез гузар, равнақам озор гирифт,
Ғунча пажмурду кунун ҷои варо хор гирифт.

Табли ғамро машикан, эй дили дарҳамшиканам,
Эй сафо, даст мазан, оина зангор гирифт.

Сафҳа аз ёд бирав, кори ман осон бикунӣ,
Он чи буд қадр маро, оҳи ҷигархор гирифт.

Мо магар пир шудем, эй дили беҳавсалаам,
Аз хиҷолат ҳавасам ҷомаву дастор гирифт.

Бағали гарми маро сард хаёли ту намуд,
Он ҳама саҷдаи ман ёди ту, куффор, гирифт.

Бигзар аз пеши хаёл, эй шафақи шомзада,
Обу оташ, ба Худо, ин лабу рухсор гирифт.

Эй Худо, ман чӣ кунам, худ ба раҳи меҳр бубар,
Ин аҷалро, бинигар, тӯша ба якбор гирифт.

Дили Раъност назаркарда, дар он нек нигар,
Он ҳама сӯхта, бин, аз назарат бор гирифт.

* * *

Ба рӯзи сахти танҳоӣ
Куҷоӣ ту, намеоӣ.

Туро аз бод меҷӯям,
Туро чун гул намебӯям.

Куҷоӣ ту, манам танҳо,
Худоё, кун варо эҳё.

Чу лола хун зи сар то по,
Ҷудоям аз бари саҳро.

Чаро дигар намебинӣ,
Канори ман намешинӣ?

Зи гулбоғи висоли хеш
Бароям гул намечинӣ.

Биёву пуштибонӣ кун,
Чу ёре меҳрубонӣ кун.

Дили Раъно пур аз меҳр аст,
Бигиру қадрдонӣ кун.

* * *

Эй ишқ, чаро чу заҳрогин шакарӣ,
Бар шоми ғарибии ғарибон қамарӣ.

В –он дил, ки бузург асту зи Ҳақ бунёд аст,
Бар ҷунбиши он сабаб ту бо як назарӣ.

Аз сеҳри ту бегона ҳама хешу табор,
Чун Шамсу Қамар ҷудо, вале ҳамсафарӣ.

Гаҳ фитнаву гаҳ сӯзишу гаҳ ишваву ноз,
Раҳме бикуну баро зи ин каҷназарӣ.

Эй санги фитодаи ба оҳу оташ,
Машкан ҳаваси банда ба ин бадгуҳарӣ.

Бемазҳабу бедину халоиқбунёд,
Халқе зи алам ғулому ту бехабарӣ.

Умре аҷалу қасам туро гап дода,
Гоҳе бикушӣ зи ҷаҳлу гоҳе сипарӣ.

Пас гӯ, ки чаро бидуни ту нест ҷаҳон,
Ё худ зи ҳамон биҳишту дӯзах асарӣ?

Раъно накунад туро маломат ҳаргиз,
Зеро, ки ту ҳам ризои бунёдгарӣ.

* * *

Тоҷикистон, хоки ту кошонаам,
Кош меҳрат пур кунад паймонаам.

Тӯҳфаи Яздониӣ чун модарам,
Дар канорат Каъба шуд вайронаам.

Бо ту ман ҳастам чу Дорои ҷаҳон,
То ту ҳастӣ гавҳару дурдонаам.

Гар надидам Чину Мочин, Ҳиндро,
Нест мислат кишвари афсонаам.

Гарчи қадратро надонад ин замон,
Қасри ваҳдат мешуморам хонаам.

Дар ҷаҳони маъниву созандагӣ
Ҳар сари санги ту бошад лонаам.

Нест моро кинаҷӯӣ дар ҷаҳон,
Ошно кардӣ ту бо бегонаам.

Сад ҳазорон соли дигар шод зӣ,
Ғамбарорам, модарам, ҷононаам.

Ҳамчу Раъно ошиқи майҳан шавед,
Ишқи ӯ шамъ асту ман парвонаам.

* * *

Аё Одам! Чӣ ҳол аст, ин чӣ маҳшар!
Назар кун дӯстии ҳафт ахтар.

Бас аст он моҷарои Ҳом бо Сом,
Барои нафси бад аз баҳри хоҳар.

Чаро бо хуни ҳам рухсор шӯем,
Чаро маҳкум карда, ҳукм ҷӯем.

Дар ин дунёи дун, ки як нафас ҳаст,
Чу хоре дар раҳи ҳам мо бирӯем?!

Аё Одам! Дари ҳастӣ кушоданд,
Ба пешат роҳи бахтатро ниҳоданд.

Зи Ҳақ пайғом шуд сидқу сафое,
Ки то пӯяд раҳи неку вафое.

Аё Одам! Туро ҳар дам ғанимат,
Намеранҷӣ, агар гӯям ҳақиқат.

Даме шукронаи ҳастӣ намо ту,
Ки то нафтад пасон он тавқи лаънат.

* * *

Чу барге дар хазонӣ, зардӣ, эй дил,
Чу булбул ошиқу ҳамдардӣ, эй дил.

Агарчи хандаҳои сард дорӣ,
Чу қалби ошиқонат мардӣ, эй дил.

Гаҳе чун оташи сӯзону тафсон,
Гаҳе ях, сарду, сардӣ, сардӣ эй дил.

Гувоҳи дидагони масти ошиқ,
Ту ҳам дар худ гунаҳ парвардӣ, эй дил.

Гаҳе хомӯшу пуртамкину оқил,
Гунаҳкори ғами ҳар фардӣ, эй дил.

Садоят метавон то бар само рафт,
Зи чӣ тарсида хомуш гардӣ, эй дил.

Агарчи дустӣ, лекин ба ҷонам,
Зи чӣ андар набардӣ, эй дил, эй дил.

* * *

Ин чӣ дунёст, писар панди падар мегӯяд,
Нокаси мурдадиле ҳоли башар мегӯяд.

Он ки худ нест сухангӯву суханфаҳм, вале
Дар сухан дигару дар асл дигар мегӯяд.

Ҳар замон аҳли ҳунарро чу тавоно бинад,
Як хатое зи ҳамон аҳли ҳунар мегӯяд.

Рангубӯи дигар аз шеъру ғазал меояд,
Васфи бустону гулистони забар мегӯяд.

Наҳзанон ҳар гули зебои чаманро дида,
Хори гулгашти ҳавасро гули тар мегӯяд.

Зи чунин тоифа, Раъно, ту дигар ҳарф мазан,
Беди сархамшударо кони самар мегӯяд.

* * *

Шодам, зи фалак дод ба мо нуктавареро,
Аз тахти дили ахли башар бохабареро.

Ширинсӯхану шамъи дилу оқилу доно,
Вологуҳаре тоҷику ғоибназареро.

Дар роҳи маонӣ шуда ҳамчун сипари халқ,
Пайвандгари тоҷварон тоҷвареро.

Симои авастоию ботин ҳама поке,
Ворис ба накӯиву ба гуфтан шакареро.

Оинаи афкор-ш битобид ба афлок,
Таърих ато кард ба тоҷик сипареро.

Хоке, ки зи ғам буд фақат тираву хунбор,
Аз лутф набинӣ дигар аз он асареро.

Эй ҳокими ин хок, туро ном кабир аст,
Дунёӣ намо тоҷики дунёасареро.

* * *

Туӣ дур аз ману ҳайфо, чӣ чора.
Ту дунё гаштаву ман кунҷи бора,

Зи ту дидам ҷафо, эй ҳеҷкора,
Намудиам чу селе пора- пора.

Заминам, бин, гуноҳеро надорам,
Ба ҳолам об гардад санги хора.

Агарчи дар сукутам аз насибам,
Диламро хурд ғам бо як ибора.

Ҷафои даври гардун бас набудам,
Ғами ишқат занад сар чун фавора.

* * *

Барфу борон ҳамчу ҷуфти хоҳарон,
Мужда орад аз баҳори гулфишон.

Шохсорони хамӯшу хушктан
Шодӣ созад аз расиданҳои ҷон.

Мурғаке, ки аз насим озурда буд,
Пар занад андар самои бекарон.

Нағмапардозӣ кунад бо сад ҳавас,
Чун бубинад нағмаҳои дилбарон.

Пур бисозад гул зи бӯ кошонааш,
Меҳмонанд одамон то гулпарон.

Бар насими ҷонфизо бодо сано,
Ки шавад дармонгаҳи пиру ҷавон.

Сумбулу себаргаву гулҳои зард,
Настарину қоқӯ бо сад атрашон.

Арғувонро бингару савсан, суман,
Баъди борон хандазан тирукамон.

Зиндагиро дӯст бояд доштан,
Одамон, эй одамон, эй одамон!

* * *

Эй булбули шӯридадил дар боғи сарвистони ман,
Ту нури биноӣ бишав дар мардуми чашмони ман.

Некусириштӣ боз о, гар медиҳӣ садҳо ҷафо,
Хоки қадамҳоят чӣ хуш доруст бар чашмони ман.

Бо сурати дебои худ дил мебари рангобаранг,
Боз о, ки то холе шавӣ, пушти лаби хандони ман.

Созандаӣ, сӯзандаӣ, неруи афзояндаӣ,
Хоҳӣ биё, тилло бишав дар қолаби дандони ман.

Хоҳӣ зи атри тӯраат эҳё кунӣ ҷони маро,
Дору шаву дармон бикун бар захмҳои ҷони ман.

Гар ту наӣ марди савоб, ҳаргиз маро ҷӯё машав,
Номардро неше занад ҳар новаки мижгони ман.

* * *

Чу ашки шаб бишӯям рӯи гулҳо,
Агар гулчин шавад он ёри зебо.

Ва ё раъногулам кун то бубинам
Ба вақти сайр кардан ёри худро.

Чаро ин сон ҷаҳоне сохтанҳо,
Ки аз сӯзи дарун сӯзӣ сару по.

Сабуксорӣ, хаёлам, кори ман нест,
Саросар мехӯрад танро муаммо.

Зи Бедил гоҳ пурсам, ку дили ту?
Бигӯяд, ишқ мечӯяд дили мо.

Зи ишқ ар бодае пурсам зи Хайём,
Нодорад бодае бар қисмати мо.

Чу Саъдиро бубинам мекашад «оҳ»,
Гулистонаш надорад он гулеро.

Аё Махфии зебо, нест чора,
Наӣ танҳо дар ин гулзори ғамҳо.

Чаро дунё чунону мо чунинем,
Ҷавобашро бидонад хуб Раъно.

* * *

Ба пеши чашм чун орам гулу хори ҷавониро,
Бубинам рӯ ба рӯи худ талоши зиндагониро.

Ба ёд орам ҳаёти худ, ки бигзашт аз паям чун бод,
Бибурд охир сафои ӯю асрори ниҳониро.

Ду чашмам ашк мегирад, агар ёде кунам аз ӯ,
Ки баъди рафтани ӯ ман надидам меҳрубониро.

Ало, эй рӯзҳои нек, аз ман дур гардидед,
Чаро дигар намебинам ҳамон ёрони ҷониро?

Тароват кӯч мебандад зи гулзори рухам ҳар руз,
Кунун фаҳмидаам рамзу нишоти умри фониро.

* * *

Зи шавқи дидани рӯят дилам равшан чу моҳе шуд,
Зи ҳаҷри дуриат, эй ҷон, аҷаб ҳолам табоҳе шуд.

Шабон то рӯз мебинӣ ману шабҳои бехобӣ?!
Вуҷуду сарнавишти ман зи сӯзат пургуноҳе шуд.

Чу бо ёри дигар рафти даруни хандаи ширин,
Зи рашки безамон тифли нишотам рӯсиёҳе шуд.

Зи ранҷу дардмандиҳо, чудоиҳову сардиҳо,
Надонистам шабу рӯзам фурӯ бар зери чоҳе шуд.

Дигар баҳри суроғи ту гули Раъно намекӯшад,
Чӣ қимат дошт, ҳайфо, зар буд охир хоки роҳе шуд.

* * *

Шудам пазмони оби ҷӯйборон,
Чӣ роҳат аз шамоли кӯҳсорон.

Кунам роҳат ба вақти сайр кардан,
Чашидан оби софи чашмасорон.

Бисозам чамбаре аз даври гулҳо,
Бимонам дар сарам рамзи баҳорон.

Шавам мафтуни кокулҳои беде,
Ки аз боде ҳамегардад парешон.

Чу гулзори Ирам дидам чаманро,
Сифоташ мекунад мурғи ғазалхон.

Нишинам дар лаби рӯдеву гӯям,
«Чӣ сеҳре дар навои обшорон».

Шитобу изтиробаш ҷӯр бошад
Ба шурӯ изтироби ишқи инсон.

Биошомам насими атрфомаш,
Назар созам ба гулҳои дарахтон.

Ҳаме лабханд омӯзам зи ғунча,
Ки гӯяд, дӯст доред аз дилу ҷон!

Бувад мафтун гули Раъноиҳайрон
Ба ин сеҳру ба ин алтофи Яздон.

* * *

Ин ғунчаи гул ҳамчу лаби ёр расида,
Сад пора шуда марҳамати ёр надида.

Эй лолаи хандида, ту ҳам мисли ман астӣ,
Як доғ миёни ҷигарат хона харида.

Эй гул, ту машав ҳамдами ҳар хор дар ин дашт,
То ки нашавӣ зард зи осеби расида.

Андар ғами ёриву надорӣ ғами худро,
Хастӯда шавӣ, рӯи раҳаш, ёр начида.

Ғамҳои гулу майса чи гӯӣ гули Раъно,
Бас нест ҳамон ғам, ки туро ҳаст расида?!

* * *

Даҳлези дили сангат як лаҳза ба мо во кун,
Чун Юсуфи ранҷида як дам назари мо кун.

Маъшуқи хаёлиро таълими адаб набвад,
Девонагии ӯро бархезу тамошо кун.

Андар гузари ишқат хоки раҳам, эё Вомиқ,
Узрои ҳақиқатро андар дили худ ҷо кун.

Парвози баландеро парвона намедонад,
Шамъ аст в-аро ошиқ, парвоз чу анқо кун.

Дар шаҳри муҳаббатҳо якранг фузун дидам,
Бо сози дигар ою савдо чу Зулайхо кун.

Ё Раб, аҷабе гуфтам, афканда ҳарири шарм,
Лутфу назари раҳме бар ин гули Раъно кун.

* * *

Олам аз ишқ чӣ сон муъҷиза барпо дорад,
Моҳ ҳам бо гунаҳи давр чӣ ғамҳо дорад.

Риштаи умр гираҳзою ситамбунёд аст,
Аҷал аст аз паи кас, давр чӣ парво дорад.

Гирди маънии ҷаҳон чарх зада бо ҳасрат,
Мутмаъинем, ки сад умқу муаммо дорад.

Оҳ аз толеи пасту ғами умри гузарон,
Дар замири ҳамагон зилзила барпо дорад.

Инқилобе, ки зи ишки дили мо пайдо шуд,
Кай бидонад, ки аҷал касди ману мо дорад.

* * *

Биё, ки ин саҳар дар боғи ишқам накҳат арзон шуд,
Зи сеҳри ҳар нигоҳи ту биёбонхо гулистон шуд.

Зи оби кавсари чашмат дилу ҷон зинда гардидаст,
Худоё, нест афсона, ду дида масту ҳайрон шуд.

Биё, шаҳбози армонҳо, ба сайри маънии дунё,
Ки булбул дар канори гул ғанаб рафту пушаймон шуд.

Ғами дунёи фониро ба танҳоӣ зудудан нест,
Дили беишқ ҳам дар ин қаламрав кони армон шуд.

Биё, ки гулбасар ёрат, гулафшон кард оламро,
Зи ҳарфи ин гули ошиқ, гиребончок шайтон шуд.

Раҳи зориву хоҳишҳо басе дуру дарозе шуд,
Нигоҳе сӯи Раъно кун, ки ашкам селу тӯфон шуд.

* * *

Лаби хушкидаи моро ниёзи бӯсаи дарёст,
Хумориам ба он лабҳо ки дар он маззаи ҳалвост.

Ту ҷаннатро чӣ мекобӣ, канори мост он ҷаннат,
Хушиву дилбарӣ андар замири қалби мо пайдост.

Дили дарёи мо, бингар, ҳазорон махзане дорад,
Ду соҳил мазраи ишқу барои ту фақат барҷост.

Ба чашми оҳувона мавҷи ишқи пок дар ҷӯш аст,
Агарчи камбаҳо бинӣ, вале майхонаи дарёст.

Ду пои ман равон сӯят, ки мушкилро намедонад,
Намегардад зи роҳи хеш агарчи бахт нопайдост.

Басе шукрона месозам, ки ҳастию вафодорӣ,
Макун бовар, бигуянд ар чу Раъно ёр дар ҳар ҷост.

* * *

Хубӣ зи ман чу дидӣ, калби маро ризо кун,
Аҳде, ки дода буди, андешаи вафо кун.

Ҳушёри он магас бош, чун ҳамнишини мор аст,
Мӯро зи мавҷи оташ бо дӯстон ҷудо кун.

Аз ёри номуносиб ишқу вафо наояд,
Ҷавхора гашт маркаб, афзолу зин раҳо кун.

Саг чун шикорӣ гардад хар дам ба кор ояд,
Ёри қарини худро аз булҳавас ҷудо кун.

Бар нокасон магӯ сир, ин турфа ақли хоманд,
Парвоз то уфуқҳо бо сели турнаҳо кун.

Бо шеъри номуносиб худро махон Ҳилолӣ,
Гар сад тавонгарӣ ту, сӯҳбат ба авлиё кун.

Гарчи назар надорӣ чун амбиёи доно,
Танҳо наи ту Раъно, уммед бар Худо кун.

* * *

Кас нест, ки дарёбад файзи саҳари моро,
Дар дил бикунад эхсос сӯзу шарари моро.

Қадри гули зеборо занбури асал донад,
Афсӯс намедонад ёр қадри шакари моро.

Аз ҳаҷм нагу охир дар олами маъниҳо,
Андар садафи таҳқиқ меҷӯ гуҳари моро.

Ҳар доду таъини Ҳақ пурсиши дигар дорад,
Ҳар луқмаи мо гӯяд он ҷо хабари моро.

Бишкастадилон охир пайванд ҳамеҷӯянд,
Ку он ки кунад як рӯз ӯ боз дари моро?!

Деҳқони сухан кишти Бӯстону Гулистон кард,
Дасти кӣ хамечинад файзу самари моро.

Раъно ба ғазал гуфтан ғам кам нашавад ҳаргиз,
Он кист, ки дарёбад ганҷи гуҳари моро?!

* * *

Аз ҳар қадамат рӯяд зебо гули тар, Раъно,
Ҳар ҳарф, ки мегӯӣ чун ширу шакар бар мо.

Эй шаҳду шакар лабҳо, оростаи зебо,
Кошо, бишукуфӣ ту ҳамранги гули шабҳо.

Ҳар су назаре созӣ, сад ранг чаман рӯяд,
Дар ҳар қадамат файзу ҷонҳо бишавад эҳё.

Аз ишқу хаёли ту мутриб ба фиғон омад,
Рози дили афгорам бо най бинамуд ифшо.

Соҳибназари моӣ, пайғамбари дилҳоӣ,
Дар ишқу ғаму савдо Раъно ту наи танҳо.

* * *

Розу сӯзи ошиқонро аз дили шабҳо бипурс,
Ташнагии ошиқон аз ғунчаи лабҳо бипурс.

Ҳар кучое ақлу имон тундхӯиҳо бувад,
Аз маю майхонаву таълими мактабҳо бипурс.

Бӯсаи мастонаи ошиқ чӣ лаззат медиҳад,
Аз лабу рухсораҳову дасту ғабғабҳо бипурс.

Аз мукфоти азал аз оқилу фозил бипурс,
Қадри кору бори дунёро зи маркабҳо бипурс.

Бар дили Раъно нағунчад он чи додӣ, эй Худо,
Ин сухан аз марди дунё, ё зи Машрабҳо бипурс.

* * *

Чун лаби ӯ чашидаам, бар шакаре ниёз нест,
Чун рухи ӯ бидидаам, бар қамаре ниёз нест.

Дил ба Худо бидодаам, соҳилу мавҷ чун кунам,
Ганҷи дилам чу хонае, бар гуҳаре ниёз нест.

Боғи маро самар дихад решаву қомати базеб,
Найшакаре ба бор шуд, бар шаҷаре ниёз нест.

Дил, ба Худо, ки пора шуд аз паи ҳар ишорае,
Чашми агар набинадам, бар назаре ниёз нест.

Мон, ки шавам шикастадил аз сари он теғи нигаҳ,
Бар шикани меҳри дилам камназаре ниёз нест.

Бо ғаму бо хаёли ту мулки дилам хароб шуд,
Малҳами дил куҷо шудӣ, бар дигаре ниёз нест.

Бин, ба раҳат шукуфта боз ин гули Раънои баҳор,
Чун шунавад куҷои ту, баҳру баре ниёз нест.

## «БАҲОРИЯ»

Мурғи ҳумо мезанад пар,
Дар ҳавову тоҷи кишвар.
Хез омад соли дигар,
Сабза дар пушт, сабза дар бар.
Ашки борон чун арӯсон,
Мечакад рӯйи санавбар.
Қатра- қатра мисли марҷон,
Пош бидҳад нори кайҳон.
Лонаҳо пур хонаҳо пур,
Аз суруду савти танбур.
Ҷомапӯшон ҳар дарахте,
Мисли шоҳаншоҳи мағрур.
Болафшон турнаҳо ҷамъ,
Паркашон оянд бо ҳам.
Нурбор оинагардун,
Аз ҷилои Шеди олам.
Эй, бихез хоҳар, бародар,
Шому рӯз омад баробар.
Эй ватандор, эй замондор,
Эй азизон, эй сафобар.
Хез омад муждаи васл,
Дур гардид сардию фасл.
Муждаи Наврӯз омад,
Ориёву ориёнасл.

# МОН, КИ «ШОҲНОМА» ШАВАД ВАСФИ ВАТАН!

Мон, ки «Шоҳнома» шавад васфи Ватан,
Баҳри ҳифзаш бидиҳем ҷону бадан.
Бо хату холи Ватан арзанда,
Гули садранг шавем рӯйи чаман.

Бари хораш чу хор дар ёвон,
Бари нанг то ба ғазову ба кафан.
Баҳри ҳар сангу талу теппаи ӯ,
Мон бисӯзем чу нахлеву сипан.

Ҳамчу шероза ба домони сара,
Аз сари кӯҳу талу пушту дара.
Ҷасту хезон биниҳем пойи ҳаёт,
То даме дар тани мо ҳаст фара.

Қалби худ хонаи паймон бикунем,
Ошёни андалебон бикунем.
Тоҷиконро нафасе ҳамнафасе,
Тоҷдори ҳама инсон бикунем.

Мон, ки бошем хасу хошокаш,
Алафи сабзи тани айлоқаш.
Бо Ватан, бо сари афрохтааш,
Гули сурӣ ба дили бебокаш.

Дам ба дам дар талаби дидораш,
То ки ҳастем кунем эмораш.
Бо қалам дар сари ҳар нақшу нигор,
Васфу хотам бикунем асрораш.

Дар тани мо нафаси меҳани сабз,
Решапайванд ба мағзу сару набз.
Ба тани беватанон корам нест,
Дили ман бо Ватанам гардад қабз[1,2].

Рӯйи мо сурху ба тан ҷома сафед,
Ин ҷаҳонаст зи тоҷик баумед.
Душмани торикиему сардӣ,
Дӯстдорем ба шодию ба Шед.

[1] Қабз – гирифторӣ, дар банд будан.
[2] Қабз – гирифтан ба даст (панҷа).

* * *

Ҳавоят аз дилу аз ҷон нарафтаст,
Вафоят бо ҳама армон нарафтаст.

Чунон меҳрат даруни сина ҷо аст,
Зи ҷабру ғуссаи даврон нарафтаст.

Ғамат қалби маро бинмуд мискин,
Валекин аҳди ту аз он нарафтаст.

Сари зулфам нахоҳад дасти дигар,
Ки мушкат аз сари зулфон нарафтаст.

Саҳар то шом қалбам нола дорад,
Зи сӯзаш аз пайи дармон нарафтаст.

Саборо пурс, ёрат дар чӣ ҳол аст,
Сари паймон пайи эшон нарафтаст.

Чӣ созам, боварӣ созӣ, ту эй хом,
Ки ишқат аз дили сӯзон нарафтаст.

* * *

Ман асири додхоҳи зулфи печонам ҳанӯз,
Ошиқи дунё ба ин як мушт армонам ҳанӯз.

Кулбаи эҳзону яъсу ноумедӣ дар бисот,
Як гуле дар гӯшаи сабзи гулистонам ҳанӯз.

Дар баҳори васли ошиқ аз хазон андешаҳост,
Дар гулӯям гиря, аммо мурғи хушхонам ҳанӯз.

Душмани даври фиребо бо ҳазорон васъаташ,
Аз азал бо хештан дастогиребонам ҳанӯз.

Ҳоли муслимро чи мепурсӣ дар ин даври шитоб,
Интизори пурсиши он ҳолгардонам ҳанӯз.

Содагӣ, дилдодагӣ суде барои ман накард,
Ошиқи руи Ҳабибу ҳарфи Қуръонам ҳанӯз.

* * *

Тоати ишқи мо чӣ кард, рӯ ба шароб мекунӣ,
Шаҳди лабам надидаву майли гулоб мекунӣ.

Умр ҳама ба бод рафт, ҳайфи тавону тоқатам,
Зиндагии хароби ман боз хароб мекунӣ.

Ҷони чафокашидаам гашта гадои дари ту,
Ронда зи даргаҳи мурод, дида пуроб мекунӣ.

Ҳоли паси пардаи худ бо дигаре нагуфтаам,
Қиссакушои ғофилам, васфи шубоб мекунӣ.

Пир агарчи гаштаам, васфу ҳавас ҳамон бувад,
Бар ту маро ба кӯи ишқ, аз чӣ ҷиҳод мекунӣ?

* * *

Мекашад пар нури дида
Аз пайи ту, эй рамида.

Доманат аз ғам биафшон,
Чун ғизоли домдида.

Чашмаи гӯёи ман бош,
Мисли ту дунё надида.

Маъзарат, гар ранҷ дидӣ
Аз ҷафоҳои кашида.

Сарзанишат дӯст дорам,
Эй ба сарвақтам расида.

Қиблаам шав, додхоҳам,
Фурсати тоат расида.

Дасткутоҳ аст Раъно,
Дасти меҳратро надида.

* * *

Сарозерам зи дунёят, Илоҳӣ!
Гунаҳкорам зи дасти бегуноҳӣ.

Насибам килки ҳасрат кард дунё,
Биоям боргохат додхоҳӣ.

Ба он зоҳид, ки пӯшад хирқа бо неш,
Нашояд дод тавқи бегуноҳӣ.

Хар он чӣ хаст дар қисмат навишта,
Ту мебинӣ, бихохи, ё нахоҳӣ.

Дили Раъно намечӯшад дигар бор
Зи беқадриву аз фарти табоҳӣ.

* * *

Сухан гӯям, азизам, гӯш бинмо,
Зи шаҳди орзуҳо нӯш бинмо.

Ба дил ганҷинае дорам зи ҳиммат,
Раҳи кӯй маро гулпуш бинмо.

Надорад хирқаи тоат дили мо,
Майи ишқу вафоро нӯш бинмо.

Барои дӯст сар то по шарар шав,
Ба гармит оташат хомӯш бинмо.

Бубин майлу талоши қалби Раъно,
Варо аз рӯи меҳр оғӯш бинмо.

* * *

Ҳар гаҳ зи дарди ҳиҷрон дидори ёр хоҳам,
Аз фарти номуродӣ ҷонро нисор хоҳам.

Аз ин амал раҳидан осон бувад, валекин
Дур аз ғамон варо ман андар канор хоҳам.

Хуш буд дами висолаш то лаҳзаи ҷудоӣ,
Фасли хазон сар омад, эй дил, баҳор хоҳам.

Бо боди номуродӣ одат накардам охир,
Аз ӯ назар буридан бо теғу нор хоҳам.

Мутриб, дигар мазан даф бар пардаи хаёлам,
Савдои як азизу савти дутор хоҳам.

Бо неши заҳри дурӯ коми маро кунанд тар,
Аз ғуссагире имшаб ман обшор хоҳам.

* * *

Дарди дил ҷӯяд табибам,
Дод мехоҳад ҳабибам.

Дасти дил чун гул ба бод аст,
Чун насим умре ғарибам.

Лаб фурӯ баст аз шикоят
Ғамбарорам, дилқарибам.

Нотавонам бе муҳаббат,
Пас чӣ созам бо рақибам?!

Ишқу ғам бинвишта охир,
Аз азал андар насибам.

Аз рақибонам нанолам,
Қалб пурдоғ аз ҳабибам.

То абад, Раъно, нафаҳмад
Ишқу эҳсоси аҷибам.

* * *

Ҳар кӣ дунёро бифаҳмад, май ба соғар мезанад,
Нофаи гетӣ ба дасташ, тарҳи дигар мезанад.

Ҳар нишоти зиндагиро бо камоли эҳтиром
Бар қадаҳ бардошта, чун оби Кавсар мезанад.

Сайри маъниро намуда бо наю танбӯру уд,
Хаймаи меҳру муҳаббат кӯи дилбар мезанад.

Бо пари парвонаву шамъу сабову булбулон
Дасти ишратро кушода лаб ба соғар мезанад.

Номаи пирӯзии худро ба насли ошиқон
Бар дари чархи бахилу рашкпарвар мезанад.

Ин муаморо шунида, чашми Раъно боз шуд,
Аз чунин савдои гетӣ дил ба ханҷар мезанад.

* * *

Мо бандагони хокем, дил бар Худо бидодем,
Аз нури талъати Ҳақ чашми вафо кушодем.

Нармак диле зи гетӣ дорем рӯи олам,
Аммо зи ҷабри гардун ҳамрози хоку бодем.

Сарвеқаду суманрӯ, доғи сабӯ кашида,
Дам дар гулӯ гирифта, андӯҳу оҳу додем.

Дар ду ҷаҳон нишона бо сад ҳазор маънӣ,
Аз оташи ғами даҳр сӯзанда, тарниҳодем.

Тобу тавони Раъно рафт аз пайи хазоне,
Ё Ҳақ, ба чашми худ бин, тӯроби сад ҷиҳодем.

* * *

Биё ки ин дили мо дастрасу не Қоф аст,
Надорад кинаи дерин, ба Худо, ки соф аст.

Садои қалби маро ту шунаву тез биё,
Ба ҳам расидани мо на ба ҳадди авсоф аст.

Мабод як нафасам бе канори сабзи танат,
Хаёли умри дубора зи Қоф то Қоф аст.

Макун ту тоати ҳиҷрон зи пушти мазҳабу дин,
Ки ҳама ояти ҳастӣ зи ишқи Кашшоф аст.

Сафои зиндагии нек зи як бистар нест,
Чу тан кундаи ҳастию камол аз ноф аст.

Биё, ки саҷдаву ибодати мо беҳад шуд,
Ба пот саҷдакунии рақиб аз лоф аст.

* * *

Маҳ ба рӯи ёри ман оинадорӣ мекунад,
Рахши худро рашки сӯзонам саворӣ мекунад.

Қомати хамгашта пеши ӯ суоли аҷз нест,
То кунад тасвири хуснаш растагори мекунад.

Бар хами абрӯи нозаш ҳамчу меҳроб аз ҳавас
Тоату тасбеҳи маънӣ зикри ёрӣ мекунад.

Дасти эъҷози муҳаббат бо навозиш хӯ гирифт,
Дар дили шабҳо наҳуфта шоҳкорӣ мекунад.

Шаҳсавори тоҷбарсар бо ҳазорон нозу роз
Аз чунин доди Худояш, комгорӣ мекунад.

Новаке бар ҷони Раъно мезанад бо сад ситез,
Аз сари кибру ғурураш тарки ёрӣ мекунад.

* * *

Холи рӯят мекушад моро,
Ёди кӯят мебарад поро.

Шикваҳоят, эй азизи дил,
Шукр созад шикваи моро.

Эй рақиби ҷисму чону дил,
То ба кай сӯзӣ ту Раъноро?!

Аз лаби дарёият, эй кош,
Тар бисозӣ ин лаби моро.

Гармии меҳр овар арзонӣ,
Об кун дар сина хороро.

Табли ғам аз чӣ занӣ маҳзун,
Чорасозӣ кун муамморо.

Нест Раъно лоиқи писханд,
Оқибат кубӣ дари моро.

* * *

Дасти соҳибдил ба домони Худост,
Дасти ғофил бар гиребони гадост.

Ҳар каромот аз сари имон бувад,
Луқмаи кам ҳам насиби бенавост.

Меҳри гардун беш аз ду рӯз нест,
Лутфи ӯ аз баҳри бунёди фаност.

Соқиё, ҷоме бидеҳ бар ошиқон,
Ошиқонро хирқа пӯшидан равост.

Ҷоғи хилват мезанад ҳар ҳирқапӯш,
Чун бубинад май, бигӯяд ин давост.

Аз чӣ Раъно меситезӣ бо фалак,
Худ ҳамин дунё ғуломи ин балост.

* * *

То пури ғамбода кардӣ ҷомро,
Хок кардӣ бандагони хомро.

Мо намакдони туро эҳё кунем,
Захри гамхо мечашонӣ комро.

Гарчи бадномем ҳамчун бандаат,
Мо нигаҳ дорем нангу номро.

Нафси бад санҷида моро ҷисму ҷон,
Панд деҳ ин нафси бадфарҷомро.

Аз гиребони нафисат дур соз
Дасти тӯҳматпешаи айёмро.

Одамиро, ҳақ, ба васли худ расон,
Масканаш кун ҷаннатуликромро.

* * *

Ин фалак аз гирумонаш пир шуд,
Пир, аммо пири бетадбир шуд.

Чун фақирон дасти ёрӣ хостам,
Пои мо дар ҳалқаву занҷир шуд.

Ақли мо паргор шуд дар хирманаш,
Бехабар аз қисмату тақдир шуд.

Оқилон девона андар калби мо,
Шодию ғам аз азал даргир шуд.

Хубу бадро кас намедонад зи чист,
Аз азал ин мушкили тадбир шуд.

Домани дунё зи каф нагзоштам,
То даме, ки марг домангир шуд.

* * *

Мо бирафтему ту дониву Худо,
Мушт бар сар зада баъди сари мо.

То шавад сабз гули армонам,
Ба дуо даст барам сӯи само.

Бикашам бори ғамат, эй номард,
Манам аз мазрааи меҳру вафо.

Зиндагӣ пеш равад, ғусса махур,
Боз кун равзанаи нуру сафо.

Мевазад боди умед аз шаш сӯ,
Орӣ ар сачда ба даргоҳи Худо.

* * *

Юсуфи тоҷики мо ёраки ҷононаи кист,
Булбули боғи кию равзаи кошонаи кист?

Тани маҳрамсифаташ пеши кию дар бари кист,
Қафаси синаи ӯ лоиқи ду шонаи кист?

Пар-пари нози хаёлаш дили садҳо бурда,
Шамъи рухсори гулобаш суи парвонаи кист?

Розгӯён зи бараш чашм рабудам ба умед,
Ҷигарам хун шуду ӯ ёр ба паймонаи кист?

Ошно нест дилаш бар ману бар дидаи ман,
Хонаи ишқи маро оташи майхонаи кист?

Ёри арзандаи ман, садқаи ҳар як нафасат,
Ин ҳама лутфи Худо лоиқи шукронаи кист?

* * *

Биё, Раъно зи бемеҳрии ин дунё` ғазал дорад,
Суоли бешуморе аз муаммои азал дорад.

Ҳавои кӯраи афлок қалби ӯ ба танг орад,
Шикоят аз замину осмону аз Зуҳал дорад.

Зи бемеҳрии ёроне, ки хонашро биолуданд,
Дареғу тавбахову шикваҳои бебадал дорад.

Барои номуродону сияхрузони ин дунё,
Ҳазорон қиссаи ногуфтаву садҳо масал дорад.

Сифоти молу зарро ӯ наорад бар забони хеш,
Зи нангу ори ин дунё ҳазорон кӯҳу тал дорад.

* * *

Чаро Раъно ба дарди ин замона мубтало гаштӣ?
Чу шабнам ҷилва бинмудӣ, зи бемеҳрӣ фано гаштӣ.

Ба доми сад бало частӣ, зи доми сад ҷафо растӣ,
Зи дасти ақли ҳассосат ғуломи як бало гаштӣ.

Чу булбул нола кам бинмо, гулистон хорхо дорад,
Навои орзуи ёр дар лаб, бенаво гаштӣ.

Макун бар аҳд ҷонбозӣ, ки ҷононе намебинам,
Куҷо аҳду куҷо ошиқ, ту ҷӯёи вафо гаштӣ!

Бирав, эй бехабар,кореву савдое ба комат нест,
Замин дигар, замон дигар, магар ту дар само гаштӣ?

* * *

Ёри ман чун кабки хушрафтор буд,
Як нигоҳаш зеби сад гулзор буд.

Дар гулистони вафо мислаш набуд,
Ишвааш дилҷӯю накҳатбор буд.

Ин замин аз ҷилваи ӯ маст буд,
Ӯ вале дар кори худ ҳушёр буд,

Дар салобат мисли шоҳин менамуд,
Сурх аз хуни манаш минқор буд.

Гар суханро аз муҳаббат мекушод,
Дар сари ӯ маҳшару бозор буд.

Лутфи ӯро бас ниҳонӣ ишқ буд,
Воқеан дар ишқ нотакрор буд.

Сар ба пояш менихам зеро ки ӯ
Аз вафою меҳри ман саршор буд.

* * *

Ишқу вафо зи мо, макру ситам зи ӯ,
Мо баста аҳди хеш, тӯфони ғам зи ӯ.

Аз мо рабуда дил, дил дода бар дигар,
Лутфи баҷо зи мо, нозу ситам зи ӯ.

Хорӣ зи дуриаш чун лолаи умед,
Бо нуру нори хеш мушти парам зи ӯ.

Бар бод додааст сад рози хуфтаам,
Он бодахӯ куҷост, ки музтарам зи ӯ.

Раъно, макун суол бар ёри пушти дар,
Бо ин ҳама сифот, дил меканам зи ӯ.

* * *

Ишқ – ашке бар сари мижгони ёр,
Шӯр гашта, мешавад як умр бор.

Ишқ оби Хизр дорад, ки дареғ,
Ҷуръае нушӣ, кушад мардонавор.

Ишқ – шаҳде бо ҳама асрорҳо,
Соқиаш – даъвогаре бо теғу дор.

Ишқ лутфест, аз сари меҳру вафо
Фасли дайро мебиорад дар баҳор.

Қотиласт ӯ бар сари ҳар ошиқе,
Банди зулфаш мекунад ошиқ шикор.

Ошиқонро ҷуръааш дода ҳаво,
Рӯзу шабҳо карда масту хору зор.

Дур гард, эй одамӣ аз пеши ӯ,
Зиндагиро ӯ кунад пайваста хор.

* * *

Бодаи ишқ бидеҳ, маҳфили ҷом аст ин ҷо,
Сабру тамкин ту маҷӯ, сабр тамом аст ин ҷо.

Вақти тасбеҳу суҷудам бишуд аз пушти вафо,
Хоҷа кай дар ғами андӯҳи ғулом аст ин ҷо.

Масту махмур гузашт умр, надонам чӣ кунам,
Субҳи рӯшан бишуду навбати шом аст ин ҷо.

Дилу ҷон садқаи ин лаҳзаи бедордилӣ,
Ғами беҳуда махур, баски ҳаром аст ин ҷо.

Ё Рабо, тавбаи ман бо ҳама иллат бишунав,
Чунки Раънои сухан бандаи хом аст ин ҷо.

* * *

Оҳи мо аз нафаси боди сабост,
Ёди мо аз гузари меҳру вафост.

Ҳайф бодо ба ту ин гармии меҳр,
Ки напурсӣ ғами ошиқ зи куҷост.

Тоати вақт чӣ созӣ, эй гул,
Ишқ ангезаи дидори Худост.

Душмани кинаву бедодгарӣ,
Ишқи дарёии мо ҳам дунёст.

Садқаи лутфи Худододаи ту,
Ишқ аз Одаму аз Момаҳавост.

Ҳофизо, дар ғазали тозаи ман
Савти танбӯру суханбазми Шумост.

* * *

Ёди васли ту кунам шому саҳар,
Ёд бинмо, эй азизи бехабар.

Гарчи фориғ гаштаӣ аз ёди мо,
Як даме аз роҳи ёди мо гузар.

Пеши чашмон оразат гул мекунад,
Як ба чашми роздори ман нигар.

Эй кушо чашми тамошову бубин,
Чанги миҷгонат шуруъ шуд аз дигар.

Ҳақталошӣ роз дорад дар замир,
Кай шавӣ аз умқи маънӣ бохабар.

Нолаи нойи маро, инак, шинос,
То биёбӣ лаззати ин найшакар.

Сӯзу ғам ояд ба амри Кирдугор,
Ишқ чист, аз Шамс пурсу аз Қамар.

* * *

Дӯст дорам ман гули бехорро,
Ёри хушрафтору беозорро.

Ҷону қалби худ фидояш мекунам,
Бо чунин афъол ёбам ёрро.

Ноумедӣ пешаи шайтон бувад,
Дар амал орам чунин афкорро.

Қуръаи давлат ба сӯи худ кашам,
То биёбам давлати бедорро.

Ман накобам ҷуз рухаш нури дигар,
Саҷда созам махзани асрорро.

Эй Худо, дорам фақат якто талаб,
Раҳнамо шав тутии беморро.

* * *

Ҷаҳоно, аз чӣ бо мо кина дорӣ,
Хазорон кинаи дерина дорӣ.

Аз ин шева раҳо шав? дӯстӣ кун,
Ки бас аҳду вафо дар сина дорӣ.

Ба бунёди биҳишти ҷовидон рас,
Умеди файз з-ин ганҷина дори.

Тариқи ошноӣ дар ту бошад,
Мисоли Моҳу Шамс оина дорӣ.

Ба инсон душманӣ то чанд варзӣ,
Ба ӯ бозӣ чу як бӯзина дорӣ?!

Давидам по ба поят, дидам охир,
Ба даст аз хуни ноҳақ ҳина дорӣ.

* * *

Умри мо мегузарад, лек ҷаҳон мемонад,
Ашки мо дар бари рухсора равон мемонад.

На зи ҳар одами бигзашта нишон мемонад,
Эй басо мард, чу марде ба ҷаҳон мемонад.

Захми шамшер даво ёбаду аз ёд равад,
Ба дили аҳли карам захми забон мемонад.

Баъд аз мо ба ҷаҳон, ҳамнафасон, гӯш кунед,
Кори неке, ки намудем, ҳамон мемонад.

Ба ту, Раъно, накунам арзи ҳақиқат ҳаргиз,
Аламу дарду ғамат боз ниҳон мемонад.

* * *

Ба хушхонӣ гирифтӣ ҷои булбул,
Ба зебоӣ бишармид аз ту ҳар гул.

Зи бӯят дар хиҷолат монд райҳон,
Даруни боғ ҳайрон гашт сумбул.

Агар Юсуф баҳои хешро ёфт,
Намеёбад ба нархат ҳеҷ кас пул.

Чӣ созам, ки нафаҳмидӣ ту моро,
Таҳаммул кун, таҳаммул кун, таҳаммул.

Бувад бечора Раъно интизорат,
Бику раҳме, дигар нанмо татовул.

* * *

Эй боди субҳгаҳ, хабари ёрро биёр,
Бӯи биҳишт з-он санами ошно биёр.

Боре биёр муждае ё ин ки огаҳӣ,
Пайғоми ёри дур зи баҳри шифо биёр.

Қалбам шунид таънаи ҳар нокасу касе,
Пайки вафо ба мо зи ҳамон бевафо биёр.

З-он бӯстони ӯ, ки ҳама васфи ӯ кунанд,
Гулбун бигиру баҳри дилам ҷо ба ҷо биёр.

Ман хайма мезанам ба раҳи ёри бевафо,
Пайғоми нек баҳри мани бенаво биёр.

Ақлу ҳушам рабуд, мадорам дигар намонд,
Ин банда з-они ӯст, аз ӯям ризо биёр.

Аз киблагоҳи хеш дуо пурсам, эй сабо,
Раъност бистарӣ, ту барояш даво биёр.

* * *

Ду чашмам нур мегирад, агар бинам ҷамоли ту,
Зи мурдан ман наметарсам, агар ёбам висоли ту.

Агарчанде намеарзам ба гарде аз кафи поят,
Бипурсам раҳгузарҳоро мани ошиқ зи ҳоли ту.

Зи ман боре бипурсидӣ: «Шавӣ ҷононаам оё?»,
Ба гӯшам хона бинмудаст, ҷононам, суоли ту.

Чу рамзи ёдгориҳо зи ишқи ҷовидони мо
Худоҷон, сабз гардонад ба гӯри ман ниҳоли ту.

Ҳама розам ниҳонӣ монд гарчи сӯхтам аз ғам,
Куҷо пайдо кунад як чора ин бечораноми ту.

Ғариби шаҳри уммедам, ғарибонро намепурсӣ,
Аз ин дунё гузар созам, ба сар фикру хаёли ту.

Наям ношукри тақдирам, вале як ҳасрате дорам,
Дареғо ту нафаҳмидӣ, ки Раъно буд моли ту.

* * *

Лаъли лаби он ёр ба шаккар натавон ёфт,
Як хандаи зебош ба гавҳар натавон ёфт.

Зебоии ёрам, ки шабеҳи маҳи шабҳост,
Хуршед ба ӯ низ баробар натавон ёфт.

Бар чашми ҷафокор бигӯяд, ки вафо кун,
Гӯяд, ки вафо ҳеҷ зи кофар натавон ёфт».

Буданд касон аз пайи розигии васлам,
Девона дилам бо ту баробар натавон ёфт.

Раъно чӣ кунад дон, ки фидоист дар ин раҳ,
Беҳуда макобаш, ки зи ҳар дар натавон ёфт.

* * *

Гоҳ ман шод шавам аз қадамаш,
Гоҳ хуноба биборам зи ғамаш.

Зинда месозадам аз ғояти лутф,
Оби хизр аст чу рашҳи қаламаш.

Оҳ аз қисмати пешонаи мо,
Санг бар сар задаам аз аламаш.

Эй Худоҷон, ту насимам гардон,
То занам чарх ба гирди ҳарамаш.

Ё ғубори сари роҳам гардон,
Ки занам бӯса ба зери қадамаш.

То ки ӯ майли висолам созад,
Дур гардон зи ҳарам он санамаш.

Оҳ, Раъно, нафасе сабр бикун,
Ки ман аз булҳавасон мебинамаш.

* * *

Эй булҳавас, бубин ки дилам реш мекунӣ,
Бар ман макун ҷафо, ки ту бар хеш мекунӣ.

Гӯӣ маро, ки майл ба ағёр кардаам,
Бас фикри хом, ёри бадандеш, мекунӣ.

Аз рашк гоҳ мезанию гоҳ бе ҷиҳат,
Дуғу даранг бар мани дилреш мекунӣ.

Аз ҳусну мӯй ҳеҷ наям кам, бигӯ чаро
Ҷабру ҷафо ба ман ту зи ҳад беш мекунӣ?

Эй булҳавас, чароғ дар он хонаат манам,
Баргӯ: чаро маро ба ҷафо пеш мекунӣ?

Раъно зи даргаҳи ту висолат талаб кунад,
Аз чист ҷавр бар мани дарвеш мекунӣ!

* * *

Чи хуш бошад дами дидан ба серӣ рӯи ёри худ,
Бичидан гул барои ӯ зи боғи навбаҳори худ.

Ба боғи худ шаҷар дидам, зи шохи худ самар дидам,
Кунам шукронаи бисёр ман аз рӯзгори худ.

Ало ёро, чӣ менолӣ зи бахти додаи Яздон,
Туро бахте бувад фарзанд, ки дорӣ дар канори худ.

Намо тарки ҳамон бахте, ки дорад шармсориҳо,
Вагарна мисли бегона ҷудо гардӣ зи ёри худ.

Намудӣ тарки сад оғӯш, то оғӯши ман бинӣ,
Ба дил шукронаҳо бинмо, фахр аз ин барори худ.

* * *

Дило, ашкам чи мерезӣ, биёву шарм дор охир,
Ту ҳам, эй дида, хобе кун, хуморатро барор охир.

«Насиҳат гӯш кун, ҷоно», ба ҳар ҷое агар бошӣ,
Насиҳат, эй азизи ман, туро ояд ба кор охир.

Гунаҳ кардам, Худовандо, шудам моил ба номарде,
Бишуд аз ин гуноҳи ман гиребонгир ёр охир.

Вуҷуди ман бувад марзе, ки ҳосил хоб мебинад,
Биё, раҳме бикун бар ман, ту тухмеро бикор охир.

Дар ин шабҳои бехобӣ зи роҳи дури беовоз
Кунад Раъно туро зорӣ, ки дорад ҳоли зор охир.

* * *

Хушо шеъре, ки бошад рӯҳпарвар,
Хушо чашме, ки рахшад ҳамчу ахтар.

Агар пайғамбаронро хоб бинам,
Шавад илҳом ёрам боз аз сар.

Чу ёри ман наёбӣ нозанине,
Агар коби билоди ҳафт кишвар.

Қадам монад, замин гул мекунад гул,
Надорад қоматашро ҳеҷ афсар.

Аз ӯ бӯи биҳишти ишқ ояд,
Бувад лаъли лаби ӯ ҳамчу кавсар.

Ду абрӯяш камони навбаҳор аст,
Ду рухсораш анори тозаву тар.

Ҷудоӣ мекунад аммо зи Раъно,
Аз ин рӯ ҳаст бе ӯ зард мустар.

* * *

Эй биё ҷониби ман, баҳри ту боз аст дилам,
Ошиқи содаи бо озу ниёз аст дилам.

Қадам оҳиста бимон, то ки нагардад хаста,
Ки ба дунболи ту андар даву тоз аст дилам.

Ту ба таҳқиқи дили ман нарасӣ ҳеҷ гаҳе,
Ки чу як кӯҳи пур аз шебу фароз аст дилам.

Баски меҳробнамо аст хами абрӯят,
Пеши абрӯи ту дар фикри намоз аст дилам.

Гашта масрур зи лутфи ту дар ин бегоҳӣ,
Меҳр меҷӯяду андар сари роз аст дилам.

Дили Раъно зи азал аслпараст аст, бидон,
На ки побанд ба ҳар ишқи маҷоз аст дилам.

* * *

Ишқат ҷигархун мекунад ин бандаи бадномро,
Ҳарфе бизан, ором кун дилҳои ноороморо.

Шаҳбоз шав, пар-пар бизан, биншин ба боми хонаам,
То нақши поят дида ман сад бӯса созам бомро.

Ҷоми лабонам бар лабат, эй ташнадил, нӯшам бикун,
То ин ки ман ҳам аз лабат нӯше бисозам ҷомро.

Хоҳам, ки ту огаҳ шавӣ аз ин дили хомам раҳе,
То ки зи нав оташ занӣ ин пораҳои хомро.

Розам ниҳон медор ту, зеро агар ҳарфе занӣ,
Андар миёни нокасон олуда созӣ номро.

Раъно, чи созӣ баъд аз ин, он беҳ ки то бошӣ хамӯш,
Ку он касе аз пои мо бикшода созад домро?!

* * *

Кош, бинӣ рӯю мӯи ёри раъно, кошки,
Дидаро обе диҳӣ аз рӯи зебо, кошки.

Беди каҷро дидаву бар қоматаш ошиқ шудӣ,
Кош, оиву бубинӣ сарви боло, кошки.

Зора дорам ман Худоро то намонӣ аз дигар
Ваъдаи имрӯзаи худро ба фардо, кошкӣ.

Ҳар ғазалро менависам аз дили шуридаам,
Васфи рӯятро кунам бо лаҳни шево, кошки.

Оҳ, эй Раъно, бигӯ танҳо ғазалҳои ғамаш,
Кош дар дебочаи дил мешудам ҷо, кошки!

* * *

Аё ёрам, биё, ки хонаам бутхонаро монад,
Хурӯши гиряи ман наъраи мастонаро монад.

Ту кафтарбачаӣ, боз ой то серат кунам имрӯз,
Дили бечораам, эй меҳрубонам, донаро монад.

Ту ганҷиву биё пешам, ки то ҷоят кунам дар худ,
Дили маҳзуни ман дар ишқи ту вайронаро монад.

Надидам дар ҷаҳон ишқе, ки Лайлӣ дошт дар аҳдаш,
Чу Лайлӣ ишқи ман ҳам олами афсонаро монад.

Сари зулфи маро ҳамвор кун бо дастҳои худ,
Биё, ангушти дастони ту дасти шонаро монад.

Ба гуфтори ту лоиқ нест он ёре ки дорӣ ту,
Аё, Раъно, ки ёрат бар сухан бегонаро монад.

* * *

Душ дидем турову бинамудем дуо,
К-эй Худо, соз ту он ғунчадаҳон лоиқи мо.

Мо фақирему фақирон, ки надоранд гуноҳ,
Бегуноҳему гирифтори азобем чаро?

Ба чароғи гули рӯи ту шудам парвона,
Ҳеҷ парвона набошад зи бари шамъ ҷудо.

Ту табибиву гузар соз ба сарвақтии ман,
Ки қариб аст гузар созам аз ин дори фано.

Гарчи ҳастанд харидор ба ман, суде не,
Балки бар гавхари ишқам фақат арзанда шумо.

Гуфтамаш, эй гули Раъно, ту аз он хоки раҳаш
Домани хеш биафшон, ба дигар роҳ даро!

* * *

Сар то ба по баҳораму ҷоно, биё ту зуд,
К –аз баъди навбаҳор туро омадан чӣ суд?!

Гулҳои хуб дер напоянд дар чаман,
Боз о, ки ҳаст сабзаи гулзори ман кабуд.

Дил ҳасту ишқ ҳасту вале рахнамой нест,
Варна сухансарост маро ҷумла тору пуд.

Доғи ҷафои ту дили ман карда доғдор,
Бо шъри тар, дареғ, набитвонамаш зудуд.

Рафтӣ зи мову риштаи уммедхо биканд,
Уммеди омадан дари уммедро кушуд.

Раъно ту мард бош, ки мардӣ ҳунар бувад,
Тири сухан бизан ба сари синаи ҳасуд.

* * *

Ёр хоҳад рафт бозори дигар,
Ӯ харидор аст бар ёри дигар.

Нори дилро, ё Рабо, хомӯш кун,
Дӯст дорад ӯ агар нори дигар.

Меравад он гул маро аз даст, вой,
Мешавад ӯ зеби дастори дигар.

Гарчи кардам гиряҳои зор зор,
Рафт охир, буд чун зори дигар.

Оҳ, Раъно бо ҳама дилмурдагӣ,
Менависам боз ашъори дигар.

* * *

Боз бигзашт зи сар ин шабу шабҳои дигар,
Ёр нодида ба бар ин шабу шабҳои дигар.

Фикри ӯро бинамудем, вале беҳуда,
Лахти хун аст ҷигар ин шабу шабҳои дигар.

Набувад ҳеҷ маро суд аз ин раҳпоӣ,
Нест уммеди дигар ин шабу шабҳои дигар.

Чӣ шавад сангдило, гар ки ба ман бинмоӣ
Аз сари меҳр назар ин шабу шабҳои дигар?!

Гар пушаймон шудаӣ, фикр макун, боз биё,
Нигаҳам ҳаст ба дар ин шабу шабҳои дигар.

* * *

Эй дил, ту сабр соз, ки ҷонон расиданист,
Сад сурмаи ниёз ба миҷгон расиданист.

Эй ташнаи калом, дигарбора гӯш соз,
Тутӣ ба шавқ гуфт сухандон расиданист.

Эй чашм, шод бош, ки нури ту мерасад,
В-эй дил, ғамин мабош, ки дармон расиданист.

Парвона боли хеш кушову ба рақс о,
К-он шамъи ошно шаби ҳиҷрон расиданист.

Он донаи мурод ба сад орзу бипош,
Зеро ки навбаҳор хиромон расиданист.

Раъно, маро ба себи биҳишт орзу наяст,
Гар то ба себи рӯи ту дандон расиданист.

* * *

Доғи фарзанд, эй азизон зӯр будаст ин қадар,
Зодани ӯ дидаҳоро нур будаст ин қадар.

Симу зарро гар биёбӣ ҳар замон дубора ту,
Бар дили дарёи кас ӯ дур будаст ин қадар.

Шӯлаҳои зиндагӣ аз доди ӯ сар мезанад,
Баъди фавташ зиндагӣ маҷбур будаст ин қадар.

Ҳар касеро дар ҷигар гар доғи фарзанде бувад,
Байни мардум зиндаи дар гӯр будаст ин қадар.

Шукр гӯ, Раъно, ба доду ҳам гирифташ ҳар замон,
Кори Аллоҳ аст ҳиҷрон, зӯр будаст ин қадар.

* * *

Худоё, ошиқам бар лоларӯям,
Назар соз, эй худододам, ба сӯям.

Намоям ман сипосе аз муҳаббат,
Вафо занҷира бандам дар гулӯям.

Агар холи лабонатро фурӯшӣ,
Ба сад зар ман харидорам, бигӯям.

В- агар тарсӣ зи ёру ошноён,
Сари худро фидо созам, нагӯям.

Даме раҳме бикун, дорам таввало,
Манам лоиқ ба ту, марғуламӯям.

Чаро хомӯшу сархам менамоӣ,
Намегӯӣ гуноҳамро ба рӯям?!

Дилам хун гиряд андар роҳпоӣ,
Ба ҷуз ту дигареро ман наҷӯям.

Чу Раъно ҳар шабе фикри ту дорад,
Намедонам, ба рафторат чӣ гӯям?

* * *

Баҳор омад, чӣ хуш бошад ҷавонӣ,
Зи гамҳо дур кардан комронӣ.

Зи шавқи якдигар бар шӯр будан,
Зи завқи ҳам намудан меҳрубонӣ.

Басе бар сояи сарву санавбар
Ба кокулҳо намудан гулфишонӣ.

Зи шӯри булбулони нағмапардоз
Басо рақсидану ҳам нағмахонӣ.

Чу ғунча во шуданхо аз нигоҳе,
Ба хилват кардани айши ниҳонӣ.

Баҳор асту дилатро шод бинмо,
Ки гулбун медиҳад хуш муждагонӣ.

Баҳорон аст, бинмо комронӣ,
Зиё гир аз чунин сон меҳрубонӣ.

Чунин аст арзи Раънои сухангӯ,
Бифаҳмӣ, шеъри хубаш гар бихонӣ.

* * *

Оҳ аз ҳаҷри ту қалбам дам ба ғам хоҳад кашид,
Заҳри талхи ишқро ҳамвора дам хоҳад кашид.

Ранги зардам аз фироқат аст, золим, хуб дон,
Ин тани ман баъди дидан дард кам хоҳад кашид.

Танг шуд ҳар як нафас аз дурию ҳиҷрони ту,
Баъд аз ин парвонаи ман боли рам хоҳад кашид.

Сад ҳазорон роз дорам, бар кӣ гӯям, сад дареғ,
Баъди мурдан низ ҷонам бори ғам хоҳад кашид.

Баъди садхо сол шеъри нобы Раъно баҳратон
Бо шафоат об аз чоҳи алам хоҳад кашид.

* * *

Чу гарде дар сари роҳаш фидои ёр мегардам,
Фидои он қаду қомат адои ёр мегардам.

Агар марги маро хоҳад, баҳона кай кунам дигар,
Ки қурбони муҳаббат аз барои ёр мегардам.

Хушо, ки ҷои ӯ созанд чашми интизори ман,
Ки ман мафтуни чашми сурмасои ёр мегардам.

Ҷафоюю ҷабри ӯро ба ҷои меҳр медидам,
Вафо мехоҳаму масти ҷафои ёр мегардам.

Ба пеши хонааш монад, гадои даргаҳаш бошам,
Чу гарди гул ба сад бӯе ба пои ёр мегардам.

Намефаҳмам туро, ё Раб, магар Раъно намебинӣ,
Тараҳҳум кун даме бар ман, адои ёр мегардам.

* * *

Гаҳе хоҳам мисоли барқ сӯзам устухонатро,
Ва ё чун бод аз бун барканам ин хонумонатро.

Ту бе ман ошёнеро бихоҳӣ гулфишон кардан,
Бигардам шуълаи барқеву сӯзам ошёнатро.

Аё, эй сарвари доно, сухан сарбаста мегӯӣ,
Маро Луқмон ҳамебояд, ки фаҳмонад забонатро.

Манам як шохаи сабзе, ки дорам дӯст гулҳоро,
Худовандо, мабар аз ман баҳори гулфишонамро.

Агар донам, ки нотобӣ, нишинам бар сари болин,
Диҳам ҷонро ба Азроил, нагирад то ки ҷонатро.

Маро аз тӯ ҷудоӣ нест то ҷон дар бадан дорам,
Фақат Раъно намебахшад, агар фаҳмад хиёнатро.

* * *

Дар ин дунё басе нопок дидам,
Куҷо оқил бувад, ғамнок дидам.

Ба сар сатре, ниқобе аз нифоқӣ,
Тилисме аз дами Заҳоқ дидам.

Ба рӯи он, ки буда маърифатнок,
Ду чашмаш доимо намнок дидам.

Басе бар худ суоле карда гуфтам,
Бихурдам заҳр ё тарёк дидам.

Зи нопокии эшон дар ҳазар бош,
Ки ҷумла бандаро дар хок дидам.

Басе аз дидани худ гуфт Раъно,
Ҳама аз пастии идрок дидам.

* * *

Душ бе хайрухуше рафт зи мо ҷонона,
Интизорам ба раҳаш, дӯст, бидеҳ паймона.

Кош, мармар шаваму хишт бисозанд зи ман,
Баъд аз ин зеб диҳам пешу паси он хона.

Ин дили ғофилу савдозадаро тоқат ку?
Ишқ бинмуда маро содадилу девона.

Оҳ, дар пеши ту, эй ёр, маро қадре нест,
Чӣ кунам хирмани дониву манам як дона.

Баски дар пеши ҳама ҳарфи туро мегӯям,
Қиссаи зиндагии мо бишавад афсона.

Зи сари лутф, дило, шукри Худо ор ба ҷой,
Нашавад хонаи мехри дили мо вайрона.

* * *

Дар ишқи ту, эй ёр, ман аз пой дарафтам,
В-аз ранҷи ҷигарсӯз яке бехабар афтам.

Гар ишқ чунин бошаду дилдор ту бошӣ,
Биллоҳ, гадое шаваму дарбадар афтам.

Эй кош, ки аз теғи ҷафову алами ту
Дар кӯи ту мирам, ба ту наздиктар афтам.

Эй ғунчадаҳан, гар ки ба ин шаҳр биёӣ,
Дунболаи ту ҳамчу насими саҳар афтам.

Эй бод, маро бар дари он бехабарам бар,
Дар пеши дари хонаи ӯ ҳар саҳар афтам.

Гар ёр равад, ман биравам аз паи пояш,
Хезам зи яке ҷову ба ҷои дигар афтам.

Оҳи дили Раъно ба фалак рафт зи ҳасрат,
Гар раҳм насозӣ ту, ба хуни ҷигар афтам.

* * *

Баҳор асту дилам бар шӯр ояд,
Чаман бо ҳусни хоси ҳӯр ояд.

Чаман ороста гулҳои хушбӯй,
Насими ҷаннатӣ аз дур ояд.

Аё булбул, бизан чаҳ -чаҳ ба олам,
Ки ёрат рӯи сабза ҷӯр ояд.

Хушо, ки мавсими ошиқпарастӣ,
Баҳори нобу ҳам махмур ояд.

Кунам такя баҳорон бар умедам,
Агарчанде ғурурат зӯр ояд.

Аё Раъно, даме ғам дур бинмо,
Равад зулмоту фасли нур ояд.

* * *

Аё эй, Холиқи доно, бигӯ ту ошёнашро,
Ба зорӣ шоядо, ёбам забони посбонашро.

Бубинад гар варо ғунча, кунад чашми тамошо боз,
Нахандад ӯ, агар бинад базебии даҳонашро.

Нафаҳмад гар марову байни мо гар тарҷумон ояд,
Равад то ӯ, биомӯзам забони тарҷумонашро.

Нишоне гар биҷӯянд аз барои тири миҷгонаш,
Ба ҷони хеш мегирам ҳама тири камонашро.

Ба ҷуз аз ин дуои нек н-ояд бар лабам дигар,
Худоё, меҳрубон гардон, дили номеҳрубонашро.

Зи дилсардии он ҷонон Худоё, ҷон ба лаб омад,
Дигар розист Раъноят, ки гирӣ зуд ҷонашро.

* * *

Ҷоно, ба лаб омадаст ҷонам,
Лол аст зи тарси ту забонам.

Фаҳмам, ки намудаӣ хиёнат,
Ман зинда дар ин ҷаҳон намонам.

Номус маро намегузорад,
То дар қадами ту сар бимонам.

Ҷонро бинамуда ғамгусорат,
Қисмат бинамуда хону нонам.

Гар қадри муҳаббатам надонӣ,
Дониста бимон, ки ман ҳамонам.

* * *

Эй боди сабо, бори дигар ҳамсафарам шав,
Эй ёр, биё, бори дигар ҳамгузарам шав.

Аз худ ту бирон рашку хусумат ба ҳақи ишқ,
Тубосифато, пеш биё, ҷилвагарам шав.

Эй хоки ҷаҳон, бар сари ҳиҷрони ҷудоӣ
Ту сояи ман ҳастиву боз о, ба барам шав.

Гар шоираке шеър бигӯяд ба нигораш,
Ту хандакунон ову маро шеъри тарам шав.

Шаббода шаву зулфи маро сила намо тез,
Парвона шавам ёр, биё, болу парам шав.

Ҳаргиз ту марав аз паи боде, ки равӣ аст,
Бозову маро вақти ғазо чун сипарам шав.

Раҳме бикун, эй Холиқи доно, мани гулро,
Раъност ба тавфиқу чу тоҷе ба сарам шав.

* * *

Кай биёбӣ дилбаре, эй ёри мо, ҳамсони мо,
Гул намеёбӣ дигар ҳамчун лаби хандони мо.

Нони дигар ту махох, ки нонпазҳо кам буванд,
Нони дигар менамеарзад бар кафи талқони мо.

Поси нон донистан, охир, пешаи оқил бувад,
Сергардад бенама лахчаи чакдони мо.

Бозгард аз роҳи торик, з-он ки кӯрат мекунад,
Ноумеди даҳр бодо, ҳар ки буд шайтони мо.

* * *

Бо ҳам оед дӯстдорон,
Ошиқ бишавед ба гулъузорон.

Донед, хуш аст ҳар дами умр,
Одам бишавед, эй азизон!

Ҳарчанд шароб манъ карданд,
Мастанд зи ишқ сад ҳазорон.

Дунёи вафо камӣ набинад,
Рафтанд агарчи он нигорон.

Парҳез зи бухлу кина созед,
Донед, ғаниматем ёрон.

* * *

Дареғо укдаҳои қалби мо накшуда мемонад,
Раҳи уммеду армон боз нопаймуда мемонад.

Ба доде мерасанд он гаҳ, ки мо тарки ҷаҳон созем,
Пас аз мо ёдгорӣ ин хати фарсуда мемонад.

Гурезе нест аз ин чархи ғамсавдои бепарво,
Ҳавояш аз ғубори ҳар нафас олуда мемонад.

Ба толеи каму беше дар ин ҳангомаи ҳастӣ,
Биосой худат, аммо дилат н-осуда мемонад.

Дамодам меравад поён чу умри шармсори мо,
Ғами мо ёдгор аз қалби ғамандуда мемонад.

* * *

Ба ҳар кас дӯстӣ кардам, маро ё Раб, ҷудо кардӣ,
Ба ин ҳусну сухандонӣ, чаро ранҷошно кардӣ.

Зи ҷабри рӯзгоронат ба худ печида чун занҷир,
Худовандо, чаро чун дӯст барман сад ҷафо кардӣ.

Маро бо санги тақдират задиву носазо гуфтӣ,
Барои тарки ин дунё маро подарҳаво кардӣ.

Мани сода чу девона надонистам гуноҳам чист,
Нагуфтӣ: Эй азизи ман, ки ин ҷо ту хато кардӣ.

Агар боре расад оҳам ба даргоҳат, чӣ хушбахтам,
Расад ё не кунам шукрат, ки манро худ ато кардӣ.

* * *

Чун маро бигрифта дар бар, боз нодидан чӣ буд,
Бо адою ишваҳо бар хеш печидан чӣ буд?!

Гар намехоҳи, ки рашкам ояду гирён шавам,
Пеши ман бо душмани ман боз хандидан чӣ буд?

Хостӣ, ки бар саволи ту ҷавоб орам ба лаб,
Варна дар пеши рақибам, ёр, пурсидан чӣ буд?

Ман намедонам, ки ин рашки туро таъбир чист,
Худ бигӯ аз баъди он гап, ёр, ранҷидан чӣ буд?

Душ худро чун ту бепарво гирифтам ман аз он,
То нагӯяндам, ки шаб то рӯз нолидан чӣ буд.

Бар саволи ту ҷавобе нест, эй Раъно, чаро,
Бо чунин номеҳрубоне ёр гардидан чӣ буд?

* * *

Нолаю афғон зи ғамат сар кунам,
Гӯши рақибон зи фиғон кар кунам.

Дафтари ишқи зи ғам афсурдаро
Нусхаи девони ғам аз сар кунам.

Аз ғами танҳоию аз дарди ишқ
Саҷдаю таъзим ба соғар кунам.

Нест дигар роҳи халосӣ зи ишқ,
Дар раҳи ту хаймаву чодар кунам.

Чун гузарӣ аз дари даргоҳи мо,
Хоки паи пой ба каф зар кунам.

Чун қаду болои ту бинам ба боғ,
Тарки тамошои санавбар кунам.

Зинда набошам - накунам ёди ту,
Кай назаре ҷониби дигар кунам.

Ман, ки ҳамон дилбари Раънои ту,
Бар туву бар ишқи ту бовар кунам.

* * *

Доду сад доде зи дастат, ёри бепарвои ман,
Оқибат як гӯшаи хона бигашта ҷои ман.

Сад дареғо аз гузашти мавсими ошиқнавоз,
Боз мегӯӣ надорӣ заррае парвои ман.

Шамъ моему валекин он туӣ парвона ку?
Бо таноби сахти қисмат бастаи ду пои ман.

Хира гардидаст чашмам, гарчи чун оина буд,
Бо ғами ту об гардад ин дили шайдои ман.

Ё Рабо, эҳсон бидеҳ чун ёри ман бо худ наяст,
Бар худаш овар, ки буд он меҳрубон яктои ман.

* * *

Чаро бар ман гарон афтод бо ӯ ошноиҳо,
Ҷигар хуноба гардида пас аз он бевафоиҳо.

Саволам дос гашта роз созамро дарав бинмуд,
Зи ғам бас ашкҳо резонда ҳар ҷо дар паноҳиҳо.

Пас аз дилсардие ҷустан чӣ ҳоҷат буд гармиро,
Чи лозим, эй қарини н-ошно, ин худнамоиҳо.

Бирав эй балҳавас, медон, ки савдои ҳаёт аст ин,
Вафову аҳд бар қисмат надорад пешпоиҳо.

Ҳаёти ҷолибу рангин чу ранги ҳафтаврангаст,
Дигар чӣ ҳоҷати гуфтор ё ки раҳнамоиҳо.

* * *

Бирафтӣ, ишқ, аз мо дур,
Диламро кардаи ноҷӯр.

Аё нури ҷаҳоннафрӯз,
Биёву қалбҳо деҳ нур.

Чаро дил мебарӣ ҳар дам,
Бихандида пасон махмур.

Надорад дил дигар тоқат,
Намеоӣ дигар маҷбур.

Кунун дар айшу нӯш астӣ,
Намесозам туро ноҷӯр.

Ба ёдат бистарӣ гаштам,
Зи гиря шуд ду чашмам кур.

* * *

Боз мегирам қалам бо номи ту,
Мекунам васфи туву андоми ту.

Боз ояд ба сарам андешае
Аз ҳамон паймонаву иқдоми ту.

Боз пайдо мешавад садҳо ҳиҷо
Аз каломи нимагашта хоми ту.

Боз бозӣ мекунад рашкат ба ҷаҳл,
Дар нигоҳу тирагӣ андоми ту.

Дастудилбикшудаи деринаам
Бо ҳама истезаҳои хоми ту.

# ДУБАЙТӢ

Дило, ошуфтаӣ монанди Лайло,
Сияҳрӯзӣ зи ҷабру бори дунё.
Ту, ки сарчашмадори ишқ ҳастӣ,
Ба бисмиллоҳи қисмат хез аз ҷо!

Худо афзал шуморад се нафарро
Нахуст омӯхта касбу ҳунарро.
Дигар он кас, ки мейҳан ҳифз созад,
Ва сеюм меҳнатию барзгарро.

Фидои омаданҳоят, гули ман,
Биё пешам, ки танҳоям тамоман.
Биё, ки ташнаи рӯят шудам боз,
Агар н-ой, ғами хуфта хурад тан.

Фалак, аз дасти ту бошам гунаҳкор –
Ба ҳар ҷабру ҷафо бошам сазовор.
На ақлу фазл даркор аст бар ту,
Зи ғурбатҳои ту ман гашта бемор.

Кучо дилдору маъшуқу нишоне,
Зи дил чустам ҷавобаш ҳар замоне.
Баромад дуди печон аз дилу гуфт:
«Надорад ишқ ҷоеву макони».

Бигуфтам: ишқ, рангат ку, забон ку?
Асоси умри бешу ҷовидон ку?
Чаро доғи ту дар ҳар дил бимонад,
Раҳат ку, мақсадат куву нишон ку?

Сухан ганҷест қурбаш то қиёмат,
Зи ӯ бошад раҳи фазлу тариқат.
Зи нураш дар ҷаҳон гардӣ сарафроз,
Зи меҳраш аз Худо ёбӣ каромат

Гули ишқи диламро бод бурда,
Қасамҳо то қиёмат ёр хӯрда.
Худоё, то бувад, паҳлуш монам,
Ки бо ӯ зиндаам, бе ӯ чу мурда.

Баҳор асту чу булбул ёр бошед,
Шабу рӯз аз вафо бедор бошед.
Чу лутфе ин баҳор ояд, равад боз,
Зи ишқу ошиқӣ саршор бошед.

Дилафрӯзам, шабеҳи ахтарон бош,
Мунаввар офтоби ҷовидон бош.
Дар ин умри зи ғам саршору кӯтоҳ,
Заминам, дилрабо то осмон бош!

Ғами фарзанд талху қалбсӯзон,
Ба дил доғаш чу гулҳои пурармон.
Ғами фарзанд бо марг аст тавъам,
Зи мағзи устухонат мебарад ҷон.

Аё эй даври талху шӯру ширин,
Куҷо шуд навбаҳори умри рангин?
Куҷо шуд нағмаи мурғи ғазалхон,
Ки бо истезаҳоят банда ғамгин.

Ҳаёти одамӣ аз сӯз бошад,
Муаммои ҷаҳон маҳфуз бошад.
Парешон асту ҳайрон аст қисмат,
Намедонӣ куҷо дилсӯз бошад.

Худоё, умри моро бехатар кун,
Дарахти бахти моро пурсамар кун.
Чу ҳар рӯзи саиду моҳи фирӯз,
Ҳаёти одамӣ пирӯзтар кун.

Забони тоҷикиро дуст доред,
Ба поси эҳтиромаш саҷда оред.
Забони тоҷдорони замин аст,
Барои ҳифзи ӯ ҷонро супоред.

Забони тоҷикӣ баҳрам чу дунёст,
Рафиқу ғамшарики умқи шабҳост.
Забони номаҳову ишки рангин,
Шакаррезу чу шаҳди ҷӯи лабҳост.

Ватан, имонӣ баҳри ин дили ман,
Тану ҷонӣ, тану ҷони дили ман.
Туӣ олитарин марзе зи қисмат,
Зи бахшишҳои яздонӣ, дили ман.

Ватан ширинӣ ҳамчу шири модар,
Зи дил ғам мебарорӣ мисли хоҳар.
Ватан, мисли падар як шаҳсутунӣ,
Чу ворис мекашӣ моро ту дар бар.

Бародар, дасти хаёрат дар амон бод,
Баҳори зиндагият бехазон бод!
Барои поси лавҳу минбари Ҳақ,
Чу сатрам номи некат ҷовидон бод!

Ҳаёт амро сарои дард кардӣ,
Диламро аз муҳаббат сард кардӣ.
Бирав, эй бевафои бемурувват,
Лаби домони покам гард кардӣ.

Надидам рӯзи некеро зи дастат,
Мабод он рӯз, ки афтам ба шастат.
Насозам ҳеҷ бовар бар сарояш,
Ки гӯяд, ишқ созад банду бастат.

Дилам аз баҳри ту саҳрой гашта,
Сарам дар ишқи ту савдой гашта.
Чаро боде шудӣ чун боди афғон,
Ки ҷонам аз дамат лолой гашта.

Ду зулфи мушки ман бӯи ту дорад,
Лабони хушки ман бӯи ту дорад.
Бувад рашкам зи рӯи дӯсторӣ,
Чӣ рашке, рашки ман бӯи ту дорад.

Ҳаёт аз ҳамтаният ҷӯш дорад,
Хушо бар ҷони ман, ҳамдӯш дорад.
Ҳар он ҷое, ки рафтам, боз гуфтам,
Лаби ман аз биҳиште нӯш дорад.

Дилам бо оби Кавсар буд ҳамсон,
Зи дастат тира гашту шӯр яксон.
Танам тӯбои сабзи ҷаннатӣ буд,
Хазон гашт аз ҷафоят, ёри нодон.

Ғаме дорам, ки ҷуз борон надорад,
Чунин норе, ки ҳар вулқон надорад.
Тану ҷони маро танҳо мабин ҳеҷ,
Панаҳ дорам, варо ООН надорад.

Ало ёрон, чароғи дӯст бошед,
Ба роҳи ҳамдилиҳо нур пошед.
Зи пои ҳамдигар барканда хоре,
Чу ҳастед одамӣ, ҳамҷӯр бошед.

Дар ин даҳри гузар меҳмон ману ту,
Ба дарди ин ҷаҳон дармон ману ту.
Намаксозу намакпошу намакрез,
Ҷаҳонсози ҷаҳонгардон ману ту.

Зи ҷабри дун маро ҳаст ор доим,
Қалам нолад сари ашъор доим.
Ситора дар ҳаво, ошиқ ба хилват,
Зи қисмат хаставу афгор доим.

Дилам дар ишқи ту чун найнавоз аст,
Тану ҷонам зи ғамҳо дар гудоз аст.
Биё, ки хонаи сабрам фурӯ рехт,
Барои марги ғафлат дида боз аст.

Муҳаббат шӯру шавқи сарсарӣ нест,
Набошад ишқ, расми дилбарӣ нест.
Агар хоҳӣ, ки шаҳдашро бидонӣ,
Таҳаммул мекуниву қайсарӣ нест.

Агар беғам шудан хоҳӣ, бишав санг,
В-агар давлат пазирӣ, дур аз нанг.
Агар танҳопарастӣ мисли гетӣ,
Ғуломи зулм бошу ошиқи ҷанг.

Дилам аз бевафоӣ дард дорад,
Фалак андешаи номард дорад.
Худоё, фикри ому ин ҷаҳон кун,
Ки шайтонат нигоҳи сард дорад.

Дилам аз сардиат дилгир гашта,
Танам аз зулму ҷабрат пир гашта.
Дилам аз ваъдаҳои бекаронат
Ғизоли пойдарзанҷир гашта.

Гуле бар кокулам бастӣ, хазон шуд,
Чӣ қудрат дошт ишқат з-он аён шуд.
Ба гил яксон намудӣ барги сабзаш,
Аз ин бераҳмият дил дар фиғон шуд.

Чу боди сарсарӣ бурдӣ диламро,
Фишурдӣ ҳамчу норе ҳосиламро.
Ба монанди уқоби тезпарвоз
Задӣ чангу ҳаво додӣ диламро.

Зи ҷабри ҳасратат бечора гаштам,
Барои диданат овора гаштам.
Паноҳеро намебинам зи қисмат,
Парешонхотире якбора гаштам.

Зи ишқ олам ҳама обод гардид,
Зи ишқ Одам, Ҳаво эҷод гардид.
Бишуд оғоз аз он ҳар мақоме,
Аз ӯ чубе, хушо, шамшод гардид.

Ҷавонию хушиҳо бар само рафт,
Нигоҳи беғаши субҳи сафо рафт.
Хати ожанги пирӣ зери мижгон
Зи ранҷаш ҳусн ҳам по бар ҳаво рафт.

Дилам аз ҳаҷри ту мотам гирифта,
Д чашми роҳпоям нам гирифта.
Садои рӯҳбахшат ёд бурда,
Фазои меҳрборат ғам гирифта.

Шарори меҳрро хомӯш кардӣ,
Ҳавасро миннате дар дӯш кардӣ.
Надонистӣ чӣ асрорест дар ишқ,
Худатро бо ҷазо мадҳуш кардӣ.

Зи кору бори дунё мехурӣ ғам,
Зи бераҳмии гетиӣ ба мотам.
Ғами дунё ҷаве арзиш надорад,
Ҳамин ғам карда як ғамхона олам.

Зи ҳуснат, модаро, гулзор дорам,
Зи меҳрат дафтари ашъор дорам.
Бароям ҷон бубахшидӣ чу Яздон,
Зи ту сад олами асрор дорам.

Дили ошиққушат як рӯз донад,
Кӣ будам! Боз назди хеш хонад.
Тани сарди яхинат карда эҳсос,
Ки ман будам чу мағзи устухонат.

Биё, побанди хору хас набошем,
Гирифтори касу нокас набошем.
Биё, дар зиндагии тори мижгон,
Мисоли ғайбати ҳар кас набошем.

Ту манмо манманиву худнамоӣ,
Ки рӯзе бар замин афтӣ ҳавоӣ.
Бишав ҳамсони хоки қолаби худ,
Расад рӯзи фаноию ҷудоӣ.

Саманди хотирам маҳмез дорад,
Қалам истезаҳои тез дорад.
Чу хоҳам, ки шавад боли сухан рост,
Ҳазорон вожаи навхез дорад.

Муҳаббат нури эҳёи Худо аст,
Муҳаббат бо ҳақиқат ҳамсадо аст.
Муҳаббат оташи мулки дили мо,
Ба гардун ҳамчунон мурғи Ҳумо аст.

Куҷо шуд хандаи ширини лабҳо,
Куҷо шуд лутфи ту дар умқи шабҳо.
Куҷоӣ, эй ҷаҳони орзуям,
Киро дар сина ҳоло додаӣ ҷо?

Туӣ дунёи ман, бе ту сафо нест,
Маро бе меҳри ту лутфи Худо нест.
Ҳавои ҳаҷри ту ҷонам бисӯзад,
Ба гӯшам аз муҳаббат як садо нест.

Муборак нозҳои ошиқона,
Муборак розҳои ошиқона.
Муборак, базми дидор, эй азизон,
Навою созҳои ошиқона.

Насӯзад қалби сангини ту бар ман,
Нашуд во қалби бадкини ту бар ман.
Намедонам гуноҳи хеш, аммо
Фано шуд ишқи рангини ту бар ман.

Баҳороғӯши ман, эй модари ҷон,
Азони гӯши ман, эй модари ҷон.
Туро ман дӯст медорам чу ҷонам,
Ту шаҳди нӯши ман, эй модари ҷон!

Бишуд рӯзам зи ҳаҷрат чун шаби тор,
Чӣ худбинӣ, ки гирдат карда паргор.
Ҷафоят аз ҷафои даҳр бигзашт,
Ба рашки беасосам кардӣ афгор.

Бароям марзу буми ҳамҷаворӣ,
Яке сарсабзу зебо марғзорӣ.
Ситора дар шабу шабнам ба рӯям,
Саҳар бар гӯши ман савти ҳазорӣ.

Зи меҳру гармии ҷон аст нонам,
Зи ишқ асту муҳаббат хонумонам.
Намакдонам шуда шӯре зи қисмат,
Чӣ қонуне, чӣ расме, худ надонам.

Гулам, аз дасти ту берангу бӯям,
Шикастӣ шохаҳои орзуям.
Чуно бо меҳр ҷодуям намудӣ,
Ки бо ҳар хор рози дил бигӯям.

Чаро, эй бахти рафта, дер кардӣ?
Зи ғусса ҷони зорам сер кардӣ?
Маро, ки як гули нози баҳорам,
Ба зери пой кардӣ, зер кардӣ?

Дар ин дайри дудар савдо чӣ лозим?
Ғами пайдову нопайдо чӣ лозим?
Агар рӯзи қазо поро бубанданд,
Равем дасто ба дасту по чӣ лозим?

Хуморатро ба дил маҳрам гирифтам,
Уммедатро ба худ ҳамдам гирифтам.
Чу дидам қимату қадрам насозӣ,
Ба марги орзу мотам гирифтам.

Зи ҳаҷрат ҷони худро мераҳонам,
Ба гӯшат оҳи дилро мерасонам.
Ба рағми ному номуси замона
Зи ишқат қасди дилро меситонам.

Дили Ҷоми Ҷамамро хор кардӣ,
Маро ғамкуштаву бемор кардӣ.
Магар расми вафодорӣ чунин аст,
Ки рӯзи равшанамро тор кардӣ.

Дари дилро ба рӯят то бубастам,
Чу як тире ба қасди соя ҷастам.
Туро чун санги соҳилҳо бидида,
Қаиқи бодии қисмат шикастам.

Дилам муҳтоҷи меҳру дидани туст,
Ду чашми равшани ман равзани туст.
Дар ин айёми сармои зимистон,
Дилам муштоқи як хандидани туст.

Чӣ бераҳмӣ, ки меҷӯӣ ту дурӣ,
Бубинӣ сад бадӣ аз носабурӣ.
Дило, дурӣ гузин аз ишқ, варна
Ҳаётат бигзарад бо талху шурӣ.

Ҷилои лаъли лабҳоям рабудӣ,
Нишоти рӯзу шабҳоям рабудӣ.
Накардӣ раҳм бар аҳволи зорам,
Дари зулмот бар рӯям кушудӣ.

Ҷавониям сари ду кокулам буд,
Ҷавониям чу кокул рехтӣ зуд.
Бисӯзад хонаи дилгири пирӣ,
Ки пирӣ дасти ғам бар кокулам суд.

Дилам аз як нигоҳат ҷӯш мезад,
Зи чашмони сиёҳат ҷӯш мезад.
Вале аз тарси он ки ту нафаҳмӣ,
Ситеза бо лаби хомӯш мезад.

Нигоҳат ноз дорад, сӯз дорад,
Ишороти адабомӯз дорад.
Ба қаъри дидагон ҳар як нигоҳат
Чӣ рамзеро ба худ маҳфуз дорад.

Сари мижгони ёрам нам расида,
Ту гӯӣ сабзаро шабнам дамида.
Ба рӯи дидагони нилфомаш
Пари товус гӯё ки хамида.

Ғамат умре маро дилгир карда,
Маро чун мурғаки шабгир карда.
Бисӯзад хонаи шарму хиҷолат,
Ки андар пои ман занҷир карда.

Ба нозу нағмаам мадҳуш кардӣ,
Гуноҳи нобаҷо бар дӯш кардӣ.
Чу шабнам рехта аз рашк пухта,
Тамоми накҳатамро нӯш кардӣ.

Дили ту домани саҳрост, ёро,
Чу чуғзе яккаву танҳост, ёро.
Дилат нопойдору бевафо аст,
Ҳамеша аз пайи савдост, ёро!

Маро аз чашми нозат об додӣ,
Чу паргоре ба даврат тоб додӣ.
Зи ҳар истезаат ғарқи сиришкам,
Ба болояш маро хуноб додӣ.

Ман аз меҳри Ватан Раъно шудам боз,
Чу бонуи сухан эҳё шудам боз.
Намуда шукри Меҳан, шукри тақдир,
Сарафрозам, ки сарболо шудам боз.

Дили ман ахгари хомӯш дорад,
Ҳазорон ҳикмате бар дӯш дорад.
Дили манро ту кӯчак ҳеҷ машмор,
Шарори шавқ дар оғӯш дорад.

Диламро бурдию аз даст додӣ,
Чӣ кардӣ, ғамбино шуд қасри шодӣ.
Дили сарчашмаи меҳру муҳаббат
Бишуд девонаавзоею бодӣ.

Гули андешаамро бод бурда,
Камолу авҷи ӯро хок хӯрда.
Умеду орзуям гашта раҳгум,
Манам як зиндаи бадтар зи мурда.

Туӣ сангиндилу ман бутпарастам,
Зи дастат роҳи тоатро бубастам.
Чунин як худфидоиро чӣ созам,
Ту шамъ гашти шамъу ман кӯтоҳдастам.

Дило, бо ҳилаҳо, домат намуд ишқ,
Ба мисли бода дар ҷомат намуд ишқ.
Аҷаб ту содаву бесарпаноҳӣ,
Фидои лаъли гулфомат намуд ишқ.

Дилам аз бодаи ғам нӯш дорад,
Ба ҳарфу ваъдаҳоят гӯш дорад.
Ба афсӯсу ба вовайлои дунё,
Чу мавҷи рӯди ҳастӣ ҷӯш дорад.

Дилам ғам дораду савдо надорад,
Туро меҷӯяду аво надорад.
Шуда қурбонии як дидани ту,
Дигар парвои ин дунё надорад.

Дили аз ноумедӣ хаста дорам,
Бирафт охир ҳама дору мадорам.
Чу кӯре дар раҳи уммедворӣ,
Як умре ҳақталошу хору зорам.

Зи сӯзат бо дами оташ ситезам,
Ба қасдат чун шаҳиди ишқ хезам.
Чу заркоре барои ҳақситонӣ
Тамоми занги дилҳоро бубезам.

Раҳо бинмо маро аз панҷаи бод,
Халосиям бибахш аз банди бедод.
Барои ҷоннисории ҳақиқат,
Намо бо меҳр моро, ёр, озод.

Биё, ки рози дил бар ту кушоям,
Умеди рафтаро эҳё намоям.
Биё, ки ҳосилам ҷуз ғӯрае нест,
Зи лаъли ту шакарбораш намоям.

Туро бечора Раъно дӯст дорад,
Ба мисли шаҳду наъно дӯст дорад.
Туро чун бодаи ширини дилкаш
Илоҷи сад муаммо, дӯст дорад.

Зи меҳру гармии ҷон аст нонам,
Зи ишқу ошноӣ хонумонам.
Намакдонам басо шӯр аст аз ғам,
Чӣ ёре, чӣ замоне, ман надонам?!

Баҳор омад, чароғаш лоласонӣ,
Либоси гуларӯсаш арғувонӣ.
Зару зевар зи сар то пош аз гул,
Варо бошад нишоти зиндагонӣ.

Ҷаҳоне аз таҳайюл сохтам ман,
Чу нахли шеър қад афрохтам ман.
Надонистам, ки ноҳақ буд ё ҳақ,
Дар ин ҳангома умрам бохтам ман.

Фалак розам шуниду бесадо монд,
Муҳаббат оҳ гашту дар ҳаво монд.
Фиғону нолаҳоям беасар шуд,
Дареғо, душмани ман беҷазо монд.

Дилам дорад таманнои висолат,
Ҳамеша сӯз дорад аз хаёлат.
Биё, бошем бо ҳам чун ду абрӯ,
Ва ё холе шавам зеби ҷамолат.

Куҷо ором ин даҳр аст аз мо,
Куҷо обод ин шаҳр аст аз мо?!
Ҳама донову биноем, афсӯс,
Забон олуда бо заҳр аст аз мо.

Худоё, умри инсон нест бе ғам,
Ҳаёти мост аз як лаҳзаҳам кам.
Камоли одамӣ то Арш бошад,
Чи суде, гар барояш нест ҳамдам.

Дилам пур аз ғаму ғам бегуноҳист,
Ҳарими марзи ҳастӣ бепаноҳист.
Манам чун лола хандон бо дили доғ,
Паси ҳар хандаи ман дилсиёҳист.

Чӣ мехоҳад нигоҳат аз нигоҳам,
Маҷӯ хушрӯзӣ аз ҳоли табоҳам.
Туро ишқи дурӯғин аст, эй вой,
Чунин ишқу чунин дилбар нахоҳам.

Гадои толеву қисмат набошам,
Рафиқи туҳмату ғайбат набошам.
Азобу кулфатам аз чист, донам,
Фидоии раҳи ишрат набошам.

Худоё, то ғами дилро зудояд,
Диламро гармии дидор бояд.
Куҷо дардошное беҳтар аз он,
Ки дарди ноумедиро рабояд.

Тамоми умри ман фаслест бе ранг,
Баҳоре не, хазони ғуссаоҳанг.
Агарчи ӯст раҳҷӯ бар дили ман,
Раҳаш дур асту пои аспи ӯ ланг.

Замиру тинати ман бегуноҳ аст,
Равону рӯҳам андар бурҷи чоҳ аст.
Насибу рӯзии ман дар раҳи бод,
Парешон қисматам чун мушти коҳ аст.

Чакан ҳусни баҳори ҷовидон аст,
Чакан пайванди сад давру замон аст.
Чакан оромиши рӯҳу равон аст.
Чакан рамзи нажоди тоҷикон аст.

Фалакгӯён зи Ҳошим ёд дорем,
Дил аз сози Сурайё шод дорем.
Чу Давлатманду чун Гулчеҳра Содиқ,
Ҳумои ишқро озод дорем.

Фалак аз хок хезад то ба афлок,
Фалак пар мекушояд аз дили пок.
Ҳазорон роз дар ҳар нағмаи ӯст,
Кунад шодон дили маҳзуну ғамнок.

Гулу Гулчеҳра дорад ин «Фалак», бин,
Сурайё бо «Фалак» дил бурд то Чин.
Ба Давлатманд қоил шуд Фаронса,
Зи Одина ту бишнав савти гулчин.

Фалак аз қалби покон мезанад сар,
Ҳазорон сӯзу созаш ҳаст дар бар.
Фалак доруву дармон аст дилро,
Ба созаш пар занад дил чун кабӯтар.

Фалак бахри диламро мекушояд,
Ғаму дард аз вуҷудам мезудояд.
Фалак гӯям, садои ишқ ояд,
Суруру шодии дил мефизояд.

Забонам, барҳақ, эҳё гашт, инак,
Агар кам буд, дунё гашт, инак.
Ба маҳзи юмни Истиқлоли Меҳан
Забонам боз гӯё гашт, инак.

Чакан наққошии чархи барин аст,
Зи нақши он, ҳуруфи аввалин аст.
Ҷаҳони моҳу ахтарҳо ба пардоз
Зи сеҳри панҷаи нақшофарин аст.

Аё Кӯлобшаҳри қутби Ховар,
Ки дорӣ дар канорат ҳафт ахтар.
Қадамҷои бузургонӣ саросар,
Зи домони ту хезад мушку анбар.

Ману ёру нигоҳи дилбарона,
Ду чашми кофарии ноздона.
Ману нози нигори нозпарвар,
Баҳореву биҳишти ҷовидона.

Дилам хоҳад нишинам рӯ ба рӯят,
Ҳаловатҳо барам аз гуфтугӯят.
Бирезад ангубин аз сӯҳбати ту,
Баҳор орад канору рангу бӯят.

Ту будӣ давлати сар, момаҷонам,
Паёми ғайб бар рӯҳу равонам.
Куҷоӣ, момаи афсонагӯям,
Фидо бодо туро кавму маконам.

Замоне ҷустамат бо беқарорӣ,
Чаро ки будамат масту хуморӣ.
Садо н -омад зи қалби санги сардат,
Бикуштам ишқи худ бо зӯру зорӣ.

Чи хуш базме, ки он базми висол аст,
Чи хуш васле, ки васли ду ниҳол аст.
Бубин, чун савти оби чашмасорон,
Ду ошиқро сурури безавол аст.

Ҳавои деҳа поку беғубор аст,
Зи файзи васли ёрон мушкбор аст.
Навои чангу ситору чағона,
Гулу булбул дар оғӯши баҳор аст.

Барор, оҳам, зи дил ҳар ноумедӣ,
Ки дарду ғам ба мӯям зад сафедӣ.
Ҷавонӣ рафту пирӣ даррасида,
Зи чархи тундхӯ, эй дил, чӣ дидӣ?!

Падар, пандам бидеҳ аз даври гардун,
Раҳоям кун зи дарду ранҷи афзун.
Бидеҳ панду чароғон кун раҳамро,
Ки бе он кӯраму аз роҳ берун.

Назар кардам ҳаме бар пешу пуштам,
Миёни сад ҳазорон хубу зиштам.
Надидам дар ҷаҳон марди хирадманд,
Ки хонад бо дурустӣ сарнавиштам.

Бинозам Сангтӯда ном деҳро,
Чу деҳи худ надидам ҷои беҳро.
Бизад умре вафояш панҷа бар дил,
Фақат ӯ во кунад аз дил гиреҳро.

Касе хурда ҳавои Сангтӯда,
Ба умри хештан чизе фузуда.
Ба оби Вахш шуста гарди ғамро,
Зи дил занги аламҳоро зудуда.

Маро, ки Сангтӯда оламе ҳаст ,
Ба дардам обу хокаш марҳаме ҳаст.
Зиёратгоҳи сайёҳҳони олам,
Ба гирдаш қалъаи мустаҳкаме ҳаст.

Агар аз ҳолу аҳволам бипурсӣ,
Хаёлам мебарад бар Аршу Курсӣ.
Худоё, бахш илҳомам, ки гӯям,
Ҳадисе ҳамчу Фирдавсии Тусӣ.

Зи умрам нимае барбод рафта,
Ба роҳи хомаву эҷод рафта.
Ба нася рафта ними дигари он,
Дар ин савдои бебунёд рафта.

Наям оне, ки аз кас суд ҷӯям,
Ба ҳар лутфи Худо имон бишӯям.
Гули Раънояму хори Ватанро
Ба ҷои лолаву райҳон бибӯям.

Туро андешаҳои ман шиносад,
Ки ширинии ҷонро тан шиносад.
Надонад аз чӣ созад кор оғоз,
Чу марди бевафоро зан шиносад.

Дилам аз сӯзи ишқат беқарор аст,
Туӣ беғам, дили ман ғамгусор аст.
Накардӣ фарқ ёратро зи ағёр,
Даруни остини «ёр» мор аст.

Суруди ман ҳама як сатри роз аст,
Ҳамеша майли парвозаш чу боз аст.
Ҳарими бӯстон ӯро ниёз аст,
Чу гул нозук, зи сар то пой ноз аст.

Яке ғам мехӯрад в-он дигаре нон,
Яке шайтону дигар соҳибимон.
Дар ин даҳри асосаш нобаробар
Ба доно зиндагонӣ нест осон.

Чу соҳибнеъмате рӯ бар гадо кард,
Ҳар он чӣ фарз буд, онро адо кард.
Нарафта як қадам берун зи хона,
Тавофи хонаи поки Худо кард.

Якеро нест қутти лоямуте,
Зи шири мурғ дигаррост қутте.
Чаро ҳаққи баробар нест моро,
Яке гирёну дигарро сукуте?

Маро тақдири бетадбир ёр аст,
Маро сӯзу фироқу гиря кор аст.
Чӣ ғам аз кардаву нокарда дорам,
Ки бар дӯшам ғами дерина бор аст.

Лаби лаъли ту – гулрези муҳаббат,
Канорат– ҷаннати боғи латофат.
Забонат – лаҳни ширини малоик,
Худо дорад аҷаб эъҷози санъат.

Агар нолам, зи булбул нола ояд,
Зи оҳам абр дар гардун напояд.
В-агар нолам яке бар даргаҳи хеш,
Ба рӯям сад малоик дар кушояд.

Ба ёдат хуфтаму хуш хоб дидам,
Равон шорида наҳри об дидам.
Саросар соҳилаш аз сабза қолин,
Ба қолинаш гули маҳтоб дидам.

Ба худ оед, ки дигар мо наоем,
Чаро донист ҷабри ҷон намоем.
Барои нафс аз чӣ мо дар талошем,
Напурсем аз кучову то кучоем.

Сари гаҳворамон модар нишинад,
Зи меҳраш гарчи подоше набинад.
Фақат яктост уммеди дили ӯ,
Ки доғи лахти ҷонашро набинад.

Шаби моро саҳар ёди рухат кард,
Вале дилхунам аз ин сӯҳбати сард.
Бубахшам ҷумла номардии қисмат,
Намебахшам вале ҷурми ту, номард.

Лаби ту пиставу ғарқи гули ноз,
Нигоҳи ту дилозор асту ғамсоз.
Ду чашмат чашми оҳуи рамида,
Маро баҳри чӣ шайдо мекунӣ боз?

Шабе кардам ба номат нома иншо,
Дилам бигрист аз ҳар ҳарфи гӯё.
Қалам –ин ғамшарики яккаи ман
Фиғон карду бигуфто: «Войи Раъно!».

Сароби қисматам беоб гашта,
Зи ғам ду дидаам бехоб гашта.
Пайи дидори ту бахтам ҳама шаб
Зи пушти меҳр чун маҳтоб гашта.

Дар ин дунё, ки ман гумкардароҳам,
Худоё, нест кас бинюшад оҳам.
Надидам дӯсти ширин ба паҳлӯ,
Ки гирад дасту бошад нури роҳам.

Худоё, худ бигӯ боре гуноҳам,
Чаро қисмат бикард ин сон сиёҳам.
Ба қадре худшиносу босипосам,
Ки аз толеи худ дар иштибоҳам.

Ба доди одамӣ имдод хоҳам,
Ба мардум хонаи обод хоҳам.
Зи Эзид бахту толеи баланде,
Ба Кохи дӯстӣ бунёд хоҳам.

Биё, чун резаборонат пазирам,
Чу ёри беҳтар аз ҷонат пазирам.
Чу атре дар вуҷуди ту бимирам,
Чу анворе ба чашмонат пазирам.

Ғизоли қалби мастам ром кардӣ,
Навозиш кардию ором кардӣ.
Дилатро гесӯи ман дом буд, лек
Чӣ сон қалби маро дар дом кардӣ?

Ба оташхонаи дил раҳ кушоям,
Ба ишқат мисли булбулҳо сароям.
Куҷоӣ, эй камоли бахти ширин,
Ба рағми қисмати худ мебароям.

Ғами ҳаҷри туам хомӯш бодо,
Шароби ғам ишқи сӯзон нӯш бодо.
Фурӯ бурдам ҳама ғамбодаи ту,
Вуболи ман туро бар дӯш бодо!

Биё аз шӯри худ дилро хабар кун,
Даме гӯё бишав, шӯре ба сар кун.
Чӣ лозим аҳду паймони дурӯғин,
Ҳавасро аз ҳақиқат бохабар кун.

Нигоҳат мекушад бе тир моро,
Маро марге чунин бошад гуворо.
Нигоҳи ту– нигоҳи ошиқона,
Ғурурат лек кӯҳи санги хоро.

Худоё, бар ғарибонат назар кун,
Зи ҷурми бандагони худ гузар кун.
Зи абри раҳмати хешиву ҳастӣ
Ниҳоли умри маро пурсамар кун.

Китоби зиндагиро менависам,
Зи ғайб илҳом омад чун ҳадисам.
Касе хонад, яқинам дарк созад,
Ки ӯро беғараз ёру анисам.

Чу шамъи нимасӯзе сол рафта,
Чу сайде дар биёбон ҳол рафта.
Раҳи мо ин раҳи тор асту мушкил,
Раҳи равшан ба ҳукми фол рафта.

Китоби умри инсон ҷовидон аст,
Шабу рӯзон равону ноаён аст.
Барои мо, ки хокием, ҳаққо,
Ки рози омаду рафтан ниҳон аст,

Дили ту аз ҳавас мағрур гашта,
Зи ишқу меҳрубонӣ дур гашта.
Дили ту кай тапад монанди ошиқ,
Сияҳ, к-ӯ буд, акнун кӯр гашта.

Дили дардошноро ман шиносам,
Қарини носазоро ман шиносам.
Ҳалими бедилу дур аз Худоро,
Ғуломи бевафоро ман шиносам.

Аламрезу аламрезу аламрез,
Ҳақиқат кай шавад чун майса навхез.
Чаро бар чашми доно хок пошем,
Гузар созем барқасд аз раҳаш тез?

Чӣ тақдир аз барои оқилон аст,
Чӣ тадбир аз барои фозилон аст.
Дили бархе мисоли арзане хурд,
Чу коми осиё нафсаш кашон аст.

Ба зери боми ин гарданда гардун
Чаро аҳли маонӣ мехурад хун?
Зи дасти ҷоҳиле ӯ сактаи дил,
Зи ҷабри ноҷавонмарде ҷигархун?!

Нидое аз дили садпора дорам,
Ки арзе чун зани бечора дорам.
Ба ман толеву хушбахтӣ бубахшо,
Зи толебахш умре зора дорам.

Шикоят аз чунин айём дорам,
Ки дарду ғуссаву ғам гашта борам.
Чаро ҳусни тафоҳум дар миён нест?
Шабу рӯзон ҳамин савдост корам.

Дилам дигар набошад дар паноҳат,
Зи доғи ҳаҷр набвад доду оҳат.
Шуда роҳи ту кӯр акнун ба сӯям,
Дигар чун кӯр наншинам ба роҳат.

Ғами дунё ба қили беш омад,
Гар омад нӯш, кай бе неш омад.
Ба пеши дигарон чандон даво ҷуст,
Ки худ ӯро ҳазорон реш омад.

Гунаҳкору, хатокорам, чӣ гӯям?
Намуда нокасон хорам, чӣ гӯям?
Туӣ ноқадрдонро дил бибохтам,
Ба кирдорам сазоворам, чӣ гӯям?

Барои сулҳу ваҳдат кӯш, ҷоно,
Зи оби ваҳдати Ҳақ нӯш, ҷоно.
Талоши кинаву нафрат чӣ лозим,
Дари дунёи зулмат пӯш, ҷоно.

Ҷаҳон бо дарду ғам пайдо бигардид,
Халоиқ нафсро шайдо бигардид.
Зи пушти нафс одам то куҷо рафт,
Зи чашми гушнааш расво бигардид.

Ба ҳар як гардиши дил зеҳн монам,
Қиёс аз рафтаву имрӯза хонам.
Чӣ меҳре буд миёни қавми одам,
Чаро кандаст акнун, ман надонам.

Ба чашмам одамият носипос аст,
Магар иблис бо ӯ дар тамос аст.
Ба кори кардаи одам ту бингар,
Ки аз қисмат ҳамеша дар ҳарос аст.

Бипурсидам зи як пири хирадманд,
Бигӯ баҳрам зи дунё як ду се панд.
Бигуфто: «Ман чӣ гӯям, ин чӣ савдост,
Ҳаёти дидаам буд қанд ё фанд».

Маризи ҷоҳу мансаб одамӣ шуд,
Зи молу мулку сарват беғаме шуд.
Куҷо донад, ки сарватманд охир,
Чу бесарват бигардад, мотамӣ шуд.

Сари қошу қавоқат карда бозӣ,
Ҳазорон дил барӣ бо ишвасозӣ.
Агар тарки мани озурда созӣ,
Бидон бо қисматат кардӣ ту бозӣ.

Дили оинасонам чун сафол аст,
Дареғо, умри ширинро завол аст.
Бизад пирӣ ба мӯи сар сафедӣ,
Худоё, хоб дидам, ё хаёл аст.

Зи дунё бигзарам бо сӯзу армон,
Наёбам баҳри дардам ҳеҷ дармон.
Худоё, аз азал оё намешуд,
Маро мекардӣ аз толеъбаландон!?

Раҳ гар набарӣ, ба қадри роҳат нарасӣ,
Ранҷе набарӣ, ба қадри заҳмат нарасӣ.
То гул ба гуле шаҳд накобӣ, Раъно,
Дар пайраҳаи шеър ба шӯҳрат нарасӣ.

Дар роҳи ҳавас чу корвонем ҳанӯз,
Дур аз ватану зи ошёнем ҳанӯз.
Дар ҷодаи шеър худфурӯзӣ бояд,
Як хомакаши дарди замонем ҳанӯз.

Гар рост равӣ, ба кӯи мақсуд расӣ,
Аз байни ҳазор оташу дуд расӣ.
Некӣ бикуну хайру саховат бинамо,
Бар мартабаю ҷалоли худ зуд расӣ.

Ба мӯъмин чор чизе ногузир аст,
Зи аввал ақли солим дастгир аст.
Ба дуввум хонаи даҳр аст гар сабр,
Ба сеюм шарму чорум илми пир аст.

Дар ин дунё, ки дасти ғам фароз аст,
Фиғон чуғз, на аз аҳли роз аст.
Биё, як дам ғами фардо бигӯем,
Ки фардоро сухан дуру дароз аст.

Шикори ҳар нигоҳат кушт моро,
Чӣ бераҳмист, раҳме кун ту, ёро.
Хами абрӯи нозат ҳамчу меҳроб,
Намозӣ мекунад ҳар бехудоро.

Дилу дастам дуоят мекунад боз,
Ғамат парвона созад баҳри парвоз.
Хаёлат сар- сарӣ девонаам кард,
Ба кӣ дил во кунам, гӯ марҳами роз?!

Ситора аз чӣ шабро интизор аст,
Магар монанди ман шайдои ёр аст.
Ситора дар самову ман заминӣ,
Бубин, чашмони мо шабзиндадор аст.

Зи бӯи зан баҳору гул биёяд,
Тароват аз хами гесӯ физояд.
Қади мавзуни зан мисли санавбар,
Зи рашки ӯ қамар шабҳо барояд.

Вуҷудат бохабар бод аз қиёмат,
Нигаҳдорат Худо бод аз хиёнат.
Ҳар он коре, ки дастат пеша бинмуд,
Дарозу пурсамар бод аз каромат.

Раҳи инсон, раҳи хайру сахо бод,
Ҳар он ки бехудо шуд, ӯ гадо бод.
Миёни чордевори қиёмат
Гуноҳаш дайну маҳкуми ҷазо бод.

Баҳор омад, чароғаш лоласонӣ,
Либоси гуларӯсаш арғувонӣ.
Зару зевар зи сар то пош аз гул,
Варо бошад нишоти зиндагонӣ.

# ЧАҲОРПОРАҲО

Моҳи фарвардин зи гардун мерасад,
Файзу эҳсонаш зи серун мерасад.
Нақши пояш ҳар кучо гул мекунад,
Муждааш бар кӯҳу ҳомун мерасад.

Накҳатулмаъво ба бар, хуш омадӣ,
Ҷолиби аҳли башар, хуш омадӣ.
Ҳафтшину ҳафтсинро модарӣ,
Модари ҳусни назар хуш, омадӣ.

Файзбахшу рӯҳбахшо ҳар дуои модарон,
Давлати беинтиҳо андарзҳои модарон.
Зиндагӣ маъно бигирад аз нишоти рӯяшон,
Дилбару дилсӯз гардӣ аз вафои модарон.

Сарсахтии мо дидаву санг об мешавад,
Сад доғи нав ба чеҳраи маҳтоб мешавад.
Аз рафтагон ба гӯш садое чу мерасад,
Меҳру вафо чӣ нодиру ноёб мешавад.

Бар равзани замона чароғе намондааст,
Аз дӯст як умеди суроғе намондааст.
Бархе зи чист баднигару бадгуҳар шудем,
Булбул куҷост, ҷуз пари зоғе намондааст.

Қуфлест аз замона, ба пушти дари ман аст,
Ғавғои дӯст, бин, ҳама андар сари ман аст.
Қадри намак намонд, дигар поси он куҷост?
Гарде зи дасти дӯст ба чашми тари ман аст.

Эй нозанин, ба ноз биё, нозпарварам,
Пурнакҳат аст аз лаби ту ҷому соғарам.
Эй муждаи баҳор, биё, бе туам хазон,
Хуш давлате, ки ишқи ту овард бар дарам.

Бар дили оинасонам санг ту,
Тешаи барҳамзани бенанг ту.
Во дареғ аз ин дили садпораам,
Як каси бегонаро ҳамранг ту.

Ишқи ту ба ҷони ман асар кард,
Най гашта фиғони ман, шарар кард.
Андешаи ту ба ҳафт пуштам
Ду олами ҳастиро хабар кард.

Гар китобе дохили кошона аст,
Нуру ганҷаш ёри соҳибхона аст.
Манзиле, ки бе китоб оростанд,
Оқибат қисмат в-аро вайрона аст.

Ишқ гӯям, ғам фақат сар мешавад,
Аз фироқаш сӯзи маҳшар мешавад.
Одамӣ девона гардад аз паяш,
Гар набошад, ҳол бадтар мешавад.

Ишқ дарде, ҳосилаш – шаҳду шакар,
Ишқ нахле, реша гирад бехабар.
Ишқ пайке, богуноҳу бегуноҳ,
Аз қудумаш мешавад ҳар хушк тар.

Ишқ, месӯзӣ диламро бо ризову раъйи Ҳақ,
Кӯр месозӣ марову боз мебинам шафақ,
Аз чӣ ғорат мекунӣ қалби ҳазинамро мудом,
Меситезӣ ту марову боз мебахшӣ сабақ.

Ҳон, кӣ гуфто ошиқӣ корест хом?
Ё ки суру савт бошад ё ки ҷом.
Ё ки хоб асту ҳама девонагӣ,
Ин ҳама бепоя бошад, вассалом!

Бо ҳазорон сирру савдо қолаби инсон яке,
Дасту пову чашму гӯши соилу султон яке.
Роҳативу меҳнатиро толеи пешона як,
Бо ҳама тасвир, бингар, манзили эшон яке.

Қолабниҳоди ҷони ман, хуни маро омехтӣ,
Оё ба вақти сохтан хоки танамро бехтӣ?
Ҳошо, пушаймон нестам аз сурату савдои хеш,
Гарчи ба ҳавзи чашми ман ашки фаровон рехтӣ.

То бидидам рӯи моҳат, хешро гум кардаам,
Мисли булбул ишқро, бингар, тараннум кардаам.
Чун зи пешам мегузаштӣ бо ғуруру мастие,
Ҷони худро ман нисори он такаллум кардаам.

Маҷӯ мазори муҳаббат, шудаст армонӣ,
Магӯ дареғ, дареғат кушад ба осонӣ.
Суроғи нақши муҳаббат чӣ омадӣ, ки намонд
Ба сад хаёлу азобе зи дарду нокомӣ.

Сияҳрӯзам, сияҳрӯзи нигоҳи чашми махмурат,
Найистонам, найистон аз фиреби феъли мағрурат.
Чу бар хилват нишинам, гиряҳои зор бинмоям,
Худоё, ишқи манн кӯрат кунад, ки нест манзурат.

Кори дунё саҳл набвад, мекунӣ ҳар дам хато,
Манманиву тамаъҷӯӣ созадтуро подарҳаво.
Нури имон офтобу нафси бад чун зулматест,
Оқибат дар кулбаи ғам нафс андозад туро.

Шеъри шоир ширмоли нони ӯст,
Шаҳддору шаҳдрез аз ҷони ӯст.
Шеъри шоир доруи давру замон,
Шоҳкориҳои ӯ, армони ӯст.

Войи ин дард ҷигар сӯхт маро,
Умри ширин зи шакар сӯхт маро.
Войи он сафҳаи хотир, ки гузашт
Лаззати васлу саҳар сӯхт маро.

Ҳаваси кавсари чашмони ту мекард лабам,
Хост гӯяд нигаҳам, бин, ки чӣ кардӣ тарабам.
Мегузаштиву танат атри биҳиштӣ мекард,
Бо ту бахшида будам, бехабаро, рӯзу шабам.

Ту гузаштиву ҳама бӯи гулу райҳон шуд,
Синаи сӯхтаам дар талаби борон шуд.
Файзи ту рехтаву ҳар қадамат бустон шуд,
Дилам озод зи ҳар панҷараи зиндон шуд.

Соқӣ, биёву гарм кун дилҳои сарду хомро,
Пур кун барои дарди дил то бораҳояш ҷомро.
Мадҳу ситоиш кай кунад бечорагони омро,
Бовар макун онро, ки гуфт: «Охир биёбӣ комро».

Аз нигоҳат хештанро дидаам,
Дар сари мӯ зӯри худ санҷидаам.
Аз хиҷолат чун суоле мондаам,
Аз дари даргоҳи ишқат рондаам.

Чӣ хушиҳои ниҳон дар қадаму маскани ишқ,
Чӣ ҳавасҳои ҷаҳон дар ҳараму махзани ишқ.
Чӣ хатоҳои калон дар нафасу дидаи ишқ,
Ку макону ку равону ку ҳамон равзани ишқ?

Теғи буррандаи мижгони ту бишкофт танам,
Ғам чу дуди аламе кард макон дар баданам.
Шараре аз асари гӯшаи чашми ту бихест,
То сарозер шавам, сар ба қудумат фиканам.

Чашми ҷодуят гирифта хоби ман,
Ёди рӯят барфизояд тоби ман.
Нақши поят монда дар роҳи мурод,
Нест тоқат андар ин даҳри кушод.

Мо гулем, аммо пас аз мо хор мемонад,
Ҷамъи карда бар сари ҳар тор мемонад.
Аз фиреби нобаҷои хоби ғафлатҳо
Дар мазор ин як тани афгор мемонад.

Ҷабрро бин, ошиқи бечора аст,
Чoраро бин аз паяш овора аст.
Қисматро дасткӯтоҳӣ насиб,
Хешро гум кардаву садпора аст.

Ҳавасро бо муҳаббат рӯ ба рӯ созам,
Зи кору бори дунё пурсуҷӯ созам.
Ҳавас гуфто, кунам беобрӯят ман,
Муҳаббат гуфт, умратро накӯ созам.

Биёед, аз раҳи ақле гузар созем,
Барои зиндагӣ аз он сипар созем.
Дар ин дунёи бемеҳриву дилсардӣ
Зи кори нобаҷое алҳазар созем.

Нағунчад дил даруни синаам ин дам,
Набошад ин дили озурдаам бе ғам.
Бисӯзад қисмати талхам вуҷудамро,
Бирезад ашки чашмам абрсон нам-нам.

Сад бор биандеш сухан гуфта тавонӣ,
Аз ёд мабар оқибати заҳрчашонӣ.
Шолӣ ту мапиндор, ки дар об бичошӣ,
Ҳушёр нигаҳ кун, ҳама курмак биситонӣ.

Нияти нек ҳаме ёр бувад оқилро,
Ҳунар он аст чу дарё нигарӣ соҳилро.
Кӯзаро нест чунин мартабаи торисарӣ,
Об додаст чунин манзалате ин гилро.

Одамиро дӯстӣ эҳё кунад,
Ҷамъи қавме дӯстӣ барпо кунад.
Душманӣ гирдоби ғафлатҳо бувад,
Тундбодаш оқибат расво кунад.

Дӯст медорад Худо ҳам дӯстӣ,
Ҷумла дарвешу гадо ҳам дӯстӣ.
Отašу обу ҳаво ҳам дӯстӣ,
Ин замину в- он фазо ҳам дӯстӣ.

Ҳар кас, ки сабақ зи умр н-омӯхт,
Дар қалби ҳавас шарар наафрӯхт,
Дар оташи қалби ҷонгудозаш
Гар сӯхт, тамоми умри худ сӯхт.

Ҳайфо, ки дур рафтию ёдам намекунӣ,
Эй гул, баҳор омаду шодам намекунӣ.
Аз ишқи ту ба хонаи дил ҷои холӣ нест,
Хокистарам бикардию бодам намекунӣ.

Чашми масти оҳувона дидаам,
Сайри чашмаш карда маънӣ чидаам.
Он ҳамон чашмест чашми ахтарӣ,
Дар талошаш хешро санҷидаам.

Соли навро аз вафо оғоз кун,
Сӯи меҳру розҳо парвоз кун.
Аз сифоташ сози нав эъҷоз кун,
Чун баҳор омад, дари дил боз кун.

Аз таваллуд то таваллуд, ёр, ёрат мешавам,
Дар дилу дар дида ҷоят, ғамгусорат мешавам.
Риштаи тақдири худро баста бо паймони ту,
Гул ба чеҳра, гул ба абрӯ гулнигорат мешавам.

Бо манат тақдир ҳамқисмат намуд,
Ҷони ту бо ҷони ман пайванд шуд.
Мо, ки ҳарду соҳили як рӯдакем,
Баҳр гардад ишқи мо аз меҳр зуд.

Эй ёр, манам шом, саҳарсози дилам шав,
Дилсард шудам, қофилапардози дилам шав.
Аз пушти ғаму зиндагӣ бечора шудам, вой,
Чун нури Худо омада оғози дилам шав.

Пар - пар намуда ишқи худ дар осмони зиндагӣ,
Ҷуфте намуда мурғи дил дар ошёни зиндагӣ.
Аз хонаи танги дилат меҳру вафо н-ояд ҳаме,
Чӣ каф занӣ баҳри вафо дар гирумони зиндагӣ?

Қисмати мову ту ҳаммаъно нашуд,
Орзу бо асл ҳаммаъво нашуд.
Аз ситезу аз талоши мову ту,
Гул буду гулбун дили Раъно нашуд.

Оҳ, ин даҳр пур аст аз аламе танҳоӣ,
Гилаву ҷингилаи мо бишуда дарёӣ.
Чашмаи меҳру ҳавас хушк шуду рафт ба бод,
Кӣ кунад бори дигар баҳри ҳавас раҳпоӣ?!

Хонаи тангдилон тангдар аст,
Хонаи беназарон шомасар аст.
Кулбаи аҳли маъонист чу кушк,
Чунки бо нури хирад пардадар аст.

Субҳ аз Ҷаннат асар дорад мудом,
Субҳ хушрӯзӣ физояд то ба шом.
Субҳ аз нури бақо афсонагӯст,
Аз нишоти навбатӣ орад паём.

Заҳри мору ҳам забони бад якест,
Дӯзаху зиндони бевусъат якест.
Он ки аз баҳри Ватан коре накард,
Буданаш дар Меҳану ғурбат якест.

Даҳр ҳам пур шудааст аз нафаси танҳоӣ,
Нанг бенанг шуда аз сабаби расвоӣ.
Сози ошиқ надиҳад шӯр дили маъшуқаш,
Ҳама сарсони пуланду кӣ кунад раҳпоӣ?!

Аз чаман савти хуши булбули шӯрида бирафт,
Аз қалам оҳи дили ёри ситамдида бирафт.
Назари бандаи комил накунад зинда дигар,
Сад алам дар нигаҳи ҷамъи аламдида бирафт.

Ҳарфи ғам бар беғамон ифшо макун,
Маҳфиле бо н-ошно барпо макун.
Дар тарозуи ҷаҳон нек асту бад,
Бо ситезе умри худ савдо макун.

Тоҷики соҳибсухан ҳастем мо,
Тоҷики соҳибватан ҳастем мо.
Тоҷдору халқи соҳибдавлатем,
Тоҷики бо илму фан ҳастем мо.

Чӣ бахти баланд, тоҷикаму, тоҷварам,
Эй олами дил, шукр, ки ман ҳақназарам.
Сад мадҳу сано бар сари ҳар хору хасат,
Сад шукр Ватан, ливот бошад ба сарам.

Хокиам ман, хокии ҳимматбаланд,
Дар тариқи умр мушкилнописанд.
Буттаи сарсабз будам дар камар,
Сӯхтам оҳиста монанди сипанд.

Гашта номӣ, ном аз хотир барем,
Рӯбарӯи нолиши дунё карем.
Аз барои нафси бадандешамон
Роҳпаймо лаб-лаби зову ҷарем.

Чун магар гӯем, агар ҳосил шавад,
З-ин ду кас бар ком кай ноил шавад.
Ин суханҳоро чу мустасно кунем,
Ҳосилаш аъло ба табъи дил шавад.

Имшаб, ки шаби ялдост,
Бо ҳам ду дили шайдост.
Имшаб чӣ шаби сеҳр аст,
Бо меҳр ду дил якҷост.

Осмони нилдомон чашм равшан мекунад,
Ҳафт аврангаш ҳамеша хеш ҷавшан мекунад.
Тӯдаи абраш саросар доми худ партофта,
Аз замини нозпарвар қасди душман мекунад.

Сабр талху рафта -рафта оқибат ширин шавад,
Носабурӣ гарчи шаҳд аст, оқибат афюн шавад.
Қуввате то ҳаст, пои мо равон бошад чу бод,
Аз хусумат, нотифоқӣ раҳравӣ вазнин шавад.

Зиндагӣ дарёст, ёрон, мавҷсон қобил шавед,
Бо умеди номи некӯ муддате соҳил шавед.
Аз барои нуру нораш каф занеду каф занед,
Ғуттаҳо бар умқи асрораш зада, оқил шавед.

Зулфи мушкинро парешон сохтӣ,
Ҳар шиканро доми армон сохтӣ.
Бар баду некат қиёмат бохтӣ,
Оташи нокомие афрохтӣ.

Аз барои дӯстдориам кушӣ,
Бо ситез умедвориам кушӣ.
Панҷаи истамгарат пур аз ҷафо,
Вақти васлу ёр, ёриам кушӣ.

Шеъри ман бошад сару сомони ман,
Накҳате аз гулшани армони ман.
Шеъри ман шаҳмисраи дунёи ман,
Ҳарф чида аз гули домони ман.

Ишқу рашк омад ба ҳам, занҷир шуд,
Меҳр аз кин сер шуд, дилгир шуд.
Норбони орзу бишкаст ҷанг,
Олами афсонаҳо, бин, пир шуд.

Ҷавонию замони беғуборат рафт,
Ҳавову дилхушии бешуморат рафт.
Чи асроре, ки бар он олами рӯъё
Саманди бодпои шаҳсаворат рафт.

Зинароҳи умр боло мешавад,
Сад суолаш боз пайдо мешавад.
Зинаи болотаре хоҳам равам,
Садди умри рафта пайдо мешавад.

Бо хушӣ бар дастҳо гиред ҷоми зиндагӣ,
Зиндагӣ созед бо ному каломи зиндагӣ.
Шоми тори ноумедиро кунед аз панд рӯз,
То сафо оред мардумро паёми зиндагӣ.

Дар кучҷоӣ, ёри дилбардори ман,
Лоиқи лутфи ману озори ман.
Борҳо санҷидаам ин нуктаро,
Камтарин ғамхору ғамбисёри ман.

Одамиро маҳз ишқ одам кунад,
Чашми дилро боз бар олам кунад.
Боғи дилро дӯстӣ хуррам кунад,
Душманӣ меҳру вафоро кам кунад.

Меҳрубонам, ёри ҷонам кай шавӣ?
Эй ҷаҳонам, ними ҷонам кай шавӣ?
Ман гули Раънои оғӯши туам,
Нозбӯям, боғбонам кай шавӣ?

Вақти намози ишқ шуд,
Ҳангоми рози ишқ шуд.
Эй ҳамдилу ҳамарзу!
Вақти ниёзи ишқ шуд.

Чашми модар чашми бози меҳан аст,
Ашки модар нозу рози меҳан аст.
Нони гармаш аз танӯри зиндагист,
Домани ӯ ҷонамози меҳан аст.

Одаму одамгарӣ аз нанг пайдо мешавад,
Хушкаломе будан аз фарҳанг пайдо мешавад.
Ҳар нафастангӣ нишони қалби ғампарварди мост,
Сӯзу ҳиҷрону фироқ аз ҷанг пайдо мешавад.

Чашми моро нур аз чашмони туст,
Олами маъни фақат бо ту накӯст.
Зиндагӣ дар пеши ту ширинтар аст,
Эй азизам, дилбарам, ғамхору дӯст!

Шонаи ман шонаи кӯҳ аст,
Бар сарам тӯфони андӯҳ аст.
Дар ҷабинам ҳар хати ожанг
Пушта-пушта доғу андӯҳ аст.

Ғами дунё чӣ фандам кард,
Ҳаётам доду бандам кард.
Чу тифли кӯчаке фандам
Ба як –ду дона қандам кард.

Завқи саршорам зи як лабханди туст,
Дидаи зорам ҳама побанди туст.
Шӯру шавқам аз пайи савдои туст,
Решаи ишқам фақат пайванди туст.

Қисмати мову қиёми шаб яке,
Сӯзиши дил, хандаҳои лаб яке.
Доғи ҳасратҳои мо бишкуфта рехт,
Гармии дил, сӯхтан аз таб яке.

Пирӣ омад, навҷавонӣ аз канори мо бирафт,
Мавҷи пирӣ гомҳо зад, зери дарёҳо бирафт.
Гар ҷавонӣ қомати мавзуну зебо дошта,
Хам заданҳоро ба мо ҳамчун муамо монду рафт.

Масти мастам аз адои чашми ту,
Парзанонам дар фазои чашми ту.
Хомаи эъҷоз дорам баҳри васф,
Килкпардозам барои чашми ту.

Ширадору ғамбарорӣ лафзи ширини дарӣ,
Ҳар куҷо бар ман ту ёрӣ лафзи ширини дарӣ.
Дар ҷаҳон моро шиносанд аз чунин лафзи равон,
Ҳадяи Парвардигорӣ лафзи ширини дарӣ.

Сад ҷаҳону сад баёнӣ, эй забони тоҷикӣ,
Ҳосили ақли равонӣ, эй забони тоҷикӣ.
Сеҳри ду дунё ниҳон андар забони тоҷикӣ,
Баҳри ман ҳарду ҷаҳонӣ, эй забони тоҷикӣ.

Гавҳари маънӣ бисуфта, шеър гӯям тоҷикӣ,
Созу алфозу баёну гуфтугӯям тоҷикӣ.
Ончунон фахрам ба олам бо забони дилкашам,
Мағз – мағзам тоҷикиву обрӯям тоҷикӣ.

Муждаи нек аст дар иқдоми дӯст,
Як ҷаҳон шодист дар пайғоми дӯст.
Хоки пояш тутиё созам ба чашм,
Шаҳд резад ҳар ҳиҷо аз коми дӯст.

Чорасози ҷангу қисмат ваҳдат аст,
Дар дуо ҳам низ қимат ваҳдат аст.
Пайки ӯ гар нест, дунё қисмат аст,
Зиндагисози баҳиммат ваҳдат аст.

Дасту бозуи матин аз ваҳдат аст,
Меҳру иқдоми навин аз ваҳдат аст.
Созиши чархи барин аз ваҳдат аст,
Созгории замин аз ваҳдат аст.

Булбули гулзори маънӣ ваҳдат аст,
Базми дилҳоро муғаннӣ ваҳдат аст.
Илму ирфону халоиқ парварад,
Гӯӣ хуршеди заминӣ ваҳдат аст.

Пора абре гаштоҳи ишқи ту,
Ашки ҳасрат рехт нолон кӯ ба кӯ.
Тундари бераҳм гашту оқибат
Орзуҳои диламро сӯхт ӯ.

Дардам даруни мазраи шеърам паноҳ шуд,
Бар сӯзу тобу таб ҳама килкам гувоҳ шуд.
Девони бенавои ман аз бевафоиҳо
Бе бӯи шири модараш гумкардароҳ шуд.

Ҳайфи умру ҳайфи ин танҳоиям,
Кӯр гаштам бо ҳама биноиям.
Қуфли дидорат нашуд во, эй дареғ,
Пас чӣ суде з-ин ҳама раҳпоиям?!

Мурғи уммедам парида бе садо,
Дур рафту бедарак шуд дар ҳаво.
Ӯст акнун ҳамнишини меҳр, ман
Чун дар ин пастӣ нишинам, эй Худо!

Сафҳаҳои хотирам пур аз алам,
З- ин алам бо сӯзи дил гӯяд қалам.
Соябонам чатри анбӯҳи сукут,
Дафтари аъмоли умрам берақам.

Аз шарори оташу нурем мо,
Бо садои қалбҳо ҷӯрем мо.
Ошиқу дилдодаи дунёи Ҳақ,
Дар ду олам халқи машҳурем мо.

Решаҳои хотиротам ҷовидон
Гарчи рафтӣ аз бари ман ноаён,
Чун биҳишти равшане дидам туро,
Субҳ орад накҳататро армуғон.

Сӯзишу дарду ғамат истора шуд,
Қисматам шому ғамам ангора шуд.
Қиссаи талхи маро дунё шунид,
Қалби бесӯзи ту санги хора шуд.

Розиям аз ҷабру зулмони фалак,
Сабзу тар аз барфу борони фалак.
Одами саргаштаам бар чархи ӯ,
Ноилоҷам ман зи сомони фалак.

Санги қисмат қалби зорам пора кард,
Зарразаҳри он ба ҷонам кора кард.
Сӯхтанҳояш бас афгорам намуд,
Дар сарои зиндагӣ овора кард.

Коре, ки дӯст мекунад, душман намекунад,
Душман бадии хешро бо ман намекунад.
Заҳру зақуми хешро ҳатто, бубин ки мор
Ҳаргиз вуруди пайкари ҳамтан намекунад.

Нисбати кас нест кинам дар вуҷуд,
Мекунам шукронаи буду набуд.
Нотавонам аз пайи тақдири хеш,
Хандасор аз нугтаи чанде ҳасуд.

Моли мо аслан набудӣ моли мо,
Одамӣ аслан нашуд аҳли сахо.
Чашми мо кӯри ҳақиқат буду ҳаст,
Марг моро кард бо ҳам бовафо.

То замину осмон паймудаам,
Дар дилам бас розҳо бикшудаам.
Нест сарватманди беғам дар ҷаҳон,
Ку ҳамоне, гуфт: Ман осудаам?

Моли дунё – чирки дасту дуди ғам,
Қисмати пешона – нақши мӯқалам.
Нафси мо гардида қурбони ҳавас,
Мехурад он ақли касро дам ба дам.

Қадри одам аз дилу гуфтори ӯст,
Бо накӯӣ душманатро соз дӯст.
Дӯстдори ҳақ надорад кинае,
Ҳар ки Ҳақро мешиносад, худ накӯст.

Шодию ғам ҳамчу ду дилдодаанд,
Дар ба рӯи ҳамдигар бикшодаанд.
Дар тарозуи ҷаҳон дупаллаанд,
Ин ду баҳри хотири ҳам зодаанд.

Меҳри волотар зи меҳри зан куҷост,
Меҳри зан пурмаънию пурмуҳтавост.
Дар дили оинааш зангор нест,
Пеши пояш сар бимонӣ ҳам, равост.

Меҳри олам дар вуҷуди модар аст,
Қадри олам дар суҷуди модар аст.
Пайки хушрӯзиву ному обрӯ
Дар дуову дар суруди модар аст.

Модаро, ободии дунё туӣ,
Модаро, пайғаари дилҳо туӣ,
Модаро, ёри манӣ баъди Худо,
Модаро, инсони беҳамто туӣ.

Мояи сад ифтихорӣ, мулки ман,
Тозарӯю навбаҳорӣ, мулки ман.
Домане дорӣ пур аз файзу сахо,
Эй дили гарми канорӣ, мулки ман.

Сангтӯда, деҳаи ман, боназар,
Мазраву обаш биҳишти гулсамар.
Равшвнию гармӣ эҳё мекунад,
Як рухаш шамс аст, як рӯяш қамар.

Сангҳои деҳи ман беҳ аз зар аст,
Ҳар хасу хораш зи гул зеботар аст.
Вахши ӯ бо оби поки ҳамчу шир
Дилнавозу меҳрубон чун модар аст.

Ёд меорам туро, эй деҳи ман,
Ман гулам, ҳастӣ ту баҳри ман чаман.
Меҳри ту ганҷест дар сандуқи дил,
Сӯзани хорат маро беҳ аз суман.

Ҳар кӣ табли ҷангҷӯӣ мезанад,
Чоҳ дар роҳи саодат меканад.
Ҳар ки душманпарвар асту худбаҳо,
Шоҳ бошад ҳам, шавад охир гадо.

Тозарӯю барфмӯям модарам.
Гулбуни хушрангубӯям модарам.
Гармию нармии ӯ меҳр асту бас,
Чун фаришта нармхӯям модарам.

Аз пайи умри равон натвон давид,
Лаззати ширини он натвон чашид.
Эй қадат хамгашта зери бори нафс,
Бори нафси зиштро натвон кашид.

Одамиро нафси ӯ душман бувад,
Нафс бо шир ояду бо ҷон равад.
Бандаро зиндон фақат нафс асту бас,
Бо чунин душман чӣ тадбирест пас?

Қиссаи умрам баёзу дафтару девон бишуд,
Толеи баргаштаи ман дар кафи тӯфон бишуд.
Таънаву бӯҳтони чарх он қадр афтодам гарон,
Марг қимат гашту ганҷи зиндагӣ арзон бишуд.

Бодаи шӯҳратпарастӣ оқибат мастат кунад,
Ҳирси молу зарпарастӣ аз дигар пастат кунад.
Аз каромоти Худо то чанд гардӣ бехабар,
Оқибат шайтони малъун туъмаи шастат кунад.

Меҳри модар меҳри имонӣ бувад,
Хулқи ӯ хулқест, инсонӣ бувад.
Ҳар чӣ гӯяд, раҳнамою раҳкушост,
Чунки ӯ худ ганҷи Яздонӣ бувад.

Ҳар кулаҳпӯше, бидон, сардор нест,
Гарчи товус аст, хушрафтор нест.
Бо либоси миллӣ асту заррае
Дар дил аз миллат варо осор нест.

Модаро, то дар лабонат ханда аст,
Меҳр андар дидаҳо тобанда аст,
Деҳ дуоям, ки дуоят мустаҷоб,
Бо дуои ту ҷаҳон поядааст.

Модаро, як пораи ҷони туам,
Шуълаи уммеду армони туам.
Шаҳди умру неъмати даврони ту,
Марҳами реши ту, дармони туам.

Чун равонам биравад, гул бари мӯям бизанед,
Турбатамро ба баландӣ қади мӯям биканед.
Тоқу меҳроб канедам сари турбат, ба қалам
Сафҳае аз самарам бар сари гӯрам фиканед.

Вақти он омад гиреҳ аз кори дунё во кунем,
Ақлро бо гардиши чархи замон ҳампо кунем.
Чораҷӯиҳо кунем аз баҳриислоҳи худӣ,
То мақоми одамиро беш аз ин боло кунем.

На сарву на ҳулбуву баҳор аст, чӣ ҳол аст?
На қаҳқаҳаи кабгу на ишқ асту висол аст.
Ин дам ҳаваси оламу одам ба куҷо рафт?
Раъно ба ҳавас омада буд, лек малол аст.

Худоё, ман миёни Каъбаву бутхона мегардам,
Зи ҷӯёии худ Маҷнунсифат девона мегардам.
Надорам бар замин даъвии меҳру нозпарвардӣ,
Чу фарзанд омадам ӯро, чу як бегона мегардам.

Раъно, ба шасти боли ту бовар намекунанд,
Бар ҳосили ниҳоли ту бовар намекунанд.
Дуздони шеър кай бишиносанд заҳматат,
Бар луқмаи ҳалоли ту бовар намекунанд

На соҳибватан шуд каси раҳгузар,
Надорад ба ҷуз роҳ анадар назар
Равад бо ҳама сидқаш аз ин ватан,
Чу по карда саррову поро чу сар.

Раъногулам, вале зи чаман дил гусастаам,
Бо шабнами қаноати ҷон даст шустаам.
Умрест рӯ ба сӯи Худо роҳ ҷустаам,
Сад шукр, гарчи дар шафати хор рустаам.

Розҳо дар умқи ҷони мо ниҳон,
Пеши дил бечораему нотавон.
То расад моро ба доди дил, маҷол,
Як диле аз дасти ғам бошад амон?

Сад дареғо зиндагӣ, армон бувад,
Дасти қисмат дар бари домон бувад.
Гар дар ин дунё гузорӣ номи нек,
Баъди мурдан зистан осон бувад.

Сад дареғо, навҷавонӣ рафтааст,
Ҳамраҳи ӯ комронӣ рафтааст.
Умри ширинам ба коми оҳу воҳ
Аз паяш чун ормонӣ рафтааст.

Кӯдакӣ чун ғунчаи гул будааст,
Фасли зебои ташаккул будааст.
Ё чу як барги гули раънои пок,
Дар сари минқори булбул будааст.

Мавҷи мастӣ аз дили дарё биҷӯ,
Шӯри ҳастӣ аз сари дунё биҷӯ.
Меҳр ҷустан з-ин ҷаҳон беҳуда аст,
Меҳрро андар ҷаҳони мо биҷӯ.

Аз насими ишқ меҷӯям туро,
Аз шамими майса мебӯям туро.
Аз куҷо ёбам суроғатро, бигӯ,
То насиби хештан гӯям туро.

Фориғ аз ишқи ту худро ёфтам,
Аз дили дарё гуҳарҳо кофтам.
Қиссаи Лайлию Маҷнун ҳеҷ шуд,
Қиссаи нав баҳри дилҳо бофтам.

Гар зиндагӣ ҳамину вафояш чунин бувад,
Ошиқ шудан баробари хоки замин бувад.
Ҳайфо, ситези даҳр маро хастаҷон намуд,
Ишқ аз барои нозу ҳавояш қарин бувад.

Сарв буд андар хиҷолат аз қаду болои ту,
Моҳ ҳайрон буд умре аз рухи раънои ту.
Шом мискинтар будӣ аз атри гесӯи қатор,
Рашк мекардӣ ба ранги турраи зебои ту.

Ман ба ҳусни дилрабоят моилам,
Бар гапу ақли расоят қоилам.
Ишқ нерӯям физояд то абад,
Аз ту бошад ғунчаҳои ҳосилам.

Аз нигоҳи одамон дунё шинос,
Зиндагиро аз дили дарё шинос.
Беш набвад умри мо аз як нафас,
Ин хақиқат пеш аз он фардо шинос.

Аз нигоҳи сарди ту озурдаам,
Аз висолат лаззате кай бурдаам?!
Хонаи мо лонаи ҷуғзе бувад,
Андар ин вайрона кайҳо мурдаам.

Ҷабри дунё бар сари оқил бувад,
Ҷони ӯ ҳар зарбаро комил бувад.
Мехурад ӯ силки мавҷи ҳодисот,
Ҳамчу санги сокити соҳил бувад.

Ҳаҷри ту сӯзонду афгорам намуд,
Ғуссаҳоят беш озорам намуд.
Абри ғам пӯшид шамси бахтро,
Рӯзи равшанро шаби торам намуд.

Аз дили сардам дигар дунё маҷӯ,
Аз дилам уммед бар фардо маҷӯ.
Тарки дил кардию рафтӣ бе дарак,
Дар ҷавори бодия дарё маҷӯ.

Сад дареғо, умр кӯтаҳ будааст,
Кӯдакӣ оғози ин раҳ будааст.
Қомати мавзуни ман дар шоми умр
Ҳалқаи бишкастаи маҳ будааст.

Умрро бин, дар шитоб афтодааст,
Рӯдсон дар печутоб афтодааст.
Шукри дунёро намо, эй бехабар,
Аз чӣ дар чашми ту хоб афтодааст?

Умри одам ҳамчу тори мӯ бувад,
Тораҳояш дар канори ҷӯ бувад.
Пеши чашмаш пардаи ишқу ҳавас
Ноаён бигзашта чун ҷоду бувад.

Покизаҷавҳарем, чаро тарки он кунем,
Бо нафси бадсиришт ба худ мо зиён кунем.
Аз рафтагони ғайб агар пурсуҷӯ кунем,
Шояд, ки баъд шафқату раҳме ба ҷон кунем.

Ишқ дар дил давлати поянда аст,
Ишқ ақлу фазлро зоянда аст.
Ишқ ҳам дар дасту дорад марҳаме,
Ишқро раҳ ҷониби оянда аст.

Ҳай дареғо меҳр чун анқо шудаст,
Байни мардум рашки бемаъно шудаст.
Оқилонро сад ғаме дунболагир,
Қадри пул аз одамӣ боло шудаст.

Зи ҳавасҳои ҷаҳон булҳавасанд,
На чу хубе, чу бадон чашмрасанд.
Эзидо, решаи ин тоифа сӯз,
Пеши рӯи ҳама дар ҳар нафасанд.

Ғуруру носипосиҳо раҳоӣ бод,
Сипос аз ҷойгоҳи кадхудоӣ бод.
Дили танги сиёҳи ҳар зихудрафта
Чу оташ хандахези рӯшноӣ бод.

Худоё, ҷавҳари асли сарафрозам,
Барои сайри маънӣ сайди оғозам.
Сарои зиндагиро дӯст медорам,
Намехоҳам, ки тарки ин ҷаҳон созам.

Бахти ман чун ахтаре рахшиду рафт,
Лаҳзае афсонае бахшиду рафт.
Мекашидам интизорӣ дар раҳаш,
Ҳамчу ашкам ногаҳон лағжиду рафт.

Дил фидои қомати дилҷӯи ту,
Ҷон фидои сурати хушрӯи ту.
Чашми моро чун ту лоиқ нест кас,
Мекашад дилро хами абрӯи ту.

Ай зиндагӣ, ки бо ғаму дарде зудудаӣ,
Нохунхарош рӯи ҳавасро намудаӣ.
Санҷиданат чӣ буд дар ин дайри бевафо,
Аз нағмаҳои хеш ту ғамгин набудаӣ?

Нест моро ҷуз паноҳи ёр кас,
Ғайри ишқаш нест моро додрас.
Устуворем чун сутуни осмон,
Мекашем бо ёди ӯ ҳар дам нафас.

Ҳалқаи чашмат намедонам зи кист,
Рӯ ба дигар карданат аз баҳри чист.
Ҳамчу Юсуф мебарӣ дилро ба худ,
Пас бигӯ толеъбаланд ағёр кист?

Атри наврӯз-и ба домон мерасад,
Пайки он бар кӯи ҷонон мерасад.
Гулбасар гардид боғу даштҳо,
Бо баҳорон лутфу эҳсон мерасад.

Ҷони ман, ҷонам гирифтӣ, аҳду паймонам нарафт,
Чун шаҳиди ишқ куштӣ, рӯҳу имонам нарафт.
Ончунон меҳрат ба мағзи устухонам ҷо гирифт,
Ҷонам аз тан рафт, аммо ишқат аз ҷонам нарафт.

Риндии ишқ ба сад зӯр мусулмон нашавад,
Ҷодӯ аст ишқ, в-аро куштанаш осон нашавад.
Гавҳари пок бувад ишқи илоҳӣ дар дил,
Ҳар касе ёбадаш ар, ҳеҷ пушаймон нашавад.

Пурдоғ гашт лолаи дил дар баҳори умр,
Раҳме накард қисмати носозгори умр.
Ҳарчанд ноумедии ӯ зиндадори мост,
Дасти дуо кушодаем андар мазори умр.

Ҷурму вуболи даҳр чу кунҷи шабам бисӯхт,
Андешаи суол чу оҳе лабам бисӯхт,
Бечора гаштаем, бигӯ чорасозро,
Сӯзу фироқ ҷилваи тобу табам бисӯхт.

Сайри лабҳои ту кардам ҳамчу сайри лолае,
Аз лабат шодоб гардидам чу як табхолае.
Мо қарин будем бо ҳам мисли моҳу осмон,
Байни мо густурд қисмат садҷодаш солае.

Агар дастам диҳад қисмат, канори ёр хоҳам монд
Ва ё дар ёди ӯ чун сатри нотакрор хоҳам монд.
Зи ҷоми васл майнӯшон, ҳаловат бурда аз ҷонон,
Якумрӣ ҷовидон аз ишқ, дилбедор хоҳам монд.

Аз фикри беш ҷоми лаболаб зи бодаем,
Чун май ба сад хурӯш ба ҷоме фитодаем.
Аз мост ҷурми зиндагӣ, эй Кирдгори мо,
Доғе чу лола дар дили хунин ниҳодаем.

Мо ба ин даҳри дудар баҳри панаҳ омадаем,
Хушку афсурда ба сони пари каҳ омадаем.
Пеши по шебу фароз асту ҳама ишқу ниёз,
Бо дили поку тани ғарқи гунаҳ омадаем.

Кай бигуфтам бо кӣ ёрӣ доштам,
Тухми ҳасрат аз киву кай коштам.
Бодрезаш меваи фандам бидод,
Рангро шаҳди равон пиндоштам.

Гар бигӯӣ, рӯзи бадро ҳаст поён, нест -нест,
Ё бигӯӣ, кори дунёрост сомон, нест -нест.
Ҳоли зори мо нашуд беҳ аз даводавҳои мо,
Ҳаст тадбири дигар аз ҳолгардон? Нест - нест.

Туро дидан чӣ душвор асту ман аз он наметарсам,
Агар лозим шавад дидан, ба қасди ҷон, наметарсам.
Биё, ки рафтани ғамро фақат ними нигаҳ кофист,
Пас аз он умри ширинам шавад поён, наметарсам.

Ишқ дарди ҷонгудозу, ҳаҷри он захре, мапурс,
Ишқ гар як қатра, шавқу шӯри ӯ баҳре, мапурс.
Ғулғули чангу навои най бароял аз дилаш,
Шаҳд дар коми ман аст, аз заҳру позаҳре мапурс.

Хирқаи пурдоғи худро лолаи саҳро кунам,
Ашки шӯри хештанро гавҳари дарё кунам.
Аз барои номи неки ошиқони бенасиб
Ман насиби хеш аз хони сухан пайдо кунам.

Он ки дар дил тарс дорад, халқ тарсон мекунад,
Бериё, ҳар ҷо нишинад, тавбаборон мекунад.
Мушкилоти хешро бо панҷаи макру ҳиял
Бар хилофи дину имон саҳлу осон мекунад.

Умри мо тармаву ҷон ақли равон аст, дареғ,
Ҳама асрори ҷаҳон ганҷи ниҳон аст, дареғ.
Гавҳари асл дар ин даҳр ба дасти довар
Одамӣ ғамкаши ҳар давру замон аст, дареғ.

Шаҳди дидор бичаш аз рухи зебои баҳор,
Дур аз ёр марав зодаи ишқеву хумор.
Лаби ӯ тар бинамо, бас ки ба ӯ ҳамнафасӣ,
Пеш аз он, ки бибарад қисматат аз сӯҳбати ёр.

Ҳайфи он рӯз, ки бо ғусса ҳаётам доданд,
Ваъдаи беш бикарданду мамотам доданд.
Рӯзи мо нашуд аз қиссаи афсонаи шаб,
Заҳри умр аз қадаҳи оби наботам доданд.

Кӣ бигуфтаст, ки бо дев биварз: одам кун,
Хешро пургунаҳу пураламу пурғам кун.
Арзани ишқи в-аро хирмани ишқат чӣ кунад,
Кӣ бигуфтаст, ки бо нохалафе сар хам кун?

Даруни нофаи ғунча ҳазорон рози гул пинҳон,
Чаро қадре надорад ӯ ба қадри ғӯраи арзон.
Магар асрори ин дунё чу баргу гул муаммоест,
Зи гул асли вуҷуди мо, дарун оташгаҳи сӯзон.

Ғамнок машав ҳаргиз, афлок чунин бошад,
Парвози баландеро пастиш замин бошад.
Гаҳ ҷому маю бода, гаҳ хунҷигари сода,
Аз рӯзи азал то ҳол аҳвол ҳамин бошад.

Тамоми умр гиристему ғам тамом нашуд,
Ҳалок гашта дилу соҳибэҳтиром нашуд.
Дареғи умр, ки Раънои ба ҷодаи эҷод,
Бисуфӣ дуру вале гавҳараш ба ком нашуд.

Парвонаи хаёл туро дида пар гирифт,
Ишқат хумор гаштаву ёде зи сар гирифт.
Бори ғаме, ки шишаи хотир шикаста буд,
Килки мурод гашта зи шӯрат шакар гирифт.

Чашми ғафлат пӯшу он чашмони дилро во бикун,
Ганҷи умри хешро андар тарозӯ ҷо бикун.
Ҳамчу меҳмони баиззат ҷой бину по бимон,
Ҷои худ дар чашми ёру соғари лабҳо бикун.

Ҳар баҳорон дар даманҳо сабзаву гул медамад,
Дар баҳорон низ ҳайфо, риштаи ҷон меканад.
Решаи гул ҷон бигирад, чун бимирад фасли дай,
Ҳайфи тухми одамӣ, ки маргаш осон мебарад.

Шукри имрӯз кунед, арбадаи фардо чист,
Нест маълум, ки тақдири ту дари уқбо чист.
Кӯраи даҳр бидидӣ, ки чи сеҳр аст дар он,
Кас надонад ғами рӯзу алами шабҳо чист.

Шамъи дили мо сӯхтию доғ ҷигар шуд,
Хун дар раги мо ҷӯш бизад, ранг дигар шуд.
Сирре, ки дарун дошт, фақат оҳ хабар дошт,
Чун дар гузари пой бишуд, шӯр ба сар шуд.

Будӣ насиб, пас чӣ ҳабибам намешавӣ,
Наздик омадиву насибам намешавӣ.
Чун сояе паям давӣ аз ҳукми сарнавишт,
На ёри ҷону низ рақибам намешавӣ.

Оҳ гуфтам, воҳ гуфтам, беҳтарин айём рафт,
Дар сари ҳар сатр хуфтам, рӯзи ман бар шом рафт.
Сӯхтаи рӯзу шабон бас дар таби армони худ,
Ишқ дилро сӯхт, аммо оқибат худ хом рафт.

Алҳазар, аз чашмтангон алҳазар!
Алҳазар, аз шоми ҳиҷрон алҳазар!
Алҳазар, аз макри шайтон алҳазар!
Алҳазар, аз куштани ҷон алҳазар!

Сӯзи моро нест поён, эй Худо,
Дарди моро нест дармон, эй Худо.
Хуни гармам лаъл басту шуд сияҳ,
Меравам бо сӯзу армон, эй Худо.

Зи дилам мегузарӣ, бовар кун,
Ки ғами додаи ту сӯхт дилам.
Раҳму виҷдони дилат довар кун,
Оташи ишқи ту афрӯхт дилам.

Мастии ту бо ғурурат хеш шуд,
Қасди ёрӣ душмани бадкеш шуд.
Носипосӣ дар раҳи меҳру вафо
Хори заҳролудаи пурнеш шуд.

Рози пинҳони дилам ашъор шуд,
Ашки хунин бар рухи ман бор шуд.
То нагардам хандасори одамон,
Ақли солим хоб буд, бедор шуд.

Нигоҳи чашми махмурат барад рашки сурайёро,
Хаёли чашми обият кушояд рози дилҳоро.
Чунон зебову ҷонпарвар бувад чашмони шаҳлоят,
Ки ҷоду карда меорад ба дил завқи тамошоро.

Ғунчаи хандалабам, қисмати хунин дорам,
Ғарқаи маслиҳатам, дидаи ғамгин дорам.
Давлати ақли расо дода маро меҳру вафо,
Сад ҳазорон аламу як дили мискин дорам.

Шишаи қалби маро сангат шикаст,
Риштаи меҳрам дами чангат гусает.
Муждаи умедвориам надод,
Чуғзи бадбахтӣ ба боми ман нишаст.

Хуштар зи ҷому сӯҳбати назди нигор чист?
Беҳтар зи шукри додаи Парвардигор чист?
Ғофил машав, ки умр ба кас бевафо бувад,
Пас хӯрдани дурӯза ғами рӯзгор чист?

Ҳама амри Худо бошад, маҷӯ асрори дунёро,
Бихезу хушзабонӣ кун, кушо чашми тамошоро.
Ҳар, он ки ғам хурад умре, қарин гардад ба марги хеш,
Муаммо хурд охир пайкари поки Зулайхоро.

Ҳар кӣ дар роҳи муҳаббат ҷигари хеш насӯхт,
Лаби ӯ лаззати ишқе нахариду нафурӯхт.
Ҳар кӣ нанмуд ба маъшуқаи худ меҳру вафо,
Сад пушаймон шуду чоки ҷигари хеш бидӯхт.

Ҳар марди зӯр Рустами дастон намешавад,
Зоҳирпараст ҳеҷ мусулмон намешавад.
Ҳар он зане, ки сатри риёро ба сар кунад,
Боиффатеву покизадомон намешавад.

Дареғи дӯст, нафаҳмад ғизоли Раъноро,
Надида гарди биёбону реги саҳроро.
Калому хома шуда ёри лаҳзаҳои дилаш,
Ва марг ёр шуду кушт мурғи шайдоро.

Ҳайфи умри лолачинам, аз баҳораш бехабар,
Ҳамчу меҳмоне будасту тӯшааш бо марг тар.
Ончунон рафтам ба хоби ғафлати ӯ бехабар,
Умри мо ахтар будасту вақт ӯро то саҳар.

Савоби талх бувад, ҳар кӣ кушт Раъноро,
Ки буд ташна дилеву надид дарёро.
Гузар намо, ки бубини чи давлате дорад,
Зи ганҷи шеър, ки асло набуд Дороро.

Тират чӣ хато рафт, назад бар ҳадафи дил,
Кӯтаҳ шуда дастат, нарасад бар садафи дил.
Ҷоно, чӣ бихоҳӣ, гузарон аст ҳаме умр,
Ҳайфо, ки гунаҳкор шудӣ дар талафи дил.

Имрӯз кашфи рози дил оғоз мекунӣ,
Бар кӯи дил расидаву парвоз мекунӣ.
Сад ҳайф аз хаёли ману розҳои ман,
Нози ҳавоӣ аз пайи шаҳбоз мекунӣ.

Умрам зи пайи хайру сахо рафт, сад афсӯс,
Поям зи пайи обилаҳо рафт, сад афсӯс.
Пас гӯ, зи гили пухтаи ман кӯзагаре ку,
Умрам ба раҳи ҳақ чу гадо рафт, сад афсӯс.

Ашки талхам ҳама дарё шуда аз чашмам рехт,
Ғусса барбод задаш, шӯр ба афлок ангехт.
Тундару абри баҳор аст зи танҳоию хашм,
Шабнаме гашта ба болои рухам боз бирехт.

Омад баҳор, аз дилам ҳарфи хазон нарафт,
Заҳри фироқ хӯрдаму шаҳди лабон нарафт.
Умре шунида тӯҳмату истезаҳои даҳр,
Захму хароши нохуни ишқат зи ҷон нарафт.

Гули армони моро донаи кӣ ҳосилаш овард,
Зи кӯи кӣ, барои чӣ чу қасде қотилаш овард.
Хазон аз дасти кӣ ояд, ба бодаш кӣ диҳад бояд,
Намуд аввал варо помол, пас бар маҳфилаш овард.

Сад ҳайф, ки дер омадӣ, эй фасли баҳорам,
Дер омадӣ, чун тухми ҳавасҳои ту корам?
Он гуна хазонам зи ҷафову алами ту,
Баргӯй чӣ сон дарду ғами хеш барорам!?

Дардо, ки хато аз тарафи ишқи шумо буд,
Дасту дили ман дар талаби меҳру вафо буд.
Сад шукр, пайи ҳирсу ҳавас мо надавидем,
Ҳар он чӣ ту кардӣ, ҳамагӣ толеи мо буд.

Бихоҳам бӯстон гардад даруни синаи тангат,
Муҳаббатошён бошад ҷаҳони он дили сангат.
Сиришти мо – сафои ту, уболи мо – гуноҳи ту,
Вале бо ин ҳама ғамҳо бихоҳам созу оҳангат.

Аз ғаму дард раҳи хеш ба майхона кунед,
Аз аламҳои ҷаҳон рӯй ба паймона кунед.
Масту сархуш зи сари ғурбати гардун гузаред,
Хонаи рӯҳи равон ҷодаи афсона кунед.

Маҷӯ мазори муҳаббат, ки гашта армонӣ,
Магӯ дареғ, дареғат кушад ба осонӣ.
Макун суроғ муҳаббат, к-аз он нишоне нест,
Туро хабар чу набошад зи дарди инсонӣ.

Дунёталабон сабукдилонанд,
Қорунсифатанду шодмонанд.
Дунёст чӣ, ин хабар надонанд,
Дар олами хеш бенишонанд.

# РУБОИҲО

Саргашта манам дар ошёни ту мудом,
Дилхаста манам зи «армуғон» -и ту мудом.
Ғамкушта манам чу бадгумони ҳар кӯй,
Дилсӯхтаам зи ормони ту мудом.

Нолид дилам, зи нолаам гул бишкаст,
Парвонаи ҳамдард ба наздам биншаст.
Булбул зи фироқ оҳи диламро бишунид,
Фарёдкашон дигар ба шохе наншаст.

Гӯянд ҳавои шеъру сетор хуш аст,
Шаҳду шакари даруни бозор хуш аст.
Файзи саҳару канори гулзор хуш аст,
Хуш ҳаст, вале ин ҳама бо ёр хуш аст.

Дарёи манӣ, пурс зи сӯзат чунам,
Дар соҳили ту чу бедаки маҷнунам.
Афканда сарам ба зери бори ғами ту,
Аз маҳфили ошиқони ту берунам.

Дил нақши ҷаҳон кашиду тасвир нашуд,
Бар дарди замона нақша тадбир нашуд.
Сиррест даруни ин ҷаҳони гузарон,
«Мо пир шудему ин ҷаҳон пир нашуд».

Хӯрдӣ намаку чаро ҳаме кӯрнамакӣ,
Холист вуҷуди туву сар бар фалакӣ.
Бо фикри каму костаат боре бин,
Оё ту ба фикри оқилон муштаракӣ?

Дар ишқ ту моҳиву манам як ҳабашӣ,
Дастат гирам, чаро ту дастат бикашӣ.
Гар гул бишавам, канори ту бархезам,
Тарсам, ки зи ман гурезиву бӯ накашӣ.

Дардест, ки дил сиҳат шавад аз нафасат,
Сармаст шавам, қадам ниҳам гар зи пасат.
Як бор назар ба рӯи зардам бикунӣ,
Маҳтоб шавам, нур диҳам аз ҳавасат.

Аз ҳар нигаҳи сеҳргарат мадҳушам,
Тарсам, ки расад чашм, ҳамоно пӯшам.
Хоҳӣ ту, ба ҷои ҷони ту ҷон бидиҳам,
Ғамҳои ту гар заҳр бувад, менӯшам.

Эй ёр, чаро маро ба оғӯш наӣ,
Ҷонона туӣ, зи чист ҳамдӯш наӣ?
Сармасти киву канори кӣ мегардӣ?
Рафтӣ зи бару вале фаромӯш наӣ.

Дар дил алами замона чун чангу ғубор,
Ҳар зарраи ӯ нишаста бо кина қатор.
Сабрам бибарад намонда тоқат ба шумор,
Дасту дили ман бишустааст аз ҳама кор.

Гар ёри гулӣ, бараш хасу хор шавӣ,
Аз фурқати ӯ чу булбули зор шавӣ.
Гар ошиқи бовафоӣ, дар меҳру вафо
Чун хок шавӣ, мӯнису ғамхор шавӣ.

Ин қофилаи даҳр чи номардӣ кард,
Бо айшу тараб миёни мо сардӣ кард.
Сад зулму ситам зи молу мулкаш дода,
Бозича намуда кушту «ҳамдардӣ» кард.

Кӣ гуфт накӯӣ куну дар об андоз,
Ин дам, ки дигар накӯӣ ҳам ҳаст маҷоз.
Ё об дигар ва ё ки даврон дигар аст,
Некии ту бо об намегардад боз.

Каҷ ҳам биншинию ар, вале рост бигӯй,
Умр аст ду рӯзу роҳи тавфиқ биҷӯй.
Ҳар кор, ки кардаӣ, ҳамон пеш ояд,
Олуда макун хамирро бо хасу мӯй.

Мо ошиқи зорем, бигӯ, ёр куҷост?
Дил моили теғу бин, ки ғамхор куҷост.
Дар даҳр мабод кас, ки чун мо бошад,
К- аз саллаи каҷ бипурсад асрор куҷост.

Аз нағмаи бандагон дилам гашта кабоб,
Дар сар фақатам савол ояд, на ҷавоб.
Бингар, ки бадиро набувад ҳеҷ ҳисоб,
Хубӣ чи бадӣ дошт, ки гашта ноёб?!

Ё Раб, бинигар, ки зар равад даст ба даст,
Ин нафсбадон чаро чунинанд чу маст.
Аз зинда ҷудо гирифта аз мурда ҷудо,
Андеша куҷо, ки мебарад марг ба шаст.

Савдои лаби шакарфурӯшат оям,
Аз шаҳди лабат, чи хуш, ки меосоям.
Дилдода манам, ки рӯзи васлат ҷӯям,
Бозор мабар лабат, ки ман меоям.

Савдои сарат чу рӯзи ҳашр аст мудом,
Овозаи ҳусни ту ба сад лафзу мақом.
Чашмам ба ҳавас раҳи туро мепояд,
Пас чун бизиям ба ин муаммову маром?

Рози дили худ чу гул кушоям, чӣ шавад?
Дилро ба ҳавас аз ту рабоям, чӣ шавад?
Бо узри раво роҳи ту поям, чӣ шавад?
Ё ғунча шавам лаб накушоям, чӣ шавад?

Ҳайфи умрам, ки ройгон омаду рафт,
Аз чашми хирад чаро ниҳон омаду рафт.
Аз лутф бихост дил, ки сад хайр кунад,
Беқадр шуда ба сад фиғон омаду рафт.

Аз гулшану гул ҳусни туро меҷӯям,
Ҳар шому саҳар номи туро мегӯям.
Дар умри дурӯза ҳамканорам шавӣ,
Дасту дили худ ба ашки ғам мешӯям.

Ғам хеш шуду шодӣ чу бегона гузашт,
Умрам чу гадо зи пушти паймона гузашт.
Белона гузашт, ҳамчу парвона гузашт,
Мурғи ҳавасам аз сари вайрона гузашт.

Дар дашти мурод ман шикори ту кунам,
Фирдавс ба ҷону дил нисори ту кунам.
Гар нохалафе тири маломат бизанад,
Ҷавшан тану мижжаро қатори ту кунам.

Бедор шудам зи нолаи булбули зор,
Гул гуфта аламкунон фиғон дошт зи ёр.
Бо сӯзу гудозу ҷигари садпора
Во ҳасрати гул, ки ҳаст андар бари хор.

Пирӣ бирасиду қадди мавзун бишикаст,
Ҳар дам чу рафиқ аҷал бари мо бинишаст.
Гӯяд, ки чӣ донӣ, чӣ шавад ҳол туро,
Ҳирсу ҳавасат хок кунад рӯзе паст.

Кори ману ту, бубин, ки мушкил афтод,
Бар тортану ба мӯю бар қил афтод.
Бар дасти ҳақир, ё ки ҷоҳил афтод,
Бар ҷоми пур аз заҳри ҳалоил афтод.

Мушкилбикушо намуду мушкил афтод,
Моҳӣ бичаҳиду бин, ба соҳил афтод.
Поро ба гилеми дигаре кард дароз,
Андӯхта сарвату чу ҷоҳил афтод.

Моему хаёли ёру шоми гузаро,
Бар қисмати мо нигар ту, соҳибназаро.
То кай ба хаёли рӯзии баъдина,
Ё Раб, бинамо баландрӯзӣ ҳамаро!

Зиштӣ манамову бо бадон ҳеҷ машин, –
Гӯяд масали халқ чу як ёри қарин.
В- он қофиягӯ ба бад бувад ёри қарин,
Ё Раб, ба ҳаво назар кунам, ё ба замин?

Онҳо, ки хасанд, аз пайи озоранд,
Тайёрхуру ҳақиру ҳам беоранд.
Шайтонсифату ҳилагару бадкирдор,
Дар мазраи дил тухми танаффур коранд.

Эй килки ҳавас, ба ёрии ман ой,
Чун ёри азиз мӯниси танҳоӣ.
Рози дили ман фақат ту дониву Худо,
Бо сеҳри сухан рӯшании шабҳоӣ.

Бемор шудам, ҳайфи дари бастаи ман,
Бе ёр шикаст ҷони вобастаи ман.
Як бор агар ёди вафоро бикунад,
Пайваста шавад ин дили бишкастаи ман.

Эй ёр, нагӯ аз ишқ мо қашшоқем,
Бар дидани ту ҳамешгӣ муштоқем.
Дорою фақир пеши ишқанд яке,
Валлоҳ, ки ҳама зи обу як каф хокем.

Эй ҳамватанон, чаро зи ҳам мо дурем,
Дар хулқу адаб зи чист, ки ноҷӯрем?
Ё айби замона аст ё қисмати мо,
Аз зиндаҷудоиҳо ҳама ранҷурем.

Уммеди гул аз баҳор дорам як умр,
Дар дил ҳавси канор дорам як умр.
Чун ошиқи беқарор дар роҳи вафо
Дил дар кафи интизор дорам як умр.

Ёдат ба алам дар ин шаби тор кунам,
Истеза ба дидаҳои ночор кунам.
Аммо чӣ кунам, ки ту ба додам нарасӣ,
Ғамҳои туро навишта ашъор кунам.

Пешам ту наӣ, ки доду фарёд кунам,
Дил аз қафаси ғами ту озод кунам.
Ё гул нашудӣ ба рӯи тоқи дили ман,
Бӯят бирасад, ба он дилам шод кунам.

Эй дил ту чаро асир бар ғамҳоӣ,
Дар ҳасрати ӯ ситамкашу раҳпоӣ.
Ҳарчанд ки ғам туро ба хилват бикашад,
Андар раҳи ӯ нишастаӣ, танҳоӣ.

Мон, баҳри дили хазон баҳор ояд боз,
Бар ҳар дили торик шарор ояд боз.
Аз омади ишқ ҳамчу як фоли накӯ,
Пайғом ба дидаҳои чор ояд боз.

Ҳайфо, ки замона бехирадро ёр аст,
Доно ба шумору ҷоҳилон бисёр аст.
Онро, ки бувад ор, залилу хор аст,
Лек айшу сафо насиби ҳар беор аст.

Умрам зи пайи суду зиёни ту гузашт,
Боронсифате зи ошёни ту гузашт.
Гӯянд, агар ғунча хазон аст чаро?
Он ғунча манам, пайи хазони ту гузашт.

Шаб субҳ шуду зуҳр шуду рӯз гузашт,
Бас ахтари равшани шабафрӯз гузашт.
Ҳарчанд ки нолидаму фарёд задам,
Чун булҳавасон дода маро сӯз, гузашт.

Номат ба забон гирифтаму қандам шуд,
Бишкуфт рухам, агарчи ожангам шуд.
Умре суханат агарчи чун пандам шуд,
Умрам бигузашт, ишқ побандам буд.

Рӯзе, ки муҳаббат ба дилам пайдо шуд,
Дарёи дилам муқобили маҷро шуд.
Ҳоҷат ба насиҳатам дигар ҳеҷ намонд,
Тӯфони дилам фузун зи ҳар дунё шуд.

Бигзор, ки ишқи ту нигаҳ дорам боз,
Бигзор, ки сӯзад дилам аз гуфтани роз.
Ин зиндагӣ аз сӯхтан обод шудаст,
Маҳве шавам ар, мекунадам ишқи ту соз.

Меҳандӣ ба ноз, рӯякат алвонӣ,
Бар кокули ман хуш аст, агар дармонӣ.
Бар фикр фурӯ марав, ки умрат гузарад,
Номард машав, ки меравам, мемонӣ.

Ёри ту манам, чу фол меоям боз,
Бар рӯю лабат чу хол меоям боз.
Гар ёд кунӣ, ба ёди ман шеър бигӯ,
Бо шеъри ту чун савол меоям боз.

Баъди сари ман ёди мани зор кунед,
Ёд аз мани дилдодаи дидор кунед.
Бар турбати ман зада гули раъноро,
Сад гиря ба рӯзи мани ночор кунед.

Ҳарчанд ки пирем ҷавонӣ, дунё,
Бори ғами мо кашон равонӣ, дарё.
Дарё, дарё, ниҳон чӣ асрор бувад?
Мо ҳар ду равон, чӣ ҳосил аз равуо?

Эй бодахуро, зи чист ин бодахурӣ?
Ширин шаҳде, вале ту ғамбода хурӣ.
Донӣ, ки чӣ сиррест дар он бодахурӣ,
Ҳайфо, ки ғами замонаро сода хӯрӣ.

Дарё, бинигар, чӣ сон гурезон ояд,
Аз чист,ки ин қадр шитобон ояд.
Чун дил ба Худо ҷамъу парешон ояд,
Аз қисмати худ ба доду афғон ояд.

Дунё маталаб, ҷавоби дунё зӯр аст,
Ширин нашавӣ, ҷабини инсон шӯр аст.
Аз нохалафон умеди дилдорӣ нест,
Дар роҳи вафо ду чашми онон кӯр аст.

Бе илм надида ҳеҷ кас роҳашро,
Бе ранҷ касе намебарад коҳашро.
Бе ишқ нагаштааст кас оламгир,
Гар ин набувад, кӣ ёфт ҳамроҳашро?!

То оҳ кашидем, ҷавонӣ бигузашт,
То мижжа задем, зиндагонӣ бигузашт.
Аз кӯтаҳӣ дасти мо ба мақсад нарасид,
Умри гузарон ба нотавонӣ бигузашт.

Лабро ба суроғат накушодам, афсӯс,
Сарро ба раҳи ту наниҳодам, афсӯс.
Ту лутфи Худо будӣ, надонистам ман,
Онро, чӣ кунам, зи даст додам, афсӯс.

Эй ёр, бубинамат, дилам нолад боз,
Бемеҳр шудӣ, дилам ба сӯз асту гудоз.
Аз ҳоли дилам агар бихоҳӣ хабаре,
Биншину бипурс ҳолу аҳволам соз.

Ҳар субҳ ба худ сипоси ин дунё кун,
Неку бади кардаат ба худ савдо кун.
Охир чӣ барӣ зи додаву кардаи хеш,
Дар дафтари амволи худат имзо кун.

Рӯзони баҳор хуш сафое бахшанд,
Гулҳои баҳор хуш зиёе бахшанд.
Ҳар майсаву гул, ки рамзи покӣ бошад,
Ҳам суру сафою ҳам давое бахшанд.

Боз о, ки баҳори умри мо мегузарад,
Айёми назокату сафо мегузарад.
Чун гавҳари мақсуд ҳаёти ману ту
Ҳар лаҳза зи авҷи Кибриё мегузарад.

Баҳри чӣ шитоб мекунӣ, эй дили ман,
Бар қасди ҳама ту гаштаӣ қотили ман.
Ҳарчанд давидию давидӣ ҳама умр,
Ҷуз ишқ набуд аз ҷаҳон ҳосили ман.

Эй ёр, чаро маро чу арзан бинӣ,
Ман кӯҳи бузургаму маро кам бинӣ.
Бовар накунӣ, ба кулбаам боре ой,
Одамгариам ҳазор хирман бинӣ.

Ҳарчанд ба мазраи замон тохтаем,
Худро ба ҳама умру замон бохтаем.
Дар роҳи худафрӯзию бологузарӣ
Оҳанги вафои ҷовидон сохтаем.

Чун тифл будем, эҳ, чӣ сон пок будем,
Дар ишқ зи рашку кина нопок шудем.
То рост шудем, аспи умр аз мо рафт,
Худ хок шавем, чунки аз хок будем.

Дар гулшани дил фасли баҳор аст, биё,
Оҳанги хуши савти ҳазор аст, биё.
Ҳарчанд ки носипосиат беш бувад,
Бечора дилам дар интизор аст, биё!

Эй булҳавасам, зи ишқ ту бехабарӣ,
Дар гулшани ошиқон гули бесамарӣ.
Ношукр зи маъшуқи худу доди Худо,
Ҳатто на гадо, балки саги дарбадарӣ.

Хоҳам, ки ҷаҳон номи накӯям ҷӯяд,
Бар ҳар суханам ҳазор аҳсан гӯяд.
Ҳар байт, ки зодаи ҷаҳонам бошад
Дар ҳар қадаме чун гули Раъно рӯяд.

Ҳар неку баде, ки мерасад, тақдир аст,
Он манзили хомушон раҳи тадбир аст
Хоҳам, ки каме умр бувад тӯлонӣ,
Маргам ҳама ҷо ҳамешагӣ пайгир аст.

Тавлид шудему аз пайи кор шудем,
Дилдодаву аз қафои дилдор шудем.
Боақл шуда савор дар тавсани умр,
Аз тохтанаш ниҳоят афгор шудем.

То ҳол ба диданаш хуморӣ, эй дил,
Осуда маро намегузорӣ, эй дил.
То чанд оҳам ту бар фалак печонӣ,
Бар аспи ғаму ғусса саворӣ, эй дил.

Дардо, ки зи ғам нимаи умрам бигузашт,
Айёми ҷавониву сурурам бигузашт.
То субҳ дамид аз паяш шом расид,
Ин умри гарони талху шӯрам бигузашт.

Тақдири бадам зи пурҷафоии ту шуд,
Ошуфтагиям зи бевафоии ту шуд.
Қадри ману ишқи ман бисозад кӯрат,
Беқадрии ман зи камбаҳоии ту шуд.

Дарёи бузурги кӯҳсорам, эй ёр,
Чун мавҷ парешу беқарорам, эй ёр.
Ҳоло, ки маро сели бало нест рафиқ,
Як бор биё, ту бар канорам, эй ёр!

Ҳарчанд ки боғу бӯстон меҷӯем,
Дарду аламу сӯду зиён меҷӯем.
Чун ашки ба дидаи замин афтода,
Дар кулбаи охират фиғон мегӯем.

Ишқу ғаму дард бо ҳам омехтаанд,
Бо сурати ошиқона ангехтаанд.
Чун хостаанд бори одам бикунанд,
Аз дил ба сару то кафи по рехтаанд.

Шамсу қамару меҳру муҳаббат дар зан,
Лутфу караму сидқу саодат дар зан.
Ному насабу фазлу каромат дар зан,
Ё Раб, бинигар тамоми роҳат дар зан.

Дар оинаи хирад ҷило бисёр аст,
Дар пардаи рӯз ҳам сафо бисёр аст.
Гар ғайрати акси тозаеро дорӣ,
Дилсард машав, ки ҷо дар ӯ бисёр аст.

Ҳар рӯз ҳавои дилбарии дигар аст,
Бунёдгарӣ, нававарии дигар аст.
Ҳар шом хаёлу хоби дигар ояд,
Таъбири дигар сабку сарии дигар аст.

Аз беаламон ту такяю поя маҷӯ,
Аз булҳвасон ҷамоли пурмоя маҷӯ.
Ангушти зиёда кай тавонад коре,
Аз қомати сарви хештан соя маҷӯ.

Дар сояи қадди сарви ту ноз кунам,
Булбул шаваму васфи ту оғоз кунам.
Имрӯз чӣ роз аст ба чашмони ту, ёр,
Ё раб, ба чӣ тадбир варо боз кунам?

Аз ман ту марав, гули хазонам бе ту,
Як рӯз зи ғам зинда намонам бе ту.
Гулбуттаи ишқи мо ба ҳам пайванд аст,
Пайванд мабур, ки нимаҷонам бе ту.

Эй дил, чӣ ситез мекунӣ, дар домӣ,
Афтода ба бори ғам, басо нокомӣ.
Бечораву бенавоӣ амсоли гадо,
Бархез, ки ин замон ту дар фарҷомӣ!

Эй дӯст, биё, ки аз дигарҳо бешам,
Душман шудаанд ақрабову хешам.
Дар раҳгузари умр равонем, бидон!
Аз дидаи худ аламкашон, дилрешам.

Сабзинаи ман, гули баногӯшат ман,
Дар олами дил фариштаи дӯшат ман.
Чун рамзи вафо ту зебиши давронӣ,
Дар гулшани ҳусн ёри гулпӯшат ман.

Сӯзам зи ҳарорати ҷигар, ёр, мудом,
Обам зи димоғи сӯхта субҳ ба шом.
Гирдоби ҳавасҳои ту бодам бинамуд,
Аз рашки ту таскини дилам бодаю ҷом.

Шодиталаби зиёди ин дайр машав,
Мӯҳтоҷ ба лутфу толиби хайр машав.
Беҳуда набуд дасти худ бӯса задан,
Заҳмат бикашу ҳасадхури ғайр машав.

Дар меҳанаму зи дасти ту гашта ғариб,
Бемор наям, кунам суроғи ту – табиб.
Як бор дили маро бифаҳмӣ чу накӯ,
Бо ҳар сари мӯ туро кашидаст насиб.

Ҳар кас, ки ба нафъи халқ андеша кунад,
Хидмат ба Ватан барои худ пеша кунад.
Аз баҳри ҳимояи Ватан – модари хеш,
Оташ ба ҳазор хасми бад реша кунад.

Ё дур бишав ва ё ки сомонам кун,
Бо лутфи латиф масти мастонам кун.
Шаҳду шакарин луқмаи ишқам бахшой,
Аз меҳру вафо иморати ҷонам кун.

Гумроҳ шудам, вале ту гумроҳтарӣ,
Хушхулқнамоию вале ҳиллагарӣ.
Афсӯси садоқати дилам аз баҳрат,
Ту хор будӣ, гумони ман мушки тарӣ.

Афсӯс маро, ки дил туро дар дом аст,
Афсӯси лабам, зи бӯсаат ноком аст.
Афсӯс, зи рафтани ҳаёти ғофил,
Чун оби ҳаёт дар шикасти ҷом аст.

Парвона манам, ту шамъи хокии манӣ,
Ҳарчанд сабаб ба синачокии манӣ.
Эй раҳгузари даҳри ҷафопеша, мудом
Ту рамзи сафову нуру покии манӣ.

Ҳарчанд зи қалби ту ҳамон раҳгузарам,
Чун ишқгадо ҳамеша дар пушти дарам.
Чандест маро маҷоли рафтан набувад,
Зеро ки шикастаӣ ҳама болу парам.

Ҳар субҳ чу гул баҳри ту бедор шавам,
Шояд зи рухи ту баҳрабардор шавам.
Аз шаҳди лабу даҳони анбарбӯят
Умед бувад, ки охир аттор шавам.

Хоҳӣ ту, ҳамешагӣ ҳавоят бошам,
Гар рад бикунӣ, акси садоят бошам.
Бикшину биандеш чиҳо мегӯям:
Дар рӯзи ҷазо радди балоят бошам.

Эй кош, ба ҳарфи ишқ моил бишавӣ,
Эй кош, ба сеҳри ишқ қоил бишавӣ.
Эй кош, чу парвонаи уммеди дилам,
Ҳамхонаву ҳамқисмату ҳамдил бишавӣ.

Ин умри азиз меравад оҳиста,
Моро бикашад ба дом ӯ пайваста.
Дар кӯраи даҳр ҳеҷу ҳеҷем ҳама,
Дил пурҳавасу валек доим хаста.

Ҳар сӯҳбати марди нек кони панд аст,
Ҳарфи лаби ӯ шаҳду наботу қанд аст.
Чун чашмаи кӯҳсор дар қаъри замин,
Бо решаи асрори ҷаҳон пайванд аст.

Аз дасти фалак хеш ба ғурбат задаам,
Бечора дилам ба ранҷи ҳасрат задаам.
Аз кинаву аз ситезаи даҳри дудар
Ман ном зи сармояи он хат задаам.

Рӯзе бирасад, лабони ман ёд кунӣ,
Наврӯзталаб хазони ман ёд кунӣ.
Ҷӯяндаи меҳру аҳд паймон шуда, боз
Қоил шудаву ҷаҳони ман ёд кунӣ.

«Ал ваъдаву дайн»-и душро ёд биёр,
Озод нафас кашу ғам аз сина барор.
Бар он чӣ ки дидаӣ, набошад инкор,
Ҳайфо, ки дурӯза умри худ созӣ хор.

Ҷон меканаму хушӣ зи ман пинҳон аст,
Дунёи фарох дар назар зиндон аст.
Ҳарчанд ки дасти мо дароз аст ба кор,
Ин умри равон чу тири дар пайкон аст.

Эй даҳр, ба ман ду чашми тар гашт насиб,
Ғамҳои туам бари ба бар гашт насиб.
Тақдири бадам, ситезаҳоят бас кун,
Ҳарчанд туро заҳру шакар гашт насиб.

Дарё, ту маро зи дарду ғам пок бикун,
Сарсабз маро чу навдаи ток бикун.
Рӯзии маро чу оби худ соз равон,
Дар кор чу хеш чусту чолок бикун.

Аз дил алами ниҳон бирон, боди саҳар,
То ёр ба ёраш бишавад ширу шакар.
Аз кинаву аз нифоқӣ дил холӣ кун,
Фархунда намо зиндагию хонаву дар.

Бахшандаи сур рӯи сулҳ аст мудом,
Хуштаъм аҷаб меваи сулҳ ба ком.
Сарсабзии даҳр ҳосили сулҳ бувад,
Сарҷамъии мо зи пайки сулҳ аст тамом.

Хонӣ ту намоз, ору одоб куҷост?
Медонӣ магар, қиблаву меҳроб куҷост?
Коху ҳараму манзару қасратро бин,
Хайроти сари ту – қатрае об куҷост?

Устод, маро табъи равон бахшидӣ,
Як ҳарфу ду ҳарф бар забон бахшидӣ.
Гар илм нишони одамият бошад,
Ҳаққо, ки зи одамӣ нишон бахшидӣ.

Устод, ба роҳи фазл моро падарӣ,
Кардӣ раҳи бас дарози заҳматсипарӣ.
Андарзи ту чашму дили моро бикушуд,
Сад шукр, раҳо кардиам аз бебасарӣ.

Дар олами фазл осмонӣ, устод,
Дар илм самои бекаронӣ, устод.
Бо илми замона умр худ чизе нест,
Пирояи илми ҷовидонӣ, устод.

Қиссаи умрам баёзу дафтару девон бишуд,
Толеи баргаштаи ман ғарқаи тӯфон бишуд.
Таънаву бӯҳтони чарх он қадр афтодам гарон,
Марг қимат гашт бар ман, зиндагӣ арзон бишуд.

Асрор биҷустаме зи афлоку ҷаҳон,
Сиррест нуҳуфта дар паси пардаи он.
Андар пайи бишнохтанаш пир шудам,
Асрор ҳамон асту ҳамон аст ҳамон.

Гар зистан аст мақсадат, кина маҷӯ,
К-он мебарадат ба коми сад наҳс фурӯ.
Шуд калламанораҳо баланд аз кина,
Рафтаст, бидон, Мадоин аз кина фурӯ.

Бисёр Худо гуфта, сухан мегӯем,
Айб аст, ки худ ҷурми касон меҷӯем.
Бо рӯзаву бо намозу бо зикри Худо
Гӯё ҳама айбу куфри худ мешӯем.

Гӯянд зи музди ранҷи худ Каъба бирав,
Бо дасту дили пок раву ҳоҷӣ шав.
Бинед, вале, кӣ мебарад ҳосилро,
Тухмӣ зи кию кӣ кишту кӣ кард дарав.

Аз хоки ғарибе шуда ин кӯҳ баланд,
Аз мижаи ӯ бируста ин бехи сипанд.
Вулқони азиме, ки бубини сари кӯҳ,
Аз сӯзи дилу зи дуди оҳи ӯянд.

На масту на пастаму парастандаи чиз,
Ё Раб, ту ба ҷоми дил майи ишқ бирез.
Муштоқи маҳу кавкабу хуршед будам,
Ошиқ ба ҷамоли рӯи зебои ту низ.

Мо омадану рафтани худ медонем,
Ин ҷой ду-серӯза ҳама меҳмонем.
Як умр бихурда ғам барои дигарон,
Охир ба вуболи ҷони худ мемонем!

Андеша намо зи гуфтаи «буду набуд»,
З-ин омаду рафт худ чӣ бошад мақсуд?
Амволи ҷаҳон фанопазиранд ҳама,
Барбод равад ҳама ба ҷуз хайру дуруд.

Рӯзе бирасад, ки ҳақ ба ҳақдор расад,
Сад хайр ба бандаи накӯкор расад.
Эй тангдилон, чӣ зӯри беҳуда занед,
Аз чархи фалак ризқи сазовор расад.

Нопухтаи деги офариниш моем,
Ғарқи ҳавасу банди муамоҳоем.
Дилдодаи нафси кинатӯзем мудом,
Раҳгумзадае ба ҷодаи фардоем.

Гар шоҳаму гар гадо куҷо хоҳам рафт,
Аз даҳри сазову носазо хоҳам рафт.
Ин рафтани банда рафтани андак нест,
Бо рафтани худ пайи Худо хоҳам рафт.

Чун ҷоми сикандарӣ зи дил вожун шуд,
Дар банди аҷал бимонду қалбаш хун шуд.
Ӯ монд, вале қофила аз роҳ намонд,
Як дасти Сикандар зи кафан берун шуд.

Аз сеҳри ду чашми ту бигаштам бехоб,
Аз рашки туву ишқи ту гаштам нотоб.
Шабро ҳама бо хаёли ту кӯр кунам,
Дил дар дами оташ асту ду дида пуроб.

Раъногуламу гулона аст афъолам,
Дар ҳар варақам бихону бин аъмолам.
Пар-пар макунам чу боди сарди пойиз,
Барбод равад накҳату резад болам.

Дар боми назар лолаи бишкуфта шумо,
Дар зеҳн маро маънии бинҳуфта шумо.
Ҳозир ҳама ҷо ба мисли овозаи хеш,
Ғоиб зи назар чу рози ногуфта шумо.

Дарё зи сари дигар чу савдо гузарад,
Чун хобу хаёл аз дили шабҳо гузарад.
Ҳар мавҷ ситеза карда бар мо, гузарад,
Бо печу хамаш чу як муаммо гузарад.

Баъди сари ман маро сано мегӯӣ,
Аз турбати ман нишони ман меҷӯӣ.
Санги дили худ ниҳода бар санги мазор,
Аз сабза шамими зулфи ман мебӯӣ.

Шому саҳарам ба ёди рӯи ту гузашт,
Ҳар як нафасам асири бӯи ту гузашт.
Дастам ба дуо, сӯи ту кардам саҷда,
Ин умр ба зикру гуфтугӯи ту гузашт.

Ман саҷда ба он Худои Раҳмон орам,
Сад шукру дуо барои инсон орам.
Як умри дароз саҷда бар сӯи Худо,
Бар номи шарифи Тоҷикистон орам.

Доғи дили ман аз ғами ту пайдо шуд,
Гул карду чу хори ғафлате эҳё шуд.
Гар бори дигар ашк ба поят резам,
Бинӣ, ки чӣ сон обилае пайдо шуд.

Аз водии рафтагон бикардам гузаре,
Буданд на кам на беш аз ҳамдигаре.
Гуфтам, кӣ бувад ғолибу кӣ куштаи ӯ,
Як рӯз сипар кардаму н- омад хабаре.

Ӯ рафт зи бар, тира бишуд ин маҳфил,
Он ёр ки дошт дар бари мо манзил.
Ё тавба, Худо, на сеҳру ҷодуву фиреб,
Рафтаст зи бар, вале нарафтаст зи дил.

Гулбуттаи бахти ман надорад ранге,
Дар саҳнаи ғам нишастаам чун санге.
Шамъи дили ман зи сӯхтан об шуда,
Оинаи дил хиранамо аз занге.

Чун оҳ кашам, зи як нафас месӯзӣ,
Аз оташи дил, чу хору хас месӯзӣ.
Аз булҳавасӣ куҷо расӣ бар ҷое,
Як умр дар оташи ҳавас месӯзӣ.

Ман бо ғами ту зистаам умри дароз,
Ҷуз ёди туам касе нашуд маҳрами роз.
Мурғи дили ман ҳавои ту дорад, лек
Ҳайфо, ки параш шикасту монд аз парвоз.

Ман шохаи арғувон будам, зард шудам,
Аз дасти ту пажмурдаву пургард шудам.
Бо ин ҳама ишқу ҳиммати мардона
Ҳайфо ки асири ишқи номард шудам.

Раҳгумзадаем мо дар ин роҳи дароз,
Раҳтӯша зи ғам, роҳ куҷо, қисматсоз?
Ё Раб, назаре ба ҷониби мо андоз,
Шоҳинсифате ризқ расон дар парвоз.

Бо ақли расо равем наздику ба дур,
Сарбарфалако, чӣ ғафлатии зи ғурур.
Бозой ба худ, ки раҳ бувад пасту баланд,
Бар чоҳ занӣ, зи бас бувад чашми ту кӯр.

Бозичаи дасти рӯзгорон моем,
Чун булбули дар қафас ба афғон моем.
Аз кардаву нокарда пушаймон моем,
Нодида ҳавасҳову пурармон моем.

Дил дар сари раҳ нишаста, дилдор куҷост?
Раҳбину зи роҳ бохабар, ёр куҷост?
Пайвандгаро, куҷо бишуд нимаи ман,
Ӯ нимаи кист, банди асрор куҷост?

Пайғом зи навбаҳори гулгун моем,
Булбул бисаро, ки зору маҳзун моем.
Гӯӣ, ки ба ошиқӣ зи ту нест фузун,
Эй ошиқи лафзӣ, аз ту афзун моем.

Нури назарат ба дил саодат орад,
Меҳри ту ба дил тухми садоқат корад.
Боре ба лаби ту зикри номам биравад,
Аз лаъли лабат гули муҳаббат борад.

Дунё, ки бино ба адлу инсоф бувад,
Оинаи хонааш аз он соф бувад.
Эй он ки ниҳон паси кухи эҳсонӣ,
Кӣ гуфт, ки он паси куҳи Қоф бувад.

Дар гавҳараки чашми ту маҳро дидам,
Парвози кабӯтари нигаҳро дидам.
Аз мазрааи муҳаббати шодобам,
Гулҳои муҳаббату фараҳро чидам.

Армони дилам ба диданат нест адо,
Ҳарчанд ҷудоӣ, дили ман нест ҷудо.
Ман ғарқи муҳаббат шудаам, баҳри Худо,
Лайлӣ манаму зи Қайси ман нест вафо.

Озурдадилам, мадеҳ дигар озорам,
Ман тозагулам, макан ту аз гулзорам.
Аз булбули хушнаво, биомӯз сабақ,
То қадр кунӣ маро, насозӣ хорам.

Ин абр, ки андар осмон аст, ғам аст,
Бахти сияҳи касеву чашми банам аст.
Ҳар ахтари он бароҳи фарзандонаш,
Чашмони ғамини модари пуралам аст.

Ҳар майса, ки аз хок бурун омадааст,
Аз меҳру муҳаббати фузун омадааст.
Дар ҳар ваҷаби хок шаҳиде хуфта,
Яъне ҳама бо қимати хун омадааст.

Ин ғунча, сад афсус, ба пирӣ нарасад,
Муҳтоҷи асо ба дастгирӣ нарасад.
Бо ҳиммати паст кас ба боло наравад,
Бо чашми гурусна кас ба мирӣ нарасад.

Рӯи ту бувад чу рӯи моҳу хуршед,
Ё чун гули шаб, ҷилои он сурху сафед.
Ду дидаи нилият чу нилуфари ноз,
Ё ахтари бахт дар дили субҳи умед.

Умр аст равону мо равонем ҳама,
Нафс аст, ки мо дар ғами ҷонем ҳама.
Ё сӯхтаем ҷумла дар оташи дил,
Ё куштаи шамшери забонем ҳама.

То дар дили ту чароғи меҳр афрӯзам,
Дар тобу таби фироқ то кай сӯзам?
Бо ашк чӣ сон оташи ғамро бикушам,
То чанд ба зери селборон сӯзам?

Ин гардиши чарх эй басо сар хурдаст,
Аз моҳ гирифтаву ба чоҳаш бурдаст.
Пас хайр куну нек бимон, эй солеҳ,
Бадкардаву чаҳканда пушаймон мурдаст.

Дастам наравад пеш, ки эҷод кунам,
Бо байту ғазал маҳфиле обод кунам.
Аз боиси ин ҷаҳони пур аз фарёд
Диққи нафасам, чӣ гуна фарёд кунам?

Аз макри замона оқибат пир шавӣ,
Аз хеш нарафта, чун ҷаҳонгир шавӣ?
Ноланда зи тақдир ту бошӣ то кай,
Вақт аст, ки боланда зи тақдир шавӣ.

Байту ғазалу таронаро пазмонам,
Дунёи пур аз фасонаро пазмонам.
Боз ой ба ҳар баҳона бар дидорам,
Як умр чунин баҳонаро пазмонам.

Ё Раб, гули аввали баҳоронам кун,
Зебандаи гӯши гулъузоронам кун.
Зинҳор масозам гули зарди ҳиҷрон,
Як тозагули умеду армонам кун.

Бо дӯст ҳамеша авҷи гардун ҳастӣ,
Пуршӯру чу рӯди Ҷайҳун ҳастӣ.
Гар нокасиву ҳарис, бо ҳукми амал,
Вораста зи доманаш, равӣ бар пастӣ.

Аз дурии мост байни мо роз ниҳон,
Ҷуз роҳи муҳаббат набувад роҳи амон.
Хуршедсифат агар наёем ба ҳам,
Ин абр пароканда нагардад зи миён.

Магзор, ки номи некат олуда шавад,
Қурбонии орзуи беҳуда шавад.
Магзор, ки умри кӯтаҳат гардад хор,
Ин оҳи дилат дар осмон дуда шавад.

То мо ба ҷаҳони ростин омадаем,
Сарзер ба рӯи ин замин омадаем.
Афтодани мо зи фоли қисмат бошад,
Афсӯс махӯр, ки инчунин омадаем.

Ё Раб, чӣ кунам, умр шитобон гузарад,
Аз доғи фироқ зору нолон гузарад.
Фардо чурасад ҳавои гулбазми фараҳ,
Ҳайфо, ки гулафшони баҳорон гузарад.

Тақдир маро хандаба лаб ҳеҷ накард,
Раҳҷониби водии талаб ҳеҷ накард.
Ман ахтари шаб ба рӯз ҳам медидам,
Лек ахтари бахти ман ба шаб ҳеҷ накард.

Доғи аламат бар гули шаб мемонад,
Ишқу ҳавасат ба сӯзу таб мемонад.
Ноқадршиносии ту фонист, вале
Бахтам ҳама дам хандабалаб мемонад.

Аз тавсани ҷаҳлу зулмату ғадр фаро,
Дар дил шарари муҳаббатат нест чаро?
Гар як сари мӯ хор куниям пас аз ин,
Беҳ, ки ба қаламкамон паронанд маро.

Ҳар гаҳ ки ту шод биниям, шод бишав,
Бо ман ту бимону хонаобод бишав.
Як ишқу муҳаббати ҳалолам бахшо,
Ширин манаму биё, ту Фарҳод бишав!

Магзор, ки луқмаи ҳаромат бошад,
Фардо ба рухат гарди надомат бошад.
Имрӯз, ки дар базми касон сармастӣ,
Фардо зақуми талх ба ҷомат бошад.

Ҳодии дилам ҷазбаи ҷодуи ту бод,
Таскини ғамам забони хушгӯи ту бод.
Ҳар як нафасам зи атри гесӯи ту бод,
Ёдам ҳама овора сари кӯи ту бод.

Умрам ба ғамат рафту фано як қадам аст,
Бемори туам, чӯби асоям қалам аст.
Чун нест маро умеди дидори дигар,
Таскини дилам фақат хаёлу алам аст.

Уммед чу тори тортан канда шуда,
Ёдат зи фазои дил пароканда шуда.
Гар нури нигоҳи ту нагардид насиб,
Армони муҳаббат ба дил зинда шуда.

Чун маст шавӣ, гуфта фаромӯш шавад,
Фонуси хирад хираву хомӯш шавад.
Рашку ҳасаду бухл бигирад доман,
Ҳушёр шавӣ чу, бор бар дӯш шавад.

Рози дили худ ба раҳгузар ҳеҷ магӯй,
Ғамхор миёни душманон ҳеҷ маҷӯй.
Бингар, на ҳама дӯст бувад хеши қарин,
Он гул, ки бувад зи буттаи банг, мабӯй.

Хуш бош, ки ин умр дигар пас н-ояд,
Бо хайр бизӣ, ки боз гардад шояд.
Андеша намо зи гуфтаҳои боло,
Оқил бошӣ, маро бифаҳмӣ бояд.

Рӯзе набувад, ки ғам напечад дили ман,
Бо ашк магар сиришта бошад гили ман.
Эй бехабарон, умр ғанимат донед,
Байту ғазал аст партави манзили ман.

Ҳайфо, ки касеро зи ман огоҳӣ нест,
Ҷуз роҳи фано маро дигар раҳе нест.
Чун дасту дилам дасту дили кӯтаҳ ку,
Ҷуз хоки адам ба мо тарабгоҳе нест.

Аз чӣ зи ситезаи фалак бехабарем,
Чашму дили мо куҷо,чаро кайназарем?
Раҳгумзадаи ҳавою роҳи мастӣ,
Дилдодаи молу сарвату симу зарем?!

Ман қадри гули баҳору ҳастӣ донам,
Ҳам ҳосили ҳар кинапарастӣ донам.
Бигзашт зи ҳад ғуруру нодонии мо,
Мағрур равон аст ба пастӣ, донам.

Мо ғам бихурем, қалби мо ғам бихурад,
Моро ғами беши даҳр кам -кам бихурад.
Байни ману мурда набувад фарқ дигар,
Ҳар як нафасам аждари мотам бихӯрад.

Бар чашми хирад хок мапош, эй номард,
Аз ҳоли дили зор бипурс, эй бедард.
Омӯз ту сӯхтан зи парвонаю шамъ,
Аз хоби гарон хез даме, эй дилсард!

Дидору ҷамоли ту маро тақдир аст,
Нури назарат фитода домангир аст.
Он рӯи хушат чу моҳ дар тасвир аст,
Мӯи сияҳат дидаву шаб тасхир аст.

Ёрон, ба алам кунед бо ҳам нола,
Бо ёди гузаштагони чандинсола.
Шукронакунон гаҳе бипурсед аз худ,
Хуб аст магар доғдилӣ бар лола?

Дар пеши аҷал, ки рангро бохтаӣ,
Хуш бо каму беши зиндагӣ сохтаӣ.
Чун нафсу ҳасуду ғам ба мо душман буд,
Аз баҳри чӣ худ ба қолаб андохтаӣ?

Кам гӯ, ки дар ин замона мо хор шудем,
Бар қисмати носазо гирифтор шудем.
Ғам хурдаву кам хурда қаноат кардем,
Лекин зи ғами замона бемор шудем.

Маст аз сухану теғи нигоҳаш бинамуд,
Овораи он рӯи чу моҳаш бинамуд.
Парвонасифат майли висолаш кардем,
Раҳгумзада гашту тарки роҳаш бинамуд.

Афсӯс, ки бо ман накунӣ пайғоме,
Аз боғи муҳаббат накунӣ инъоме.
Аз лутф бикун, агар тавонӣ, назаре,
То субҳи умедам нанамоӣ шоме!

Кай ман талаби умри дусадсола кунам,
Шукронаи ин ҳаёти пурнола кунам.
Ман медонам, нафси бало качнигар аст,
Бар ҳоли зинафсмурдагон нола кунам.

Тасвири аҷал намуда пирони ҷаҳон,
Бо ҳар навъе, ба ҳар маҳомеву замон.
Собит набувад ҷоҳу маконе, ки турост,
Инро ҳама дидем ба шахси дигарон.

Гаштам ҳамаи рӯи ҷаҳонро, эй ёр,
Дидам ҳама каҷравии онро, эй ёр.
Ҳар неку бадашро, ки сазовор будем,
Мирзои азал навишт монро, эй ёр.

Ин омадану рафтани мо пайваста,
Асрори ҷаҳон вале ба мо сарбаста.
Пас кӣ бидиҳад ҷавобу кӣ пурсад боз,
Ин косаи сабри дили мо нашкаста.

Магзор, ки зиндагии ту хор шавад,
Умри гузарони ту пурозор шавад.
Аз дасти касе гир, ки рӯзе бирасад,
Аз даст бигирадат, чу даркор шавад.

Саргаштагии маро ту аз бод бипурс,
Заҳматкашии маро зи Фарҳод бипурс.
Одам оё зи сангу оҳан бошад,
Пуртоқатиям аз мису фӯлод бипурс.

Илме, ки ҳақиқат бувадаш, нест аён,
Кас нест муяссараш ба ҳар давру замон.
Донӣ, ки чӣ қудрате ниҳон аст дар ӯ,
Асрор ҳамон асту ҳамон асту ҳамон.

Бар чархи фалак кучо ситезу бозист,
Кам гӯй, ки он зи кори моён розист.
Гар кач бикунад, качнигарӣ ҳеч макун,
Гар қаҳр кунад, ними нигоҳаш кофист.

Дунёи ҳақиқат ҳама афсона бишуд,
Маъшуқа ба дилбохта бегона бишуд.
Ё Раб, чӣ муаммову чӣ савдо бошад,
Аз умр хушӣ бирафту ғамхона бишуд.

Одам гӯянд, чумла як дам гӯянд,
Чун кӯзаи бесадои пурғам гӯянд.
Меҳнатзадаву ғофилу сархам гӯянд,
Бисёр бипӯянд, вале кам гӯянд.

Устоди азал бар ҳама қисмат созад,
Эъчоз кунад қолаби мо пардозад.
Санчида ба рӯи хок якчанд туро,
Аз хок баровper ба хок андозад.

Чун боди саҳар макун ту, ёрам, гузаре,
Бар сӯи рақиб гаштаӣ бодваре.
Пайғому нафасҳои ту нек аст, биё,
Баркаш гули Раънову бибӯ ҳар саҳарӣ.

Ман хурда ғами замона, он кушт маро,
Ку ёри азизу ку ҳамон пушт маро?!
Дар саргаҳи сад хаёлу парвози умед
Навмедӣ ба сар бизад басе мушт маро.

Боз о, ки баҳори ғамзудо мегузарад,
Дарёдилии шоҳу гадо мегузарад.
Чун шабнаму гул умри ҳавас кӯтоҳ аст,
Умри сари мо ба сад хато мегузарад.

Ранҷ ар набарӣ, ба қадри роҳат нарасӣ,
Заҳмат накашӣ, ба қадри заҳмат нарасӣ.
То гул ба гуле шаҳд накобӣ, Раъно,
Дар пайраҳаи шеър ба шӯҳрат нарасӣ.

Гар рост равӣ, ба кӯи мақсуд расӣ,
Аз байни ҳазор оташу дуд расӣ.
Некӣ бикуну хайру саховат бинамо,
Бар мартабаи азиз бас зуд расӣ.

Фарёд аз ин қофилаи қофилабоз,
Бо шавқ бизӣ, ки зиндагӣ нест дароз.
Оед ҳам бари ба бар биншинед,
Як рӯз баногаҳе равед аз ҳам боз.

То кай зи ғами кас он кунӣ худ сӯзӣ,
Нони дигарон ба худ намоӣ рӯзӣ.
Бингар, ки ба аспи ғам саропо бибаранд,
Бо риштаи умри кӣ, кафанро дӯзӣ?

Эй дил, ту ғами замонаро камтар кун,
Навмед мабошу хубро бовар кун.
Хуб аст, бад аст, умри мо мегузарад,
Саршор зи бодаи фараҳ соғар кун.

Наврӯз биё, оҳи дили вола бубар,
Доғаз ҷигари сӯхтаи лола бубар.
Наврӯз, биё, ба муждаи наврӯзӣ
Аз булбули бечора ғаму нола бубар.

Дил он чи, кашад варо раво бишморанд,
Ғам ҳаст ҳарому дил ба ғам биспоранд.
Аз май фараҳ аст, аз чи набошад мумкин?
Худ гом ба табъи дили мо нагзоранд.

Аз дафтари амвол биҷустам фолам:
Ҳар рӯз баду бад бишавад аҳволам.
Гуфтам, чӣ хате бувад миёни абрӯ,
Гуфто, ки ҳамин бувад гувоҳи ҳолам.

Дил шод кунем, то даме ҳамнафасем,
Парвона шавем, то бурун аз қафасем.
Ҳар лаҳзаи умр ҷумла бо ҳам бошем,
Баъде, ки равем, кай ба ҳам боз расем.

Рӯҳу дили ман ҳарфу калом аст мудом,
Ҷону тани ман зи хоки хом аст мудом.
Эй хурдаҷаҳон, чаро маро хом хурӣ,
Сӯзу таби ман даруни ҷом аст мудом.

Ҳарчанд ситезадам ҷаҳон, бахшам боз,
Пеши раҳи ман бигирад ӯ, рахшам боз.
Неши суханаш агар дилам пора кунад,
Чун модару чун замин варо бахшам боз.

Бардор майи нобу бикун айши замон,
К-аз умри ту на асар бимонад, на нишон.
Парвои замон нест, чаро омадаӣ?
Рафтанду равему ин ҷаҳон аст ҳамон.

Эй даҳр, чаро ҳалоки ту хушку тарем,
Ҳарчанд ғуломи ту ба сад пову сарем.
Як умр бисозему хасе худ набарем,
Аз по фиканиву пас равон мо ба сарем.

На сур бидодиям на ғам, соқии умр,
На роҳ нишон дода, барам боқии умр.
На пири хирад шудӣ, ки дарсам бидиҳӣ,
Маҳвам бикунӣ ба зулму зарроқии умр.

Он ки накашад ранҷ, ба ёре нарасад,
Чун хор нашуд, ба гулъузоре нарасад.
Гар хок нашуд фитода дар раҳрави ёр,
Бар гарди раҳи пои нигоре нарасад.

Чархо, фалако, дили маро чок макун,
Ғам мехурадам, ту низ ғамнок макун.
Хоке, ки маро насиби ҳастӣ бинамуд,
Тири ғазабат мазан, сипас хок макун.

Рӯзу шаби даргузар чи панде будаст,
Умри гузарон ҳосили фанде будаст.
В- он тӯҳфа, ки умри даргузар хоҳад дод,
Як пушта ба як чӯби заранге будаст.

Шо аст ба ҳар замона оне, ки хас аст,
Ғамхораву ғамкашаст, оное, ки касаст.
Беор, чу шохае бурун аз гулу бар,
То хам шуданаш бубин, ки афлокрас аст.

Кардам назаре ба сабзазори лаби ҷӯй,
Як лаҳза зи боғи Ирамаш кардам бӯй.
Эй чархи фалак, чӣ гуна пурасрорӣ,
Гаҳ гӯшкарӣ, гоҳ шикофӣ тани мӯй.

Эй он, ки ҷаҳон намудаӣ наққошӣ,
Бар рӯи дилам алови ахгар пошӣ.
Дидем ҷаҳони ту, чӣ сон дил биканем,
Сабрам бифирист, агар ки ёрам бошӣ.

Чун ақл ба сар занад, нафас танг шавад,
Умрат гузарад, хуни ҷигар санг шавад.
Фарёди дилат ба гӯши дунё нарасад,
Дунё ба назар баҳори беранг шавад.

Кӯшиш бинамо ба қадри ёрон бирасӣ,
Ҳар ҷо, ки қадам ниҳӣ, ба ҷонон бирасӣ.
Парвои туро надорад ин умри гузар,
Бар коми дили хеш расӣ ё нарасӣ.

Аз он чӣ ки дидаӣ кунӣ беш ҳазар,
Нодидаи худ беш бисозӣ бовар.
Бар умри рабудамон на раҳму шафқат,
Аз даст варо дода, хӯрӣ хуни ҷигар.

Моему сари баланди бар хок равон,
Дилдодаи умрем, пазирои хазон.
Моему тани хокии пурнақшу нигор,
Миранда ба ҷон, вале ба гил решадавон.

Эй чархи фалак, дилам ба танг омадааст,
Чун шиша ба зери зарби санг омадааст.
Ҷоне, ки амонатаст, бигзор биравад,
Аз толеъи хештан ба нанг омадааст.

Эй чашми сарам, ту ноларо камтар кун,
Эй ҷону танам, ба хештан бовар кун.
Эй ақли расо, даме ту солим бинигар,
Дарсе, ки ҳаёт медиҳад, аз бар кун.

Ҳар ки зи пайи ишқ бишуд, шайдо шуд,
Сад таъна шунида оқибат расво шуд.
Шаб дар ғами рӯзу ҳама рӯз аз пайи ёр,
Ҳарчанд давид, оқибат расво шуд.

Ё Раб, асаре зи умри беҳуда чӣ суд?
Ё лабшакаре зи ҷони н-осуда чӣ суд?
Фирдавсу ҷазо, қазову умри гузаро,
З-ин омаду рафт, рози накшуда чӣ суд?

Гар умри равон фишорадам, хурсандам,
Гар хуни дилам бароварад, дилбандам.
Гар захри ҳалоилаш диҳад, менӯшам,
Зеро ки ба ҳар ситезааш побандам.

Аз худ ту марав, магӯ ҳамеша тараб аст,
Ҳарчанд ки нафси ту ҳаме дар талаб аст.
Чашмат бикушо, ки як нафас дорӣ нақд,
Дунёи муҳаббат на ба зар, на насаб аст.

Ё Раб, бинигар, ки зар равад даст ба даст,
Ин нафсбадон чаро бад-ин сонанд маст.
Аз зинда ҷудо гирифта аз мурда ҷудо,
Ку фикри сара, ки ин гунаҳ бори кӣ ҳаст.

Ё Раб, ба манат кам бувадо лутфу назар,
Ин хуни яке, яке хурад хуни дигар.
Бозор шуда сарои вайронаи мо,
Ку қадри ҳамон, ки мехурад хуни ҷигар?

Банди ҳавасему марг аз ёд бирафт,
Саргарми шабоб умр барбод бирафт.
Имрӯз чу дил ба айбҷӯӣ бандем,
Умри гузаро бидон, ки бар бод бирафт.

## МУНДАРИҶА

Ғазалҳо........................................................................ 3
Дубайтӣ......................................................................141
Чаҳорпораҳо...............................................................169
Рубоиҳо ......................................................................201

---

**РАЪНО МИРЗОЕВА**

**ГУЛИ РАЪНО**

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 2.07.2013 супурда шуд.
Чопаш 5.07.2013 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 15.
Андоза 60х84 1/16. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17а

Дар матбааи ҶДММ «Олами дониш» чоп шудааст.